Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

# ҒОЯИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ ВА АСОСҲОИ МАЪНАВИЯТ

## СИНФИ 8

Нашри 5-уми пуррашуда ва такмилёфта

***Маркази илмӣ-амалии ғоя ва мафкураи миллӣ ба нашр тавсия кардааст***

ТОШКАНД «MA'NAVIYAT» 2015

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 32.019.5(075)=222.8
КБК 66.3(5Ў)я721+74.200.50
F 80

**Р. ҚЎЧҚОРОВ, М. ҚАРШИБОЕВ,
С. НИШОНОВА, О. МУСУРМОНОВА**

Ин китоби дарсӣ, ки барои синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ пешбинӣ шудааст, дар асоси китобҳои «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch», «O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida»-и Президент Ислом Каримов такмил дода шудааст. Дар он дониш ва мафҳумҳои асосии фанни ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият дар асоси усул ва талабҳои методии замонавӣ инъикос ёфтаанд.

**УЎК 32.019.5(075)=222.8**
**КБК 66.3(5Ў)я721+74.200.50**

**Т а қ р и з д и ҳ а н д а г о н:**

Доктори илмҳои сотсиология ***А. Холбеков***
Номзади илмҳои филология ***С. Олимов***

F 80 Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият: китоби дарсӣ барои донишомўзони синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Р. Қўчқоров, С. Нишонова, О. Мусурмонова, М. Қаршибоев/. Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон. – нашри 5-уми такмилёфта ва пуррашуда. – Т.: «Маънавият», 2015. – 128 с.
Дар сарлавҳа: Вазорати таълими халқи РЎзб.

ISBN 978-9943-04-154-7

**АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:**

– дар хотир доред
– бодиққат хонед
– дониста гиред
– савол ва супоришҳо
– калимаҳои асосӣ
– эҷодкорона фикр кунед

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп карда шуд.**

ISBN 978-9943-04-154-7

© Р. Қўчқоров ва диг., 2015
© «Ma'naviyat», 2015

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Боби I

# ҒОЯИ МИЛЛӢ – ИФОДАИ САЪЮ ОРЗУҲОИ НЕК

## ХАЛҚИ БУНЁДКОР

Донишомӯзи азиз, ҳар як халқ таърихи худ, ҳаёти имрӯза ва ояндаи худро худаш меофарад. Барои ҳамин ҳам, онҳоро қувваи бунёдкор меномем.

**Ин дунё ба туфайли бунёдкорӣ обод ва зебо аст.**

Агар чунин мафҳум ва арзишу анъанаҳои дар асоси он ташаккулёфта набошад, тасаввур кунед, ин олам ба чӣ хел аҳволи хароб гирифтор мешуд: фақат вайронкорӣ, ба ҷойи бунёди шаҳру қишлокҳо, офаридани боғу роғ, аз замин рӯёнидани неъмат ҳиссиёти ваҳшиёнаи толону тороҷ ва вайрон кардани онҳо авҷ гирифта, барои дар ин дунё озодона зистани инсон, оила сохта, фарзанд ба воя расонда, ба амал баровардани орзуву ниятҳои нек мутлақо имкон намемонд. Ин хел ҳаётро бошад ягон халқи дунё намехоҳад.

*Калимаи «бунёдкорӣ» маъноҳои офаридан, сохтан, аз нест ҳосил карданро мефаҳмонад.*

Ҷаҳон аввало киро эътироф мекунад? Ба ин савол чунин фикри Президент Ислом Каримов ҷавоб мешавад:

**«Халқеро, ки бо меҳнат, ақлу заковат ва салоҳият худро парварида, барои ҳимоя, бунёди ояндаи худ бо дастони худ қодир аст, аҳли ҷаҳон эътироф мекунад»[1].**

Дар ҳақиқат, шаҳрҳои қадими моро аҳли дунё омада бо ҳайрат ва ҳаяҷон тамошо мекунанд, ба ақлу заковат ва маҳорати аҷдоди бузурги мо сари таъзим фуруд меоранд. Ё худ ислоҳотҳои миқёсан васеи мамлакати мо, ки имрӯз дар соҳаҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд, комё-

[1] **Islom Karimov**. Vatan va xalq mangu qoladi. –Т.: нашриёти Китобхонаи миллии Ӯзбекистон, соли 2010, саҳ. 15.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



биҳои азими ҳамдиёрони мо дар истеҳсолот, илму фан, маданият, санъат ва спорт ҳам аз тарафи аҳли ҷаҳон эътироф мешаванд. Ҳамаи ин далолат медиҳад, ки аҳли дунё халқеро, ки бо мақсадҳои бунёдкорона умр ба сар мебарад, ба таври ҳаққонӣ эътироф мекунад.

Эҳсоси бунёдкорӣ ҳаст, ки тараққиёт ҳаст. Шаҳрҳои қадимӣ, ки бо онҳо тамоми башарият фахр мекунад, чун Самарқанд, Рим, Бухоро, Париж, Вена, Венетсия, Деҳлӣ, Берлин ва Мадрид, мӯъҷизаҳои меъморӣ ба монанди девори Бузурги Хитой, Регистон, аҳромҳои Миср, Тоҷмаҳал, манораи Эйфел маҳз ба туфайли фаъолияти бунёдкоронаи инсоният ба вуҷуд омадаанд.

Мо аз натиҷаҳои чунин бунёдкориҳо қариб ҳар рӯз, ҳар дақиқа баҳраманд мешавем, пагоҳӣ вақти ба кор ё таҳсил рафтан аз роҳҳои равон, ки сохтмончиён барпо карда, фаррош ва хизматчиён рӯфта мондаанд, хиёбонҳои дилнишин мегузарем. Паҳлӯи фавворахои зебо, ки барои баҳраманд шудани одамон устоҳои гулдаст ва меъморон офаридаанд, дар сояҳои дарахтон, ки боғбонҳо парваридаанд, нишаста, нафас рост мекунем. Ё китобҳои олимонро хонда дониш мегирем, кинофилмҳо, асарҳои саҳна, мултфилмҳои санъаткоронро дида, ҳикояҳои пурмаъноро шунида, фикр, ҷаҳонбинии мо васеъ мегардад, ҳиссу эҳсоси мо тарбия меёбад. Ҳатто нони дастархон, хӯроки мо ҳам маҳсули меҳнати ҳалол – натиҷаи бунёдкории ҳақиқӣ мебошанд.

**Мухтасар гӯем ҳаёти инсон, тараққиёти ҷамъият дар асоси бунёдкорӣ сохта шудааст.**

Дар ин рӯзҳо, ки Шумо ба мактаби қадрдони худ баргашта, соли нави таҳсилро оғоз мекунед, дар мамлакати мо тантанаҳои Иди Истиқлол давом дорад. Ҳар сол дар арафаи иди Мустақилӣ фазилатҳои бунёдкории халқи мо боз равшантар намоён мешавад, дар мамлакати мо иншо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

отҳои нав ба нав ба истифода дода мешаванд, мактабҳо, литсей ва коллеҷҳо, донишгоҳҳо, идораҳои маъмурӣ ва маданӣ, роҳҳо таъмир гардида, ба тартиб оварда мешаванд. Намунаи чунин бунёдкориро Шумо дар мисоли мактаб, маҳалли зист, деҳа ё шаҳри худ ҳам диданатон мумкин.

Аз рӯзҳои аввали ноил шудан ба истиқлолият сар карда, ҳар як инсон ба назди худ вазифаи сохтани давлати нав, ҷамъияти навро, ки дар он ба маънои том озод ва фаровон умр ба сар бурдан мумкин, гузошт. Ин давлат ва ҷамъият давлати демократӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ном гирифт.

*Давлати ҳуқуқии демократӣ, ин давлатест, ки дар ҳоли такя ба қонунҳо ривоҷ меёбад, хоҳишу иродаи халқ дар он нақши асосӣ мебозад. Ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҷамъиятест, ки шаҳрвандон ва ташкилотҳои онҳо дар идораи давлат фаъол иштирок карда, нақши ҳалкунанда мебозанд.*

**«Демократия, пеш аз ҳама, давлати пурзӯри ҳуқуқӣ, ҷамъияти пурзӯри шаҳрвандӣ мебошад, ки дар асоси меъёрҳои маънавӣ идора мешавад. Гуфтан мумкин, ки давлати ҳуқуқӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ду ҷиҳат, ду қаноти ба ҳам узван вобастаи демократия мебошанд»[1].**

Маънову мазмуни ин фикрҳои Президенти моро андеша карда бинем. Демократия аломати асосии ҷамъияте будааст, ки дар асоси омилҳои муҳим чун меъёрҳои маънавӣ, яъне ахлоқу одоб, ақлу заковат, ҷаҳонбинии солим, қобилияти фикрии инсон идора мешудааст, мо чӣ қадаре зиёдтар хонем, касбу ҳунарҳои замонавӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро пухта азхуд кунем, дар идораи ин ҷамъият ҳамин қадар фаъол иштирок карда метавонем. Бо зиёд шудани сафи чунин одамон, давлати ҳуқуқии демократӣ ҳам пурзӯр мешавад. Ин давлати пурзӯр, барои гузаштан ба ҷамъияти шаҳрвандӣ асос мегардад.

Шумо боз ҳаминро донед, ки дар ҳар як инсон, барои меҳнат кардан қувваю ғайрат, майл ба ягон касб, қобилият ва истеъдод мешавад. Албатта, барои ба амал баровардани

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 108.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ин хусусиятҳо, аввало, худи одам бояд ҳаракат кунад. Баробари ҳамин, давлат ва ҷамъият ҳам дар ин масъала бояд шарту шароити зарурӣ фароҳам оварад. Давлат ва ҷамъият барои ҳамин лозим. Вагарна, ҳам қувваю ғайрат, ҳам қобилият ва истеъдоди одам аз сабаби истифода нашудан, ривоҷ наёфтан суст шуда меравад. Барои ҳамин, дар мамлакати мо ин масъалаҳо ба эътибор гирифта шуда, дар бунёди ҷамъияти нав, пеш аз ҳама, инсон ба сифати қувваи бунёдкор бузург дошта мешавад. Халқи мо, хусусан, барои дар роҳи бунёдкорӣ тарбия намудани қувваю ғайрати ҷавонон, қобилият ва истеъдоди онҳо, аввало ба додани таълиму тарбия дар асоси талабҳои замонавӣ ба онҳо, омӯзонидани касбу ҳунарҳои пешқадам, тарбияи онҳо чун инсонҳои аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ комил аҳамияти калон медиҳад.

**Солимӣ ва камолотро бе эҳсоси бунёдкорӣ тасаввур карда намешавад.**

Бунёдкорӣ фазилати бузург буда, он ҳар рӯз, ҳар соат ба кори нек сафарбар кардан, чизе офаридан, кашф кардан, дастро ба кор, шуурро ба фикр, қалбро ба ҳисҳои нек омӯзонидан мебошад. Кори соҳиби чунин фазилатҳо нимкора намешавад. Вай кори оғозкардаро албатта ба охир мерасонад.

Халқи мо аз азал бо чунин фазилати бунёдкорона хона, маҳалла ва диёри худро обод карда омадааст. Ба туфайли бунёдкорӣ ҳеҷ вақт ба дигарон мӯҳтоҷ нашудааст. Дар назди дигарон ҳам сараш, ҳам ғурураш мисли кӯҳ баланд аст.

**Обидаҳои зебои меъморӣ, шаҳр ва қишлоқҳои обод, завод ва фабрикаҳо, роҳҳо, кӯпрукҳо, боғу роғҳо, ки дар қадим ё имрӯз бо меҳнати халқи мо барпо шудаанд, намунаи бунёдкории моддӣ мебошанд. Дар ҳаёт бунёдкории шаклан маънавӣ ҳам мавҷуд. Эҳсосот ва мафҳумҳо, арзишу анъанаҳои маънавӣ, ки дар давоми асрҳо аз тарафи ҳар кадом халқ офарида шуда, аз санҷишҳои замон безавол гузашта, сайқал меёбанд, намунаҳои бунёдкории маънавӣ ба ҳисоб меравconfiguration.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мо, вақте ки биноҳои қадимӣ ва замонавии шаҳрҳои калони худро мебинем, ба ҳусни онҳо мафтун мешавем, ба чӣ қадар воло будани салоҳияти бунёдкоронаи моддии халқи мо боварӣ ҳосил мекунем ва қалби мо пур аз фахру ифтихор мешавад. Дар баробари ҳамин, бузургии салоҳияти маънавии усто ва меъморонеро, ки тарҳ ва реҷаи ин биноҳоро кашида, масолеҳи бинокории онҳоро интихоб кардаанд, эътироф мекунем. Тасаввур мекунем, ки агар рафту чунин инсонҳо набошанд, ин гуна биноҳои дилрабо барпо намешуданд.

Хулоса карда гӯем, халқи бунёдкор қудрати офарандагии худро бо меҳнат, касбу ҳунар, ақлу заковат намоён карда, дар таърихи дунё нақш мегузорад, ки ин дар ҳаёт бахти хеле бузург мебошад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Чӣ хел одамро бунёдкор номидан мумкин?
2. Оё бачаи танбал, коргурезро бунёдкор гуфтан мумкин аст?
3. Шумо дар вақти холӣ бо чӣ корҳо машғул мешавед?
4. Ба падару модар дар корҳои хона ёрӣ мерасонед?
5. Падару модаратон ба Шумо кадом кор ва ҳунарро омӯзонидаанд?
6. Шумо дар дӯстони худ кадом фазилатҳои бунёдкориро мушоҳида кардаед?
7. Неъмат ва бойигариҳои дар расмҳои зерин инъикосшуда натиҷаи чист?

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҒОЯИ МИЛЛИИ МО

Донишомӯзи азиз, Шумо дар бораи ғояи миллӣ, аҳамияти он дар ҳаёти халқ, миллат ва ҷамъият, дар синфи 7 пурра хабардор шудед.

**Ғояи миллӣ ғоя ё маҷмӯи ғояҳое мебошад, ки барои амалӣ кардани вазифаҳои воло, ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ дар қалби одамон боварӣ бедор карда, онҳоро муттаҳид намуда, сафарбар мекунад. Дар ҳар мамлакат дар қатори арзиш ва анъанаҳо, бойигариҳои моддӣ ва маънавӣ эҷодкори ғояи миллӣ ҳам халқест, ки дар он ҷо умр ба сар мебарад.**

Пас, ғояи миллӣ худ аз худ пайдо намешавад. Он ба сифати натиҷаи мақсаду муддаои халқ, миллат, ки тӯли асрҳо орзу карда, ба он саъй мекард, ташаккул меёбад. Лекин ин чунон ҷараёни мураккаб аст, ки барои пурра тасаввур кардани он, таърихи қадим ва тӯлонии ҳамон халқ ёки миллатро аз пеши назар гузаронидан, фаҳмидан ва дарк карданамон лозим мешавад.

Вақте, дар ин боб гап меравад, пеш аз ҳама, як ҳақиқатро дар ёд доштан лозим: дар ин дунё, чуноне, ки душмани хубӣ бисёр аст, душмани фикр ва ғояи нек ҳам бисёр мешавад. Худи мо ҳам дар ҳаёти рӯзмарра ба душвориҳо дучор мешавем. Баъзан ба ноумедӣ меафтем. Лаҳзаҳое ҳам мешавад, ки дар ба амал баровардани орзуи худ ба қувва, имконияти худ шубҳа карда, гирифтори нобоварӣ, рӯҳафтодагӣ мешавем. Дар ин ҳолат ба мо чӣ ёрдам медиҳад? Аввало, инсонҳои хуб дар атрофи мо: падару модар, устодон, бародар ё хоҳарон, дӯстони наздик насиҳат карда, руҳи моро бардошта, ба боварии мо боварӣ зам мекунанд. Ё



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

образҳои инсонҳои боирода дар китоб, кино, театр дар хаёли мо аз нав зинда шуда, гуфта ба мо такон дода, суст нашав, худро ба даст гир, гуфта ба некӣ даъват мекунанд.

Халқҳои дунё ҳам дар давраҳои нахустини таърихи худ гоҳ ба душвориҳои табиат, гоҳ ба ҳаракатҳои истилогаронаи қувваҳои зишти гирду атроф дучор меоянд. Дар чунин лаҳзаҳои вазнини санҷиш, онҳо дар баробари хона, оила ва Ватани худ, кӯшиш мекунанд, ки ҳиссу эҳсосот, мафҳум ва тасаввурот, мақсаду муддаоро ҳам, ки дар давоми асрҳо авлоду аҷдоди онҳо эҳтиёт мекарданд, нигоҳ доранд.

**Фақат халқ ва миллате, ки бойигарии маънавиро дар ҳар шароити вазнин нигоҳ дошта метавонад, ба нигоҳ доштани худшиносии миллӣ, қиёфаи таърихии худ ноил мегардад. Дар ин кор ба вай ғояи миллӣ ёрӣ мерасонад.**

Ғояи миллӣ, дар муттаҳидӣ ва ягонагӣ будани қувваи ҷамъиятро ҳамеша ёдоварӣ намуда, ба ҳар як вакили миллат қувваю ғайрат мебахшад.

Асоси ғояи миллии моро се мақсади бузург — осоиштагии диёр, равнақи Ватан ва фаровонии халқ ташкил мекунад. Фикрҳои Президенти мо Ислом Каримовро дар ин бора дар хотир доред:

**«Табиӣ, ки ғояи миллии мо ниятҳои олиҷаноб, манфиатҳои ҳаётии одамони ин диёрро, ки мафҳумҳои волоро ба монанди осоиштагии диёр, равнақи Ватан ва фаровонии халқ дар бар мегирад, муҷассам мекунад»[1].**

Ғояи миллии мо соҳиби таърихи ташаккул ва ривоҷёбӣ буда, низоме мебошад, ки дар ҳамоҳангӣ бо талабҳои замон муттасил бой мешавад. Дар таркиби ин низом боз ғояҳои аз қабили инсони комил, ҳамкории иҷтимоӣ, тафоҳуми байнимиллӣ, таҳаммули байнидинӣ (толерантнокӣ) нақши муҳим доранд.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 72.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисли ҳама гуна ғояҳои миллии ҷаҳон, ғояи миллии мо ҳам асосҳои таърихӣ ва фалсафӣ дорад.

**Яке аз асосҳои муайянкунандаи маънову мазмуни ғояи миллӣ — ин таърихи бостонӣ ва бойи халқ мебошад.**

Дар ҳақиқат, ба таърихи бисёрасринаи кишвари мо назар андозем, дар он як қатор ҷидду ҷаҳди ба мардуми мо хосро мебинем, ки самтҳои асосии ғояи миллиро муайян карда медиҳанд. Саъйу ҳаракати доимии халқи мо барои озодӣ ва истиқлолият аз ҷумлаи он аст. Дар таърихи мо мисолҳое, ки ин ҳақиқатро тасдиқ мекунанд, хеле зиёданд. Дар мисоли муборизаҳои зидди душман бурдаи аҷдоди мард ва ҷасури мо аз қабили Томирис ва Шерак, Спитамен, Ҷалолиддин Мангубердӣ, Темурмалик, Амир Темур ба ин боварӣ ҳосил кардан мумкин. Ё худ дар давраи мустамликадории охирин ҳаракати ҷадидони маърифатпарвари мо барои озодӣ, муборизаи халқи мо таҳти сарварии Президент Ислом Каримов охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар роҳи истиқлолият, дар шароити хеле вазнин эълон кардани истиқлолият, аз муқаддас будани озодӣ барои ин сарзамину халқи он гувоҳӣ медиҳанд.

Китоби «O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida»-и сарвари диёрро хонед, дар ин бора мукаммал медонед.

Асосҳои таърихии ғояи миллӣ нишон медиҳад, ки бунёдкорӣ, меҳнатдӯстӣ аз азал фазилати асосии халқи мо, яке аз мақсадҳои устувори он будааст. Шаҳрҳои бостонии мо, обидаҳои меъмории дар ҷаҳон эътирофшудаи мо, дурдонаҳои маънавият аз қабили «Авесто», «Шашмақом», «Алпомиш», ки аз ҷониби аҷдоди мо офарида шудаанд, маҳсули ҷидду ҷаҳди бунёдкоронаи халқи мо мебошанд. Ана ҳамин ҷидду ҷаҳд ҳам барои ғояи миллӣ асос шудаанд.

Халқи мо аз замонҳои қадим ба тарбияи фарзанд, мустаҳкамии оила аҳамияти калон медиҳад. Дар ташаккул ва камолоти инсон муҳити оилавӣ, анъанаҳои мероси падару бобоён мавқеи муҳим дорад. Ҳамин ҷидду ҷаҳд ҳам, ки аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

озмоишҳои ҳаёт гузаштаанд, тамоил ва мафҳумҳое ба ҳисоб мераванд, ки асоси ғояи миллиро муайян менамоянд.

**Асоси фалсафии ғояи миллиро, пеш аз ҳама, донишҳои дунявӣ, дурдонаҳои фалсафаи ҷаҳонӣ муайян мекунанд.**

*Донишҳои дунявӣ гуфта, донишҳо дар бораи олами атроф, табиат, қонуният ва хусусиятҳои ривоҷи онҳо, инсон ва ҷамъият фаҳмида мешавад.*

Шумо ин донишҳоро тавассути фанҳои гуногун омӯхта истодаед. Дар асоси ҳамин донишҳо тасаввуроти Шумо оид ба ҷаҳон, инсон ва ҷамъият васеъ мегардад.

*Дурдонаҳои фалсафаи диёр ва ҷаҳонӣ гуфта, асарҳои фалсафиеро мефаҳмем, ки ба ривоҷи тафаккури инсоният ҳиссаи босазо гузошта, бо мурури чандин давру замонҳо аҳамияти худро гум намекунанд.*

Ҳикматҳои Қуръони Карим ва Ҳадиси Шариф, мақолҳо, афсонаву ривоятҳои халқӣ, афкори амиқи сурудҳо, асарҳои мумтози файласуфони ҷаҳон аз ҷумлаи онҳоянд. Онҳо барои ғояи миллӣ манбаъи ғизо ҳам мебошанд.

**Бо ташаббуси Президенти мо рӯзҳои 15—16-уми майи соли 2014 дар Самарқанд дар мавзӯи «Мероси таърихии аллома ва мутафаккирони Шарқи асрҳои миёна, рол ва аҳамияти он дар ривоҷи тамаддуни ҳозира» конференсияи байналхалқӣ шуда гузашт. Дар он оид ба омӯзиш ва тарғиби мероси алломаҳои бузург вазифаҳои муҳим муайян карда шуданд.**

Олим, файласуф, сиёсатшинос, нависанда ва шоирони шинохтаи мамлакат дар асоси асарҳои Президенти мо мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи миллиро кор карда баромаданд. Дар ин асос, соли 2000-ум рисолаи «Milliy istiqlol g‘oyasi: asosiy tushuncha va tamoyillar» нашр шуд ва дар он маънову мазмуни ғояи миллии мо ифода ёфт. Дар китоби сарвари кишвар «Yuksak ma’naviyat — yengilmas



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

kuch» фикрҳои назарӣ ва амалӣ оид ба ғояи миллӣ боз ҳам бой гардонида шуданд.

**Ғояи миллӣ ба ҳамаи халқу миллатҳое, ки дар хоки Ўзбекистон умр ба сар бурда, онро ба худ модар – Ватан медонад, як хел тааллуқ дорад.**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Эҷодкори ғояи миллӣ кист?
2. Ба фикри Шумо ғояи миллӣ барои чӣ даркор?
3. Шумо барои ба амал баровардани орзуи худ чӣ мекунед?
4. Мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи миллӣ дар асоси асарҳои кӣ ташаккул ёфтаанд? Онҳо дар кадом рисола ифода шудаанд?
5. Дар мисоли ҳайкалҳои зерин нақл кунед, ки кадом саъйу ҳаракатҳои аз қадим ба халқи мо хос асоси ғояи миллӣ шудаанд.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ОСОИШТАГИИ ДИЁР

Донишомӯзи азиз, эътибор дода бошед, дар таркиби ғояи миллӣ масъалаи осоиштагии диёр дар ҷойи аввал истодааст. Ин, албатта беҳуда не. Чунки осоиштагӣ барҷастатарин бойигарӣ дар ҷаҳон аст. Агар осоиштагӣ бошад, ҳама озодона нафас мекашанд, бунёди оила, тарбияи фарзанд, тӯю тамошо кардан, хуллас барои амалӣ намудани ҳамаи ниятҳои нек имконият пайдо мешавад.

Мо, ки дар назди худ мақсади бузург — бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ гузоштаем, барои ба амал баровардани он, бисёр корҳои некро ба амал баровarданамон лозим. Масалан, барои иқтисодиёти ривоҷёфта, фаровон будани бойигарии зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, мустаҳкам будани ҳамкориҳо бо давлатҳои ривоҷёфтаи ҷаҳон, кофӣ будани кадрҳои замонавӣ – ҳамаи ин, албатта, хеле муҳим аст. Лекин муҳимтар аз ҳамаи он – аввало халқу диёри мо бояд осоишта бошад.

Президенти мо дар китоби худ «Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch» ин ҳақиқатро алоҳида таъкид мекунад:

**«Дар роҳи ноил шудан ба тараққиёти устувор ва ҳаёти фаровон, мо назди худ кадом реҷа ва барномае, ки нагузорем, ягона шарт ва гарави амалӣ кардани тамоми орзу ва саъйи мо – сулҳ ва осоиштагӣ аст»[1].**

Дар ҷойе, ки сулҳ нест, файзу барака ҳам, ривоҷёбӣ ҳам намешавад. Мақоли «Аз ҷойе, ки як рӯз ҷанҷол шудааст, чил рӯз файзу барака мепарад» беҳуда пайдо нашудааст. Ин хулосаи ҳаққонии халқи мо аз дарки ҳаматара-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 72–73.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



фа ва чуқури қадру қимати сулҳ дар давоми чандин асрҳо мебошад. Барои ҳамин, сулҳ ба сифати неъмати олӣ, боигарии бебаҳо дар маънову мазмуни арзишҳои миллӣ, урфу одат ва анъанаҳо, тамоми тарзи зисти мо ҷой гирифтааст. Дар ҳар як хонадони диёри мо, дар ҷамъомад ва маърака, ҳангоми даст ба фотиҳа кушодан, пиру ҷавон, марду зан – тамоми ҳамдиёрон аз Офаридгор сулҳу хотирҷамъӣ талаб мекунанд.

Дар ҷаҳони имрӯз халқҳои бомаърифат шарти асосӣ, гарави тараққиёт будани осоиштагии диёрро хуб дарк мекунанд. Барои ҳамин, нигоҳ доштани сулҳ ва барқарорӣ дар рӯйи Замин кори фақат як халқ ёки мамлакат не, балки ба кори муқаддаси тамоми инсоният табдил меёбад.

Шумо аз телевизор мебинед, ки дар кунҷҳои гуногуни ҷаҳон ба туфайли иллатҳои террористӣ, экстремистӣ, миллатчигӣ, шовинизм қариб ҳар рӯз тарконидани воситаҳои нақлиёт, хонаву ҷой, биноҳо, ба гарав гирифтани инсонҳои бегуноҳ, сӯйиқасд ба ҳаёти онҳо содир мешавад.

Агар дар давоми панҷ ҳазор соли охир бештар аз понздаҳ ҳазор ҷангҳои калону хурдро аз сар гузаронидани башариятро ба ҳисоб гирем, худи тасаввур кардани азобу уқубат ва талафоти одамизод ба туфайли ин гуна офатҳо хеле мушкил мешавад. Рафту агар чунин ҷангу кушторҳо намешуд, тараққиёти инсоният чӣ қадар пеш мерафт. Чунки ҳар як ҷанг ва низоъ офатест, ки бар зидди одамизод нигаронда шудааст ва ривоҷи онро ба садсолаҳо, ҳазорсолаҳо ақиб мепартояд.

Мумкин китобҳои таърихӣ ва бадеӣ хонда, филмҳо тамошо кардаед, ки он ҷо манзараҳои даҳшатноки ҷанг, таъсири ҳалокатбори он ба ҳаёти одамон, инъикос ёфтаанд. Дар ҳамаи онҳо ҷанг чун фоҷиаи бузурги инсон тасвир мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Воқеаҳои хунин дидаи одам, назар ва дили одамро шах мекунад. Аз ҷангу ҷадалҳои доимӣ одами солим баргашта ҳам аз ҷиҳати руҳӣ талафоти калон мебинад. Чунки ба туфайли ҷанг ҳиссу эҳсоси онҳо тағйир меёбад, асабҳо, олами маънавии онҳо ҷароҳат мебардорад.**

**Осоиштагӣ ҳеҷ гоҳ ба осонӣ ба даст намеояд. Барои ноил шудан ба осоиштагӣ ва ҳифз намудани он меҳнати муттасил, мубориза, ҳушёрӣ ва ҳамеша огоҳ зистан талаб карда мешавад.**

Дар ҷойе, ки каме лоқайдӣ ва бепарвогӣ роҳ ёбад, ба осоиштагӣ футур мерасад. Аҷдоди мо осоиштагиро шарти асосии равнақи Ватан, фаровонии халқ медонистанд. Аз ин рӯ, онҳо ба таъмини осоиштагии диёр ва шаҳрвандон эътибори хос медоданд. Масалан, тӯли чил соли ҳукмронии набераи соҳибқирон Амир Темур Мирзо Улуғбек дар Мовароуннаҳр, бинобар устувор будани осоиштагиву субот дар мамлакат, илму фан, маданият ривоҷ ёфта, корҳои бунёдкорӣ авҷ гирифтанд ва сарзамини он гул-гул шукуфон будааст.

Дар шаҳри Самарқанд иншооти мушоҳидаи ситораҳо дар қисми пойдевор — секстанти расадхонаи Мирзо Улуғбек нигоҳ дошта шудааст. Ин маркази илмӣ ҳам, ки шаш аср пештар, бунёд шуд, маҳсули осоиштагӣ аст. Чунки ин обидаи нодирро, ки меҳнат ва маблағи калон, усто ва мутахассисони моҳирро талаб мекард, дар шароити нооором барпо карда намешуд.

Дар мамлакати мо нигоҳ доштани сулҳу осоиштагӣ аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти мо, муҳимтарин ва устувортарин масъала мебошад. Чунки, мо халқе мебошем, ки дар назди худ мақсадҳои бузург гузошта, умр ба сар мебарем. Яке аз кафолатҳои муҳими ноил шудан ба ин мақсад осоиштагӣ мебошад.

Дар мамлакати мо корхонаҳои калон ба монанди заводҳои автомобилсозӣ дар шаҳрҳои Самарқанд ва Асака, ки якҷоя бо компанияҳои калони хориҷӣ барпо шудаанд,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маҷмўаи газу кимиёи Шўртан, заводи азнавкоркарди нефт дар Бухоро фаъолият пеш мебаранд. Маҳсулоти онҳо дар диёри мо ҳам, дар хориҷ ҳам харидор дорад. Фикр кунед, барои чӣ ҳамкорони хориҷии мо ба сохтан, ба гузоштани саҳми худ ба чунин корхонаҳо, ки меҳнат ва маблағи калон талаб мекунанд, маҳз дар диёри мо розӣ шудаанд. Онҳо аввало, дар диёри мо сулҳро, ба қадри чунин ҳаёт расидани халқи моро дида, ба хулоса омадаанд, ки дар ин мамлакат дар ҳақиқат кор кунӣ меарзад, меҳнат зоеъ намеравад.

Имрўзҳо шаҳру қишлоқҳои мамлакати мо торафт обод мешаванд, халқи мо, хусусан, барои ҷавонон ба мисли Шумо, шароитҳои нав ба нав офарида мешаванд. Ҳамаи ин, пеш аз ҳама, ба туфайли осоиштагӣ аст.

Давлати мо барои орому осуда ҳаёт ба сар бурдани ҳар як инсон дар мамлакати мо тамоми чораву тадбирҳоро меандешад. Чунки осуда зистан ва меҳнат кардан дар Конститутсия ва қонунҳои мо ба сифати яке аз муқаддастарин ҳуқуқҳои инсон мўҳр гардидааст.

**«Яке аз ҳуқуқҳои устувортарин ва муқаддаси инсон – ин ҳуқуқи осуда зистан аст. Қарзи давлат ва ҷамъият аз он иборат, ки бо тамоми воситаҳои қонунӣ ҳамин ҳуқуқро кафолат диҳад. Ба амал баровардани ин ҳуқуқ – муҳимтарин шарти демократикунонии давлат ва ҷамъият мебошад. Инсонпарварии демократия ҳам дар навбати аввал, бо ҳамин меъёр чен карда мешавад»[1].**

Ҳар як инсони кишвари мо бо орзуву умедҳои зиёд — ниятҳои холиси хона созам, фарзанд ба воя расонам, тўю тамошо диҳам, набераву абера бинам, дарахт шинонида боғ кунам, зиндагӣ мекунад. Барои ноил шудан ба ҳамаи ин, ба инсон саломатӣ ва осоиштагӣ зарур аст. Барои ҳамин, дар низоми ғояи миллии мо осоиштагии диёр дар ҷойи аввал меистад.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 73.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Бузургтарин бойигарии дунё чист?
2. Барои чӣ дар ҷойе, ки осоиштагӣ нест файзу барака, ривоҷёбӣ намешавад? Дар ин бора кадом мақолҳо, мисолҳои ҳаётиро медонед?
3. Барои чӣ нигоҳ доштани сулҳу субот дар рӯйи Замин ба кори муқаддаси тамоми инсоният табдил меёбад?
4. Кадом қувваҳои зишт мехоҳанд осоиштагии дунёро халалдор намоянд?
5. Кадом китобҳоеро хондаед, ки манзараҳои даҳшатноки ҷангро акс мекунад, кадом кинофилмҳоро тамошо кардаед?
6. Барои ноил шудан ба сулҳ, нигоҳ доштани он чӣ хел зистан талаб карда мешавад?
7. Дар бораи тағйиротҳое, ки дар мамлакати мо ба туфайли сулҳу субот рӯй медиҳанд, нақл кунед.
8. Аз рӯйи расмҳои зерин аҳамияти осоиштагиро фаҳмонед.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## РАВНАҚИ ВАТАН

Чуноне аз фанни «Эҳсоси Ватан» медонед, Ватан — хокест, ки хуни нофи инсон рехтааст, маскани мўътабарест, ки ўро ба камол расонидааст. Он мероси бузургест аз аҷдод ба авлод, азизтарин хотира.

Ватан — рамзи ифтихори инсон. Ҳар кас дар тимсоли Ватани худ, диёри дар ҷаҳон зеботарин ва беназири худ, бахти худ ва халқро мебинад. Табиат, ҳаво, одамони он аз хурдӣ барои мо азиз мешавад. Ватан озод бошад, халқ ҳам озод, Ватан равнақ ёбад, халқ ҳам фаровон мешавад. Барои ҳамин яке аз мафҳумҳо, ки асоси ғояи миллии моро муайян мекунад, равнақи Ватан мебошад.

*Равнақи Ватан гуфта, ривоҷ ва болоравии ҳаётро дар тамоми соҳаҳо, боз ҳам афзудани обрўву эътибори мамлакатро дар ҷаҳон, тараққиёти миллии худро мефаҳмем.*

Президенти мо Ислом Каримов таъкид мекунад, ки дар роҳи равнақи Ватан садоқат, фидоӣ нишон додани ҳар як фарзанде, ки дар Ватан ба воя мерасад, қарзи муқаддас аст ва эътиборро ба он ҷалб менамояд, ки ин назар бояд арзиши муайянкунандаи маънову мазмуни ҳаёти инсон шавад.

**«Равнақи Ватан, аввало, ба фарзандони он, бевосита ба камолоти маънавӣ ва ҷисмонии онҳо вобаста аст. Дар навбати худ ин, ҳар як ҳамдиёри моро даъват мекунад, ки масъулияти шаҳрвандии худро ҳис кунад, манфиатҳои худро бо манфиатҳои ҳамин диёр, ҳамин халқ ҳамоҳанг намуда умр ба сар барад. Ва шубҳа нест, ки ҳар кадом шаҳрванд, аз мавқеи муносиб гирифтани мамлакати худ дар сафи маҷомеи байналхалқӣ,**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**аз бардошта шудани он ба қатори давлатҳои тараққикарда, ки осоишта ва бой зиндагӣ мекунанд, манфиатдор мешавад»[1].**

Аз сабаби ба фарзандони он вобаста будани равнақи Ватан, дар мамлакати мо барои солиму баркамол ба воя расидани ҷавонон, эътибор дода мешавад. Дар солҳои истиқлолият ба туфайли фароҳам оварда шудани имконият ҳазорҳо ҷавонони боистеъдоди мо дар таҳсил, илму фан, соҳаҳои санъат ва спорт ба комёбиҳо ноил мешаванд. Ҳамаи ин ба ривоҷи Модар-Ватани мо – Ўзбекистон, ба афзудани обрўю эътибори он дар ҷаҳон ҳисса мегузорад. Аз ин рў, мо бояд бо фикри ин Ватан, ин диёр – аз они ман, тараққиёти он ба ман вобаста, дар ин роҳ барои бахшидани тамоми қувва ва салоҳияти худ тайёрам, зиста, дўстони гирду атрофи худро ҳам ба он даъват карданамон лозим. Дар он ҳол диёр, халқи мо, чуноне Президенти мо орзу мекунад, ба қатори давлатҳои бузург бардошта мешавад.

Шумо, аз фанни география медонед, ки на ҳамаи мамлакатҳои дунё канданиҳои фоиданок доранд. Лекин онҳо бинобар илму ҳунарҳои замонавӣ, фазилатҳои инсониро пухта азхуд кардани фарзандон, ба туфайли муҳаббат ва садоқати бепоён ба диёр, фидокорӣ дар соҳаи тараққиёт қуллаҳоеро забт мекунанд, ки дигар давлатҳо наметавонанд. Масалан, дар Япония, Кореяи Ҷанубӣ бойигариҳои зеризаминӣ чандон бисёр нест. Бо вуҷуди ҳамин, чандин даҳсолаҳо боз аз қатори давлатҳои тараққикардаи дунё ҷой мегиранд.



Аз байни ҷавонони мо ҳам чунин писарону духтарони ватанпарвар бисёр ба воя мера-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 73–74.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

санд. Онҳо ифтихори халқи мо мебошанд. Шумо мумкин дар бораи бародару хоҳароне, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар хониш, илм ва эҷод, меҳнат, спорт ва санъат ба Мукофоти давлатии ба номи Зулфия, ба мукофоти «Ниҳол», ба унвони «Ўзбекистон ифтихори» сазовор шудаанд, хуб медонед. Эҳтимол, аз мактаби Шумо ҳам чунин инсонҳои шинохта ба воя расидаанд? Дар ин бора як фикр карда бинед. Худатон ҳам кўшиш кунед, ба онҳо монанд шавед. Ҳамон вақт ба равнақи мамлакати бузург ба номи Ўзбекистон ҳиссаи муносиб мегузоред.

**Хизмат кардан дар роҳи тараққиёти Ватан бузургтарин бахт мебошад.**

Шоирони мо Ватанро ба сифати яке аз бузургтарин арзишҳо, ки маънову мазмуни ҳаёти инсонро муайян мекунад, тараннум менамоянд. Чунончи, мутафаккири бузург Алишер Навоӣ дур аз Ватан набудани бахтро дар назар дошта, «Тарки Ватанро нафас накун, боз ранҷи ғурбатро ҳавас накун» гуфта, насиҳат мекунад.

**Ватан соҳибистиқлол, халқҳои ҳудуди он соҳибихтиёру озод набошанд, ҳеҷ гоҳ тараққиёт намешавад. Озодӣ ва истиқлолият — муҳимтарин шарти ноил шудан ба равнақи Ватан аст. Барои ҳамин, ин мафҳумҳо дар ҳаёти халқҳо муқаддастарин мафҳумҳо ба ҳисоб мераванд.**

Босуръат ривоҷ ёфтани халқҳоеро, ки ба озодӣ ва истиқлолият ноил гаштаанд, дар мисоли мамлакатҳои зиёди ҷаҳон дидан мумкин. Масалан, давлати Германия, баробари аз зулми фашистӣ озод гардидани худ, ба яке аз давлатҳои ривоҷёфтаи ҷаҳон табдил ёфт. Ё худ, давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ чун Малайзия, Сингапур пас аз истиқлолият, дар тараққиёт ба комёбиҳои бемисл ноил гаштанд.

Ватани мо низ дар солҳои истиқлол соҳиби имкониятҳои калон шуд. Дар ҳамин асос, ба ислоҳи ҳаёти ҷамъият, пеш аз ҳама, соҳаи иқтисодиёт аҳамият дода шуд. Чунки



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

асоси ҳама гуна болоравӣ бо тараққиёти иқтисодӣ муайян карда мешавад.

*Тараққиёти иқтисодӣ гуфта, ривоҷи саноат, сохтмон, нақлиёт ва хоҷагии қишлоқ, афзудани корхонаҳои замонавӣ, намудҳои хизмат, шаклҳои мулк, сифати молҳо, афзудани даромади аҳолӣ, барои ривоҷи диёр ва фаровонии халқ хизмат кардани тамоми бойигариҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии ҳудуди мамлакати мо фаҳмида мешавад.*

Истиқлолияти ғалла, сӯзишвории энергетикӣ, хӯроквориро ба даст овардан, соҳиби саноати автомобилсозӣ шудан, дар дигар шабакаҳои иқтисодиёт ҳам ба натиҷаҳои назаррас ноил шудани Ӯзбекистони мо, бори дигар шарти муҳими равнақи Ватан будани истиқлолиятро исбот кард.

Имрӯзҳо бунёд шудани литсей ва коллеҷҳои зиёд, мактабҳои нав ба нав, баланд шудани сатҳи таълим дар тамоми муассисаҳои таълимӣ, зоҳир гардидани эътибори хос ба тарбияи авлоди баркамол ва баланд бардоштани маънавияти халқ дар таъмини тараққиёти диёри мо дар оянда аҳамияти муҳим касб мекунанд.

**Шартҳои асосии равнақи Ватан аз инҳо иборатанд: истиқлол ва осоиштагии мамлакат; истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминии давлат, салоҳияти моддӣ ва интеллектуалии ҷамъият; халқи меҳнаткаш ва бунёдкор.**

Дар мамлакати мо имкониятҳое, ки ба ҳамаи ин шартҳо пурра ҷавоб медиҳанд, мавҷуданд. Барои ҳамин, тараққиёти Ватани мо дар дасти худи мост. Агар ҳамаи мо фарзанди фидоӣ ва муносиби ҳамеша ба даъвати Ватан омода бошем, ба боз ҳам баланд шудани тараққиёти он, афзудани обрӯю эътибори он шубҳае нест.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Кас дар тимсоли Модар-Ватан чиро мебинад ва дарк мекунад?
2. Равнақи Ватан гуфта чиро мефаҳмем?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Барои чӣ равнақи Ватан ба фарзандони он вобаста аст?
4. Давлатҳои аз қабили Япония ва Кореяи Ҷанубӣ чӣ тавр аз қатори давлатҳои тараққикарда ҷой гирифтаанд?
5. Шумо аз ҷавонони диёри мо, ки сазовори Мукофоти давлатии ба номи Зулфия, мукофоти «Ниҳол», унвони «Ўзбекистон ифтихори» шудаанд, киҳоро медонед?
6. Дар бораи Ватан кадом мақолҳо ва шеърҳоро аз ёд кардед?
7. Муҳимтарин шарти ноил шудан ба равнақи Ватан чист?
8. Дар ин расмҳо кадом бойигарӣ ва имкониятҳо тасвир ёфтаанд, ки ба равнақи Ватан асос мешаванд?

А)


В)


Б)


Г)





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ФАРОВОНИИ ХАЛҚ

Донишомӯзи азиз, мумкин аз дарсҳои гузашта фаҳмида, дарк карда гирифтед, ки мафҳумҳои асосии ғояи миллӣ ба ҳамдигар узван вобаста буда, якеро ҷудо аз дуюмаш тасаввур карда намешавад. Масалан, бе осоиштагии диёр равнақи Ватан намешавад. Ба фаровонии халқ дар ҳоли таъмин будани осоиштагии диёр ва равнақи Ватан ноил шудан мумкин.

Сарфи назар аз миллат, забон ва дин — халқ аз инсонҳои ҳудуди мамлакат иборат. Пас, ғояи фаровонии халқ ин тамоми корҳое мебошад, ки дар ҳудуди ин мамлакат ба амал бароварда шуда, саъйу ҳаракатҳо дар роҳи ноил шудан ба осоиштагии диёр ва равнақи Ватан, дар ниҳоят, ба беҳтар намудани шароити зисти одамон нигаронида шудааст.

*Фаровонии халқ гуфта, дараҷаи иҷтимоии ҳаётеро меноманд, ки шароити муносиби зиндагӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ осудаҳолӣ, пурра қонеъ намудани заруртарин эҳтиёҷи моддии одамон дар ҷамъият таъмин аст.*

Чуноне, ки Президенти мо таъкид мекунад, **«дар ин дунё ҳар як одам бо орзуи осудаҳол ва бадавлат зистан, барои халқу диёр фарзанди муносиб тарбия намудан, ба онҳо дониш додан, хонаву ҷойдор кардан, дидани бахту камоли онҳо зиндагӣ мекунад. Дар айни замон, мақсади ниҳоии ислоҳотҳои доманфарох дар мамлакати мо – амалӣ кардани чунин орзуву умеди одамон, фароҳам овардани шароити ҳаматарафа муносиби зиндагӣ ба халқ мебошад»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 74.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳақиқат, агар дар ҳаёт ҳама чиз, аз ҷумла, ислоҳотҳо ҳам, барои инсон хизмат кунад, он маънову мазмун касб мекунад, натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Ҳар кадом давлат, ки истиқболи худро меандешад, аввало кӯшиш мекунад, ки зиндагии орому осуда ва фаровони шаҳрвандонро таъмин намояд. Дар роҳи маҳз ба ин мақсад нигаронидани ислоҳотҳои мамлакати мо, қоидаи «Ислоҳот барои ислоҳот не, аввало барои инсон», ки ибтидои солҳои 90-ум аз тарафи Президенти мо ба миён гузошта шуд, панҷ тамоили машҳур, ки ба модели ўзбекии тараққиёт асос шуданд, аҳамияти муҳим касб мекунанд.

*«Модели ўзбекии тараққиёт» гуфта, роҳи ривоҷи мустақилонаи Ўзбекистонро мефаҳмем.*

Албатта, барои ба фаровонии халқ ноил шудан танҳо саъйу ҳаракати давлат кифоя нест. Барои ин, лозим аст, ки ҳар кас салоҳияти бунёдкории худро ба кор андохта, моҳияти ислоҳотҳоро амиқ дарк намуда, ба иштирокчии фаъоли он табдил ёбад. Хусусан, тағйир додани ҷаҳонбинии онҳо, муносибати онҳо ба ҳаёт, ба меҳнат, ба замин аҳамияти муҳим касб мекунад. Чунки саъй ба зиндагии фаровон дар инсон ҳисси соҳибихтиёрӣ, эҳсоси тадбиркорӣ ва ташаббускорӣ, инчунин ҳаракатҳои бо қувваи худ барпо намудани ҳаёти худро дар ҳар як ҳамдиёри мо боз пурзўр мегардонад. Барои ҳамин, дар халқ тарбия намудани ҳисси соҳибӣ ба мулк, аз-худ кардани усулҳои замонавии хоҷагидорӣ, такмил додани эҳсоси боварӣ ба қувваи худ, омўзонидани касбу ҳунар ба бачаҳо, дар онҳо ҳосил кардани маҳорати меҳнат аз вазифаҳои муҳим дар роҳи ноил гаштан ба фаровонии халқ ҳисобида мешавад. Барои ҳамин, то қадри имкон ҳаракат мекар-





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

данд, ки ҳарчи бештар соҳиби касбу ҳунар шаванд. Хусусан, мақол ва ҳикматҳои аз қабили «Ба як ҷавон чиҳил ҳунар кам аст», «Ба кордон кор осон», «Ҳунар аз ҳунар рўяд» нишон медиҳанд, ки аҷдоди мо одамони соҳибҳунар, гулдаст, меҳнатдўстро чӣ қадар қадр мекарданд. Ҷиҳати ҷолиби ин гуфтаҳо дар он аст, ки ин мақолҳо имрўз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Имрўз мо дар баробари касбу ҳунарҳои анъанавии падару бобоёни худ, касбҳои ба тараққиёти техникӣ ва технологии имрўза вобастаро низ пухта азхуд карданамон лозим. Хусусан, имрўз ноил шудан ба фаровонии ҳаёт ба техникаи компютер, ба соҳаҳои истеҳсолоти технологияҳои мураккаб, технологияҳои замонавӣ, ба фаро гирифтани касбҳои гуногуни соҳаҳои бизнес ва тадбиркорӣ низ вобаста буда, дар навбати худ, аз мо мунтазам омўхтан, такмили донишу малака, ёд гирифтани забонҳои хориҷиро талаб мекунад.

**Бойигарии зеризаминӣ ва рўйизаминии Ўзбекистон бисёр, салоҳияти иқтисодии мамлакати мо азим, халқи мо меҳнаткаш ва бунёдкор аст. Ин ҳама пояи ҳаёти фаровон, заминаи асосии қонеъ намудани эҳтиёҷ, намоиш додани худшиносӣ ва амалӣ намудани қобилияти бунёдкории ҳар як ҳамватани мо мебошад.**

Имрўз халқи мо дар асоси ин пойдевор, дар роҳи барпо намудани зиндагии фаровон аз таҳти дил меҳнат мекунад.

**Фаровонии халқ — далолати қудрати халқ, дараҷаи баланди тараққиёти он аст.**

**Фақат давлати ривоҷёфта, тараққикарда метавонад барои фаровонии халқ тамоми шарту шароитҳоро фароҳам оварад.**

Барои ҳамин, аз қатори давлатҳои ривоҷёфта ҷой гирифтан яке аз мақсадҳои асосии халқи мо мебошад.

Донишомўзи азиз, Шумо дар бораи се мақсади бузург аз таркиби ғояи миллӣ, дар хусуси маънову мазмун ва аҳамияти онҳо соҳиби маълумот шудед. Дар хотир доред, ки осоиштагии диёр, равнақи Ватан ва фаровонии халқ,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

инчунин дигар мафҳум ва тамоилҳои муҳим, ки мо дар дарсҳои минбаъда меомӯзем, ба мустаҳкам намудани истиқлолияти мамлакати мо ва зудтар ба марраҳои нав расидани мо хизмат мекунанд.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Дар кадом шароит ба фаровонии халқ ноил шудан мумкин?
2. Ғояи фаровонии халқ чист?
3. Қоидаи «Ислоҳот барои ислоҳот не, аввало барои инсон» аз тарафи кӣ гуфта шудааст? Кӯшиш кунед, ки маънои онро шарҳ диҳед.
4. Ба фикри Шумо сабаби фаровонӣ дар бозорҳои мо чист?
5. Шумо маънои мақоли «Ба як ҷавон чил ҳунар кам»-ро чӣ хел мефаҳмед?
6. Аз рӯйи расмҳо нақл кунед, ки одамони дар онҳо тасвир шуда ба фарвовонии халқ чӣ хел ҳисса мегузоранд.

А) 

Б) 

В) 

Г) 

Д) 



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ОБОДӢ АЗ ТИНАТ САР МЕШАВАД

***(Машғулияти амалӣ)***

Донишомӯзи азиз, оё Шумо дар бораи маънои ибораи ҳикматомези «Ободӣ аз тинат сар мешавад», ки Президенти мо дар нутқ ва маърӯзаҳои худ, дар сӯҳбатҳо бо вакилони ҷамоатӣ алоҳида таъкид мекунад, фикр кардаед? Дар диёри мо ҷойҳои обод бисёр. Онҳоро муҳандис ва меъморони моҳир, устоҳои гулдаст, боғбону инсонҳои соҳибкор барпо кардаанд. Аксаран хаёл ҳам намекунем, ки фикри бунёд кардани ҳамин масканҳои обод аввало, дар тинати кӣ пайдо шудааст. Ҳол он ки, нияти пок, орзуву фикрҳо ва реҷаҳои нек ҳамеша аз тинат сар мешавад. Хусусан, халқи мо ҳамеша бо фикри нек умр ба сар мебарад. Одамони мо дар давраҳои мушкилтарини таърих ҳам бо ниятҳои неки оила созам, фарзандҳои бақувват, боақл ва паҳлавони ба хизмати халқу диёр муносиб ба воя расонам, хона барпо карда, боғу роғ офарида, ба авлод мерос гузорам, зиндагӣ мекунад. Обидаҳои замонавии меъморӣ чун Арки Некӣ, муҷассамаи Мустақилӣ ва Некӣ дар майдони асосии Ватани мо, дар шаҳри Тошканд ба шарафи чунин фазилатҳои бузурги халқи мо барпо карда шудаанд.

Дар ҳар як кунҷи мамлакати мо албатта, чун рамзи ободӣ бинои нави мактаб, литсей ё коллеҷро, боғ ё хиёбони дилраборо, саҳроҳои сарсабзро диданатон мумкин. Ҳамаи он ба туфайли меҳнати фидокоронаи халқи мо ба ин дараҷа расидааст. Дар айни замон, ҳамаи он маҳсули фикру хаёл, орзуҳои беғубори чун субҳи баҳор соф, қалби мусаффои ҳазорон ҳазор инсонҳои оддӣ, хоксор ва меҳнаткаш мебошад.

Худатон фикр карда бинед, агар тинати инсон тоза, нияташ холис набошад, оё ӯ корҳои бузургро аз рӯйи виҷдон, аз сидқи дил ба амал баровaрда метавонад? Ба биноҳои қадими мо дар Самарқанд, Бухоро, Хева, Шаҳри-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сабз, Тирмиз, Қаршӣ ва Марғилон, ки ба санҷишҳои асрҳо тоб оварда, то ба ҳанӯз аҳли дунёро ба ҳайрат овардаанд, эътибор диҳед. Агар ҳам тинат ва ҳам дасти меъмору устоҳо, ки ин обидаҳои ҷовидонро барпо кардаанд, пок намешуду ақаллан як хишти ин иншоотҳо нодуруст гузошта мешуд, онҳо кайҳо ба таъсири шамолу борон, барфу қирав, рӯзҳои тасфон ва шадид тоб наоварда, бодлес шуда, рехта, нест шуда мерафтанд.

Ба мисли ҳамин, имрӯз ҳам дар саҳроҳо фермер ва деҳқонҳои мо, дар майдонҳои сохтмон меъмору устоҳои мо, дар корхонаҳои истеҳсолӣ муҳандису коргарони мо, дар мактаб, литсей, коллеҷ ва донишгоҳҳо устодони мӯҳтарами мо, дар масканҳои шифо ходимони тиббиёт кори худро аз сидқи дил, яъне бо тинати пок иҷро накунанд, дар давраи аз соли 1991, дар муддати барои таърихи кӯҳна хеле кам – дар давраи истиқлолият ба ин қадар комёбиҳои калон ноил шудани мамлакати мо, бе ҳеҷ шубҳа душвор мешуд.

Дар қишлоқ ё шаҳре, ки Шумо зиндагӣ мекунед, дар мактабе, ки таҳсил мегиред, манзараҳоеро мебинед, ки аз ободонӣ дар диёри мо далолат медиҳанд. Фарз кунем, вақти аз мактаб баргаштан дар дарахтзори хиёбон, дар соҳили ҷӯй ё сойи пуробе, ки шаббодаи форам мевазад, истироҳат карданатон мумкин. Ҳамин дарахтҳоро ҳам касе шинонидааст, ҳамин ҷӯй ё сойро ҳам касоне беғараз меҳнат карда кандаанд, аз регу шағал, хасу хошокҳо тоза кардаанд, дуруст аст? Ба фикри Шумо тинати он инсонҳо чӣ хел аст?

Онҳо инсонҳои поктинат ва бузурганд! Ҳамин тавр не? Ба ҳамин тарз, оё дар бораи инсонҳое, ки мактаби Шуморо, ҷиҳози синфхонаҳои онро сохта ва офаридаанд, дар хусуси орзуву умедҳои қалби онҳо ҳеҷ фикр кардаед?

Ё худ дар бораи чӣ қадар ҳамоҳанг будани меҳнати ҳаррӯзаи фермер, боғбон, шифокор ё устод бо олами қалб, маънавият, орзуву хоҳиши онҳо фикр карда бинед. Дар ин бора ба ҳамсинфон, падару модар ҳикоя кунед. Ҳамеша фикр кардан дар ин хусус барои фаҳмидани мазмуни ҳаёт лозим мешавад. Муҳимаш, Шумо боварӣ ҳосил мекунед, ки манбаи ҳамаи корҳои нек қалби инсон, имконияти маънавии он аст, қувваю қудрати инсон бепоён, ободӣ аз тинати ӯ сар мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Адабиёт барои машғулияти амалӣ:

1. Islom Karimov. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 128–132.

2. Islom Karimov. Vatan va xalq mangu qoladi. –T.: нашриёти Китобхонаи миллии Ўзбекистон, соли 2010, саҳ. 95–97.

3. Milliy istiqlol g'oyasi: asosiy tushunchalar, tamoyillar va atamalar. –T.: нашриёти «Yangi asr avlodi», саҳ.123–124.

4. «O'rta asrlar Sharq allomalari va mutafakkirlarining tarixiy merosi, uning zamonaviy sivilizatsiya rivojidagi roli va ahamiyati». Материалҳои конференсияи байналхалқӣ. –T.: ХЭТН «O'zbekiston», соли 2014.

## КОРИ НАЗОРАТӢ

С у п о р и ш: *Дар мавзӯи* ***«Ғояи бузурги мо»*** *реферат тайёр кунед.*

Ҳангоми тайёр кардани реферат фикрҳои зерини Президенти мо Ислом Каримовро, ки дар китоби «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» баён кардааст асос кунед: **«Бузургтарин мақсади мо, бузургтарин ғояи мо ҳамин аст, ки Ўзбекистон як роҳ дорад: истиқлолиятро мустаҳкам намуда, мамлакатро ҳаматарафа ривоҷ дода, сӯйи ҳаёти дурахшон ва озод пеш рафтан»**.

Ҳаракат кунед, ки дар реферат ин масъалаҳо акс ёбанд:

– ғояи миллии мо, тамоми мафҳум ва тамоилҳои таркиби он бояд ба мустаҳкам намудани истиқлолияти мо, ҳаматарафа ривоҷ додани мамлакати мо, барпо намудани ҳаёти дурахшон ва мухтори халқи мо хизмат кунанд. Танҳо дар ҳамин ҳол он вазифаи худро иҷро карда метавонад;

– маҳз истиқлолият имкон офарид, ки ғояи миллии мо ташаккул ёбад, худшиносии мо амалӣ шавад, ба маънои том халқи озод, миллати мухтор шуда зиндагӣ кунем;

– ҳар қадаре истиқлолияти мо мустаҳкам бошад, ба мақсадҳои ғояи миллии мо ҳамин қадар тезтар наздик шуда, имкониятҳои мо боз васеъ мешаванд;

– дар мустаҳкам намудани истиқлолият вазифаи асосии ҷавонон ба мисли Шумо аз чӣ иборат, дар оянда Шумо ба ин кор чӣ хел ҳисса гузоштанӣ ҳастед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Боби II**

# ҲАМОҲАНГИИ ҒОЯИ МИЛЛӢ ВА ҲАЁТИ МАЪНАВӢ

## ИНСОНИ КОМИЛ

Донишомӯзи азиз, бо Шумо дар бораи мафҳумҳои асосии ғояи миллӣ сӯҳбат кардем. Якҷоя бо ҳамин мафҳумҳо тамоилҳои аз қабили инсони комил, ҳамкории иҷтимоӣ, тафоҳуми байнимиллӣ, таҳаммули байнидинӣ қисми таркибии ғояи миллии моро ташкил мекунанд.

*Ибораи «инсони комил» маъноҳои камолёфта, варзида, мукаммалро ифода мекунад.*

**Тарбияи инсони комил — ғояи умумибашарист. Тамоми халқ, миллат ва инсонҳои олам варзида, баркамол будани фарзандони худро орзу мекунанд. Вале дар амалӣ намудани он, ҳар як халқ ба хусусият, анъана ва арзишҳои миллии худ такя мекунад. Барои ҳамин, онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба инсонҳои барои онҳо мукаммал монанд шаванд. Алпомиш, Барчиной, Фарҳод, Ширин, Рустам, Сӯҳроб ва дигарон, ки аз китобҳо хондаед, симоҳои баркамоланд, ки халқи мо дар тасаввури худ офаридааст. Онҳо орзуи халқро дар роҳи тарбияи фарзандони мард, паҳлавон, боақл, доно, солим ва мукаммал ифода мекунанд.**

Шахсҳои бузург, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ дар тақдири халқ мавқеи беназир доштанд, ба тимсоли фазилатҳои мукаммал табдил меёбанд. Масалан, аҷдоди мо чун Наҷмиддин Кубро, Ҷалолиддин Мангубердӣ, соҳибқирон Амир Темур, Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар ҷодаи мардӣ, баҳодурӣ, роҳбарӣ; азизу авлиёи мо Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотурудӣ, Баҳоуддин Нақшбанд дар боби дину диёнат; мутафаккирони мо Муҳаммад Мӯсо Хоразмӣ,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аҳмад Фарғонӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Ибни Сино, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Машраб, Бедил дар мавриди донишмандӣ, илму маърифат, ифодаи фалсафаи инсон ба воситаи санъати сухан, барои ҳамаи мо тимсоли комилӣ мебошанд. Дар бораи ҳар яке аз ин шахсони бузург, дар хусуси фазилатҳои бетакрори онҳо бисёр гап задан мумкин. Агар Шумо қисми «Дарки маънавият»-и боби якуми китоби Президент Ислом Каримов «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch»-ро хонед, фикрҳои аҷоибро дар бораи ин аҷдоди мо мебинед. Аз ҷумла, ин таърифро дар бораи шоири бузург Алишер Навоӣ, мадҳияи инсони комил гӯем, меарзад:

**«Агар ин зоти бузургро авлиё гӯем, ӯ авлиёи авлиёҳо, мутафаккир гӯем, мутафаккири мутафаккирон, шоир гӯем, султони шоирҳо мебошад»[1].**

Фақат инсони комил метавонад дар худ чунин фазилатҳои бузургро муҷассам кунад. Чунин инсонҳо, ки ба фахру ғурури халқи худ табдил ёфтаанд, аз байни дигар халқҳо ҳам ба воя расидаанд. Ин нишон медиҳад, ки саъйи тамоми инсоният дар роҳи некӣ ва камолоти инсонӣ ҳамоҳанг ва муштараканд.

Ба ин маъно ғояи комилӣ на танҳо шахсони алоҳидаро, балки халқ ва миллатҳоро низ ба сӯйи тараққиёт пеш бурда, дар аксари соҳаҳои ҳаёт ба онҳо илҳомбахш будааст.

**Халқ ва миллате, ки комилиро орзу намекунад, ғами ба воя расонидани авлоди баркамолро намехӯрад, ояндаро тасаввур карда наметавонад.**

Барои ҳар як инсон падару модари худи ӯ, устодон, халқ, раҳбари кишвараш тимсоли комилӣ ба ҳисоб меравstatic. Барои ҳамин, ҳар яки мо волидайн, устодон, халқ ва ҳамин Президенти интихобнамудаи халқи моро барои худ инсони азиз ва комил дониста бо онҳо фахр мекунем.

Оё мумкин аст, ки инсон аз камбудӣ ва нуқсонҳо тамоман холӣ бошад? Албатта не. Инсон, ки ҳаст, хато

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 47.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



мекунад. Ҳикмати халқии «Бе айб Парвардигор» беҳуда гуфта нашудааст. Лекин одаме, ки камбудии худро эътироф намуда, барои ислоҳи он мекӯшад — одамест, ки ба мукаммалӣ ҷаҳд дорад. Одаме, ки камбудиҳои худро эътироф накарда, манманӣ мекунад, ӯ нуқсонҳои худро афзун менамояд.

Ҳар як инсон бо орзуҳои нек зиндагӣ мекунад, мехоҳад чун шахсе ба воя расад, ки ба халқ, Ватан нафъ орад. Ин фикру андеша, аз он далолат медиҳад, ки ӯ дар иштиёқи инсони комил будан аст. Пас, ҳар касе, ки ба пеш ҳаракат карда, бо орзуҳои воло зиндагӣ кунад, ӯ ривоҷ ёфта, мукаммал шуда, фазилатҳои неки худро афзун мегардонад. Ҳар он касе, ки фазилатҳои неки ӯ афзуда, некиҳои ӯ зиёд шавад, ба комилӣ наздик шуда, мукаммал мегардад.

Баръакс касе, ки чизеро орзу накарда, бо ҳаёти худ мағрур шуда, касро эътироф нанамуда, худро доно ҳисобида, ба пеш ҷидду ҷаҳд накунад, ӯ аз ривоҷ, аз пешравӣ бозмеистад. Торафт шах шуда, аз замон ақиб мемонад. Ба ҷойи фазилатҳои нек нуқсонҳо ба чашм мерасанд. Ин номукаммалии ӯ, яъне нуқсондор будани одамро нишон медиҳад.

Алишер Навоӣ ҳаминро дар назар дошта, фармудааст:

Ноқис он, к-ӯ хешро комил шумард,
Комил он, к-ӯ нуқси худ исбот кард.[1]

Яъне касе, ки худро комил донад, дар асл номукаммал, нодон аст. Касе, ки нуқсонҳои худро дониста, ба рафъи онҳо саъй кунад, ба комилӣ ноил мегардад.

Чунон, ки бузургӣ дар оддигӣ аст, комилӣ низ пеш аз ҳама дар фазилатҳои оддии инсон чун хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, маърифатпарварӣ, меҳру оқибат зоҳир мешавад.

Масалан, ба туфайли меҳнат, инсон аз ҷиҳати моддӣ ба дигарон побанд нашуда, имкони озод ва соҳибихтиёр зиндагӣ кардан дорад. Қалб, эҳсосот, шууру тафаккури

[1] Тарҷумаи шоир Ҷаъфар Муҳаммад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

одами озод ва соҳибихтиёр хеле мукаммал мешавад. Ӯ ба дунё назари худро дорад. Ҳодисаю воқеоти атрофро ӯ дар асоси ҷаҳонбинии худ арзёбӣ мекунад. Дар ҳаёт аз ҳама чиз завқу сурури ба худ хос мебардорад. Ин аломатҳои муҳими комилӣ мебошанд.

Аҷдоди мо аз рӯйи мақолҳои «Оши меҳнатӣ ҳалол аст», «Меҳнат роҳат аст» амал мекарданд. Меҳнат неъмати бебаҳоест, ки инсонро баланд мебардорад. Ба туфайли меҳнат забон ва тафаккур, эҳсосот ва мафҳумҳое, ки барои одам аз ҷониби Аллоҳ ато шудаанд, мукаммал мегарданд. Ба туфайли меҳнат на танҳо одам, олам низ ба такмил мерасад.

**Барои баркамол шудани инсон, пеш аз ҳама, худи вай, халқ, Ватани вай бояд озод ва соҳибихтиёр бошанд. Чунки танҳо чунин инсон метавонад мустақилона ҳаракат кунад, соҳиби имконияти пурра амалӣ кардани салоҳияти ҷисмонӣ ва маънавӣ шавад.**

Баъди ба истиқлолият ноил шудани мамлакати мо барои ба амал баровардани саъйу ҳаракати халқи мо дар роҳи комилӣ имкониятҳои васеъ ба вуҷуд омад. Корҳое, ки имрӯз дар Ватани мо ба мақсади ба воя расонидани авлоди солим ва баркамол амалӣ мешаванд, аз он далолат медиҳанд.

Тавре, ки аз дарсҳои гузашта донистед, мо дар диёри худ давлати демократӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ барпо мекунем. Дар чунин ҷамъият идораи давлат, қабули қарорҳо дар миқёси мамлакат, гузаронидани тадбирҳо ба воситаи ташаббус ва саъйу ҳаракатҳои одамони оддӣ ба амал бароварда мешавад. Пас, шаҳрвандони чунин ҷамъият бояд ҳаматарафа варзида бошанд. Аз ин рӯ, масъалаи ба воя расонидани авлоди баркамол ба ҳаракатҳо дар роҳи бунёди ҷамъияти шаҳрвандӣ мос ва ҳамоҳанг мебошанд. Зеро танҳо дар ҷамъияте, ки инсонҳои баркамол умр ба сар мебаранд, тамоилҳои сулҳу тафоҳум, ҳамҷиҳатӣ, адолат ва маърифат устувор мешавад.

Ба комилӣ якбора ноил шудан мумкин нест. Барои баркамол шудан, одам бояд тамоми умр бо мақсадҳои олиҷаноб зиндагӣ кунад. Ӯ бояд фаъолияти худ, корҳои ҳар рӯз ба анҷом расонидаи худро таҳлил намуда, аз онҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

 

хулосаҳо баровarда, ба бартараф намудани камбудиҳо ва афзудани хусусиятҳои нек кӯшиш кунад. Ин ҷараён бояд беист бошад. Яъне, инсон аз роҳи мақсадҳои пешгузоштаи худ бояд ақиб нагардад.

*Донишомӯзи азиз, кадоме аз ин паррандаҳо ба манзил саъй мекунад? Кадоме аз онҳо ба манзил мерасад ва чаро?*

Маълум, ки давраи бачагӣ касе кайҳоннавард шуданро, касе олим шуда кашфиётҳо карданро, боз касе санъаткор шуда суруд хонданро мехоҳад. Лекин орзу набояд, ки чун орзу бимонад. Орзу бояд ба мақсад табдил ёбад.

*Орзу чизи хаёлӣ, тасаввур аст, ки хоҳиши инсонро ифода мекунад. Мақсад бошад, нияте, ки иҷро ва ба амал баровардани он талаб карда мешавад. Дар роҳи мақсад муттасил хондану омӯхтан, меҳнат кардан лозим.*

**Ба касби муайян ҷаҳд карда, одам орзуи дар қалб доштаро ба мақсад табдил медиҳад. Бо ин ҷидду ҷаҳд, ба туфайли сафарбарӣ дар роҳи ният худро ба сифати инсони барои халқу кишвар манфиатбахш тарбия мекунад. Ин ҷараён муттасил идома ёбад, рӯзе инсон ба моҳиртарин намояндаи соҳаи худ табдил меёбад. Маҳорати касбӣ ва истеъдоди вай эътироф меёбад, аз меҳнати ӯ ба аксарият манфиат мерасад. Худи ҳамин, яъне устои касбу ҳунар ё соҳаи илм шудан ҳам нишонаи комилӣ аст. Боиси бузургдоштӣ ва ифтихор будани инсонҳое, ки бо илм ва меҳнат, истеъдоди ноёби худ ба халқу кишвар хизмат кардаанд, маҳз дар ҳамин аст.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар қалби ҳар як инсон ҳисси комилӣ мешавад. Кӯдак ҳам мехоҳад бозичаи хушрӯй ва мукаммалро гирифта бозӣ кунад. Одамизод бояд ин ҳисро тамоми умр тарбия намуда, такмил диҳад. Дар ин кор, албатта, муҳити зист, одамони атрофи вай аҳамияти муҳим дорад. Ҳисси комилӣ бо эҳсосоти зебоӣ, некӣ, адолат, инсоф, диёнат, ҳақиқат ҳампаҳлӯ мегардад, бо онҳо якҷоя, дар ҳоли муштарак ривоҷ меёбад.

Ғояи инсони комил аз фалсафаи ислом ғизо гирифта, дар тафаккури халқи мо маънову мазмуни боз васеъ касб кардааст. Ин ғоя дар асарҳои аҷдоди донишманди мо чун Абӯнасри Форобӣ, Алишер Навоӣ возеҳ ифода ёфтаанд.

Хулоса, комилӣ орзуи азалии одамизод буда, барои ба амал баровардани он, шарту шароити муайяни иҷтимоӣ лозим аст. Пас аз ба истиқлолият ноил гардидани мамлакати мо, чунин имконият барои мо фароҳам омад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Барои чӣ инсон хушрӯй пӯшидан, боодоб будан мехоҳад?
2. Шумо чизи хубро аз чизи бад чӣ хел фарқ мекунед?
3. Камбудии худро медонед? Ба ислоҳи онҳо кӯшиш мекунед?
4. Дӯстон камбудии Шуморо гӯянд, хафа мешавед?
5. Шумо, пеш аз ҳама киро инсони комил ҳисоб мекунед?
6. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи ба комилӣ расидан нақл кунед.

А)


В)


Б)


Г)


7. Барои чӣ кӯдакон бозичаҳои хубро интихоб мекунанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ

Эътибор дода бошед, ҷаҳоне, ки моро иҳота кардааст, гуногун ва рангоранг аст. Ҳар як ҷой табиат ва иқлими хос дорад. Мисли ҳамин, одамон, халқҳо низ гуногун ва рангоранг мебошанд. Дар олам одамони тоифа, миллат, халқ, дин, мазҳабҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ҳатто одамони як миллат ё халқ ҳам аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ, эътиқод, хусусият ва манфиатҳои инсонӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Президенти мо ин ҳақиқатро бо фикрҳои зерини худ хеле чуқур фаҳмонида додааст:

**«Аллоҳ чун зоти инсонро ба вуҷуд овард, онро дар қиёфаи гуногун, нафақат чеҳраву чашм, балки дар феълу атвор ҳам аз якдигар фарқ кунонида офаридааст. Дар рӯйи Замин чӣ қадаре инсон бошад, ду одами изи ангушташ ҳам, олами ботиниаш ҳам як хелро ёфтан, дучор омадан душвор аст. Табиист, ки тарзи тафаккур ва зисти ин инсонҳо ҳам аз якдигар фарқ мекунанд»[1].**

Дар мамлакати мо ҳам одамони тоифа, миллат, халқ, дин ва мазҳабҳои гуногун истиқомат мекунанд. Ҳар яки он мақсаду муддао, манфиатҳо дорад. Ҳамчунин, мақсаду муддао ва манфиатҳои олии умумимиллӣ низ мавҷуданд, ки одамонро ба сифати халқи як мамлакат, аъзоҳои ҷамъияти ягона муттаҳид мекунанд. Онҳо ба равнақ, сулҳу осоиштагии диёри муқаддас вобаста мебошанд, ки сарфи назар аз мансубияти миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ барои тамоми ӯзбекистониҳо Ватани ягона аст. Ҳамаи шаҳрвандони мамлакат дар роҳи ин мақсади олӣ ба ҳам даст дода, ҳамҷиҳат ҳаракат мекунанд, якҷоя душвориҳо ва садди роҳро паси сар на-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ 23.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

муда аз дастовардҳо шод мешаванд. Ғояи ҳамкории ицтимоӣ дар роҳи мақсади умумӣ, ба таҳкими ваҳдату ягонагӣ, ба халқи ягона шуда, ҳаракат кардан хизмат мекунад.

*Ҳамкории ицтимоӣ, ягон кор ё вазифаро аксарият шуда ицро кардан, яъне ҳаракати якцояро мефаҳмонад.*

Ғояи ҳамкории ицтимоӣ барои худро шаҳрванди ин мамлакат, намояндаи халқи бузурги сокини он ҳис намудани ҳар як инсони кишвари мо хизмат мекунад. Ҳамеша паҳлӯи ҳам будан, ҳамдигарро эҳтиром кардани ҳамватанон, амалҳои зидди Ватанро зидди манфиатҳои худ донистан, ягонагии умумимиллиро дар цамъияти мо боз мустаҳкам мекунад.

Ҳамкории ицтимоӣ барои цамъият зарурати ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Чунки чунин ҳамкорӣ набошад, дар кишвар ҳукмронии сулҳу осоиштагӣ, муросо, тафоҳум намешавад. Кишваре, ки ин арзишҳоро надорад, ҳец гоҳ ривоц намеёбад.

Тазоди ҳамкории ицтимоӣ — ихтилофи тарафайн, зиддият, низоъ ва адоват мебошад. Ин гуна ҳолатҳои манфӣ ба хубӣ намеоранд. Цойе, ки ҳамкории ицтимоӣ нест, худсарӣ, бетартибӣ, моцарову кашмакашиҳо ҳукмрон мешаванд. Цойе, ки як рӯз моцаро бархестааст, бо таъбири халқ, чил рӯз файзу барака бардошта мешавад. Ба ин гуфтаҳо, ҳам аз таърих ва ҳам аз рӯзгори имрӯз мисолҳо овардан мумкин аст. Масалан, пас аз вафоти Амир Темур, аз набудани ҳамкории ицтимоӣ, ваҳдати байни шаҳзодаҳои темурӣ, салтанати азим ба хониҳо тақсим шуд. Оқибат, осоиштагии кишвар вайрон шуд, парокандагӣ ба вуцуд омад, муборизаҳо авц гирифт, зиндагӣ низоми худро гум кард.

**«Ин ҳаёт як қонунияти бешафқат дорад. Яъне, дар лаҳзаи гардиши мураккаб ва ҳалкунандаи таърих ҳама гуна миллат ва халқият аҳлӣ ва якдилии худро нигоҳ дошта, дар роҳи манфиатҳои миллии худ қатъият нишон надиҳад, масъулият ва ҳушёриро гум кунад, охиру оқибат ба цудо шуданаш аз бойигарии калонтарин ва бебаҳои худ — истиқлолият ва озодӣ шубҳае нест»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 51.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пас, яке аз муҳимтарин шартҳои нигоҳ доштани ҳаёти мустақил ва озод дар ҷамъият, аз мунтазам қадр намуда, мустаҳкам кардани муҳити ҳамкории иҷтимоӣ, эҳтироми ҳамдигар ва меҳру оқибат иборат аст.

Бо одамон ҳамкорӣ карда зистан, дар ҳаёт ҳар рӯз лозим мешавад. Масалан, Шумо вазифаро аз баъзе фанҳо бо дӯсти наздики худ якҷоя тайёр мекунед. Ин ҳам як ҳамкории ба худ хос мебошад. Ё худ тадбиркоре, ки корхонаи хурд кушода, бо бизнес машғул шуданӣ аст, маблағи худаш кам бошад чӣ кор мекунад? Аз давлат кредит, яъне қарз мегирад ё бо тадбиркори дигар маблағи худро якҷоя гузошта, кор сар мекунад. Ин ҳам як шакли ҳамкорӣ мебошад.

*Дар боғи деҳқон ҳосили фаровон парварида шуд. Лекин барои коркарди ин ҳосил, тайёр кардани шарбату мураббо аз он вай корхона надорад. Канӣ гӯед, ки дар чунин вазъият деҳқон чӣ кор мекунад?*

Дар баъзе кишварҳои дунё, аз набудани ҳамкории иҷтимоӣ, аҳлӣ дар байни тоифа, миллат ва халқҳои гуногун, нооромӣ, ҷанг ва моҷароҳо авҷ гирифта, ҳазорҳо одамони бегуноҳ қурбон ва сатҳи ҳаёти аҳолӣ бошиддат паст мешавад.

Чӣ хел ба дараҷаи баланди ривоҷ ноил шуданро дар ҷойе, ки ҳамкории иҷтимоӣ мустаҳкам аст, дар мисоли Япония дидан мумкин. Шаҳрвандони ин мамлакат, сарфи назар аз мансубияти забонӣ, динӣ, миллӣ ва иҷтимоии худ дар роҳи манфиатҳои умумии Япония муттаҳид шуда, худро намояндаи халқи ягона медонанд. Ҳама гуна муаммоҳо дар роҳи тараққиёти ҷамъият муштарак, дар асоси ҳамкорӣ, ба нафъи манфиати умумии халқи мамлакат ҳал мешаванд. Инро дар мисоли пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, боз ҳам муттаҳидтар шуда, мамлакати хеле ақибмондаро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба сафи мамлакатҳои ривоҷёфта баровардани халқи япон ҳам дидан мумкин аст.

Дар барқарор намудани муҳити ҳамкории иҷтимоӣ дар ҷамъият пешвоёни сиёсӣ нақши хос доранд. Онҳо намунаи фидоӣ ва ватанпарварӣ нишон дода, гурӯҳ ва тоифаҳои гуногунро муттаҳид мекунанд, онҳоро ба ҳамкорӣ дар роҳи мақсадҳои умумӣ даъват менамоянд. Солҳои 90-уми асри гузашта, Ислом Каримов халқро дар атрофи ғояи истиқлолият муттаҳид намуда, муҳити мустаҳками ҳамкории иҷтимоӣ офарид. Дар ин асос, кишвари мо ба истиқлол ноил шуд.

Дар китоби «O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida» («Ўзбекистон дар остонаи ноил шудан ба Истиқлолият»)-и сарвари давлат дар ин бора бисёр мисолҳои ҳаётӣ, далелҳои таърихӣ оварда шудаанд.

Дар афсонаҳои қадимии мо ҳам одамон ба ваҳдат, ҳамкорӣ даъват карда мешаванд. Шумо як аз афсонаҳои халқиеро медонед, ки дар он як марди донишманд ба писарони худ яктогӣ чӯб дода, шикастани онро хоҳиш мекунад ва онҳо бемалол онро мешикананд. Лекин вақте, ки падари хирадманд ҳама чӯбро баста ба ҳар як писар мефармояд, ки шикананд, чӣ шудани натиҷаро хуб медонед. Чаро ҳамин тавр шуд? Чунки агар нерӯ муттаҳид бошад, онро шикастан душвор аст.

*Барои чӣ дар саҳро саксавул, растанӣ ва буттаҳои гуногун дар ҳоли якка не, тӯда-тӯда шуда, месабзанд?*
*Онҳо дар чунин шароит чӣ хел ба шамол ва бӯрон, хушкӣ тоб оварда метавонанд?*

Эътибор диҳед, паррандаҳо ҳам ба сафар бароянд, гурӯҳ-гурӯҳ шуда парвоз мекунанд. Ҳангоми гузаштан аз кӯҳу баҳр, чӯлу биёбонҳо онҳо ба ҳамдигар мадад мешаванд.

Ғояи ҳамкории иҷтимоӣ ҳам халқҳоро, инсониятро ба чунин ваҳдат ҳидоят мекунад, то муттаҳид шуда, хавфу хатарҳои гуногунро мағлуб намуда, сӯйи некӣ ҳаракат кунанд.

Халқи мо аз азал аҳлӣ ва муросокориро, яъне бо истилоҳи ҳозиразамон ҳамкории иҷтимоиро дастгирӣ менамуд. Аҷдоди мо ба масъалаи аз оила оғоз намудани асоси ҳамко-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рии иҷтимоӣ эътибор медоданд. Дар арзишҳои миллии мо ҳам ваҳдати ҳамдигарӣ гиромӣ дошта мешавад. Тӯю маърака, ҳашар, анъанаҳои маҳалла, ҳамсоягарӣ, ки бо иштироки аксарият мегузарад, ба ҳамин мақсад хизмат мекунанд.

Имрӯзҳо Конститутсия, қонунҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, органҳои худидоракунӣ, муассисаҳои таълиму тарбия ва маданият, тадбирҳои гуногун ва анҷуманҳо дар барқарор намудани ҳамкории иҷтимоӣ нақши муҳим доранд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Ғояи ҳамкории иҷтимоӣ ба кадом мақсадҳои нек хизмат мекунад?
2. Маънои мақоли «Сад задани сӯзангар, як задани оҳангар»-ро шарҳ диҳед. Дар ин мазмун боз кадом мақолҳоро медонед?
3. Кадом давлатҳоеро медонед, ки имрӯз дар асоси ҳамкории иҷтимоӣ тараққӣ меёбад?
4. Дар асоси мисолҳо фаҳмонед, ки халқи мо ваҳдат, муросо ва ҳамкориро чӣ тавр гиромӣ медорад.
5. Шумо дар хона, дар мактаб дар иҷрои кадом корҳо бо киҳо ҳамкорӣ мекунед?
6. Барои ҳама гуна ҷамъият зарурати ҳаётӣ будани ҳамкории иҷтимоиро дар асоси мисолҳо фаҳмонед.
7. Аз рӯйи ин расмҳо, дар бораи аҳамияти ваҳдат ва ҳамҷиҳатӣ нақл кунед.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҲАМЧИҲАТИИ БАЙНИМИЛЛӢ

Донишомӯзи азиз, Ватани мо — Ӯзбекистон давлати сермиллат аст. Дар диёри мо якҷоя бо ӯзбекон намояндагони беш аз яксаду сӣ халқу миллат бо ҳам аҳлу тифоқ умр ба сар мебаранд.

*Ҳамҷиҳатии байнимиллӣ — арзиши умумибашарӣ. Он ваҳдати намояндагони халқу миллатҳои гуногунро, ки дар як ҷамъият зиндагӣ карда, дар роҳи мақсади ягона меҳнат мекунанд, мустаҳкам менамояд, барои сулҳу осоиштагӣ ва тараққиёт омили муҳим шуда хизмат мекунад.*

Ҳар як миллати ин дунё — мӯъҷизаи бузурги Офаридгор. Чунки ҳар як миллат фазилатҳои хеле нодири барои ҳамаи одамизод хосро тавассути забон, анъана, арзиш, тарзи зисти нотакрори худ дар як шакли зебо зоҳир менамояд. Намояндаи як миллат ба ҳаёт, тарзи зисти дигар миллат шинос шуда, аз он як ҷаҳон донишу таассурот мебардорад, таҷриба меомӯзад.

**Бисёрӣ ва гуногунии халқу миллатҳо ба инсон имкон медиҳад, ки симои аслии худро дарк намуда, мавқеъ ва аҳамияти арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар ҳаёти инсон фаҳмида гирад.**

Маълум, ки решаҳои қадимии тамоми инсоният умумӣ ва муштарак аст. Ҳарчанд забон, тарзи зист ва урфу одатҳои миллатҳо фарқ кунад ҳам, орзую хоҳиш, эҳтиёҷҳои моддӣ ва маънавии онҳо қариб як хел. Намояндагони ҳамаи миллатҳо озод ва соҳибихтиёр зистан, оила сохтан, фарзанд ба воя расондан, авлоди муносиб мондан, суруду



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тарона офарида, боғу роғҳои зебо барпо намуда, бахтнок шуданро орзу дорад. Намояндагони ҳамаи миллатҳо некиро гиромӣ дошта, бадиро маҳкум мекунанд. Мисолҳои таърихӣ ҳам инро тасдиқ менамоянд. Масалан, асри гузашта, вақте фашизм ба ҳаёти халқҳои ҷаҳон таҳдид намуд, одамӣ сарфи назар аз миллат ва ирқи худ алайҳи он бархест.

Ё худ вақте, ки моҳи марти соли 2011 дар Япония аз зилзила шаҳру қишлоқҳо вайрон, ҳазорон одамон қурбон шуда, ин диёр ба аҳволи вазнин гирифтор шуд, давлат ва миллатҳои ҷаҳон бо халқи япон якдил шуда, ёрии беғаразро дареғ надошта, қатъияти худро дар роҳи некӣ намоён карданд.

Ғояи миллии мо орзую хоҳиши халқҳои Ўзбекистонро ҳаққонӣ акс намуда, аз ақидаҳои миллатгароӣ, нописандии дигар халқҳо мутлақо орӣ аст. Чунки аз азал халқҳои мо ғояҳои дўстӣ, бародариро гиромӣ дошта, бо намояндагони дигар миллатҳо дар асоси осоиштагӣ, ҳамкорӣ, ҳусни тафоҳум умр ба сар бурда, бо онҳо хешу таборанд, духтар дода духтар мегиранд, дар тўй ва рўзҳои мотам бо ҳам мебошанд.

Халқҳои мо аз азал барои ҳамкорӣ бо халқҳои гирду атроф ва ҳатто минтақаҳои дури ҷаҳон ҷидду ҷаҳд доштанд. Бо шоҳи Франсия мукотиба кардани Амир Темур, сафирони аз Европа омадаро пазируфта бо онҳо ба роҳ монда шудани робитаҳои ҳамкорӣ далели ин гуфта мебошанд.



Халқи мо чун тамоми дигар халқҳои озодидўст ва тараққипарвар, инсонро на аз рўйи миллат, балки аз рўйи хусусиятҳои одамигарии он арзёбӣ мекунад.

Иллате, ки ба ҳамҷиҳатии миллӣ рахна мезанад — ин миллатчигӣ ва шовинизм. Ҷамъият аз ин ғояҳои зарарнок ба ҳалокат маҳкум аст. Мисоли он, ғояи фашизм, ки асри XX барои ба асорат даровардани халқҳои ҷаҳон кўшиш карда буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Солҳои истиқлолият Ўзбекистон бо ҳамаи халқу мамлакатҳои дунё алоқаҳои ҳамкории дўстона ба роҳ монда, онро ҳамеша мустаҳкам карда, ба кори қавӣ намудани ҳамҷиҳатии байнимиллӣ ҳиссаи муносиб мегузорад. Имрўзҳо мамлакати мо бо давлатҳои гуногуни ҷаҳон дар асоси шартномаҳои дарозмуддати ҳамкорӣ муносибатҳои барои ҳарду тараф манфиатнокро ривоҷ медиҳад.

*Миллатчигӣ як миллатро гиромӣ дошта, дигар миллатро паст задан, ҷудо кардани миллатро мефаҳмонад.*

*Шовинизм – як намуди миллатчигӣ буда, дигар миллатро писанд накарда, кўшиши худро нисбат ба онҳо боло гузоштанро мефаҳмонад.*

*«Фашизм» калимаи италянӣ буда, маъноҳои тўда, бастаро мефаҳмонад ва он қувваҳои бадӣ мебошанд, ки бо роҳи қатли оммавӣ ва зўроварӣ сиёсат пеш мебаранд.*

Дар замони имрўза ҳам таҳдидҳое, ки барои бо роҳи ғоявӣ ва мафкуравӣ таҳқир, нест кардани урфу одат, анъана ва арзишҳо ягон халқ ё миллат нигаронида шудаанд, ҳастанд. Барои ба таъсири ин гуна таҷовузҳо наафтидан ҳамеша ҳушёр ва огоҳ будан, ба илму маърифат такя намуда зистан талаб карда мешавад. Дар ин бора фикр ронда, мулоҳизаҳои зерини сардори диёри моро ҳамеша дар хотир доштан лозим:

**«Агар тазйиқ ҳарбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ бошад, онро пай бурдан, дидан, пешгирӣ намудан мумкин, аммо тазйиқи мафкуравиро, таъсир ва оқибатҳои онро ба зудӣ пай бурдан хеле душвор. Дар чунин вазъият одам соҳиби фикри мустақили худ, арзишҳои ҳаётӣ-миллии аз санҷиши замонҳо гузашта, ҷаҳонбинии дар заминаи солим ташаккулёфта ва иродаи мустаҳкам набошад, тоб овардани он ба ҳар гуна таҳдидҳои маънавӣ, таъсири гоҳ ошкораву гоҳ пинҳони онҳо амри маҳол аст»[1].**

Ҳамин тавр, ҳамҷиҳатии байни миллати номбардори мамлакат ва дигар халқу миллатҳои сокини он, яке аз муҳимтарин омили тараққиёти иҷтимоӣ мебошад.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 113.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ***Савол ва супоришҳо:***

1. Модар-Ватани мо — Ўзбекистон чӣ гуна давлат аст?
2. Маънои ғояи «Ин Ватани азиз аз они ҳамаи мост»-ро фаҳмонида диҳед.
3. Барои чӣ ғояи тафоҳум ва ҳамҷиҳатии байнимиллӣ арзиши умумибашарӣ ба ҳисоб меравад?
4. Барои чӣ ҳар як миллатро мӯъҷизаи Офаридгор мегӯем?
5. Тамоми одамони дунё як решаи умумӣ доранд, гуфта чиро мефаҳмед?
6. Дар асоси мисолҳои таърихӣ дар бораи фазилатҳои хоси халқи мо ба монанди дӯстӣ, бародарӣ ҳикоя кунед.
7. Кадом иллатҳое мавҷуданд, ки ба ҳамҷиҳатии миллӣ рахна меандозанд.
8. Дар бораи ба мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ҳамҷиҳатии байнимиллӣ хизмат кардани ҳолатҳое, ки дар расмҳо акс ёфтаанд, нақл кунед.

А)



В)



Б)



Г)





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАҲАММУЛИ БАЙНИДИНӢ

Дар ҳаёти инсон, дар қатори дигар арзишҳо дин ва анъанаҳои динӣ ҳам нақши муҳим доранд. Дин аз қадим арзишҳои маънавии барои инсоният зарурро дар худ акс намуда, барои ба амал баровардани ғояҳои некӣ, меҳру оқибат, покӣ, ҳалолӣ, дӯстӣ ва бародарӣ хизмат мекунад. Завол наёфта, дер боқӣ мондани аксарияти арзишҳои миллӣ ҳам ба ҳамин хусусиятҳои дин вобаста аст.

*«Дин» калимаи арабӣ буда, маънояш боварӣ мебошад. Дин – низоми мафҳум, тасаввур ва қоидаҳое мебошад, ки дар асоси боварӣ ба қувваи илоҳӣ ташаккул меёбад.*

Президенти мо ба маъною мазмуни дин чунин таъриф додааст: **«Дин як низоми яклухти ғоя ва афкоре аст, ки аз азал чун қисми таркибии маънавияти инсон, идеалҳои волои одамизод, орзую армонҳои ӯро дар бораи ҳақ ва ҳақиқат, инсоф ва адолат дар худ муҷассам карда, онҳоро дар шакли қоидаҳои барқарор мустаҳкам мекунад»[1].**

Тамоми динҳои ҷаҳон ба ғояҳои некӣ асос меёбанд. Онҳо одамонро ба ростӣ, софӣ, шафқат ва меҳрубонӣ ҳидоят сохта, озор надодани кас, аз корҳои бад канора ҷустан, бандаи нафс нашудан, раҳгум назаданро талқин менамоянд. Ғояи таҳаммули динӣ дар ҳоли дарк намудани ҳамин тамоилҳои барои динҳо хос, даъват ба амал меорад, ки байни онҳо ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, расму русум ва амалҳои динӣ эҳтиром шуда, қувва ва имкониятҳои онҳо ба мақсадҳои неки давлат, ҷамъият, тамоми инсоният хизмат кунанд.

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 36.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Таҳаммули байнидинӣ ин эҳтироми ҳамдигар, дар роҳи ғоя ва ниятҳои олиҷаноб ҳамкор ва ҳамҷиҳат шуда зистани вакилони динҳои гуногун мебошад.*

Имрӯзҳо барои ноил шудан ба таҳаммули байнидинӣ, байни онҳо мулоқот, ҳамкорӣ дар роҳи некӣ ба роҳ монда мешаванд. Хусусан хатарҳое, ки тӯли асри охир ба сари инсоният омадааст — офату балоҳо чун хавфи ҷанги ядроӣ, ҳалокати экологӣ, терроризм ва экстремизми динӣ, динҳоро ба некӣ, дар роҳи нигоҳ доштани сайёраи барои тамоми инсон ягона, ба муттаҳидӣ ва ҳамкорӣ водор месозанд.

Азбаски моҳияти ҳамаи динҳоро мафҳумҳои некӣ, боварӣ ба Ватан ва қудрати он, меҳру шафқат ташкил медиҳанд, ҳамин мафҳумҳо чун замина барои ба мулоқот, ҳамкорӣ даъват намудани вакилони динҳои гуногун хизмат мекунанд.

Ғояи таҳаммули динӣ, ки шарти муҳими осоиштагӣ ва субот буда, имрӯз ҳамкории на танҳо диндорон, балки аъзоҳои тамоми ҷамъиятро дар назар дорад, яке аз омилҳои муҳими ноил шудан ба ҳамҷиҳатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳудуди мамлакати мо аз қадим динҳои ислом, насронӣ (христианӣ), яҳудизм, буддоӣ дар асоси ҳамкорӣ вуҷуд доранд. Барои ҳамин, дар давоми асрҳо дар шаҳрҳои калони мо масҷиди мусулмонон, калисои насрониҳо, синагогаи яҳудиён паҳлӯи ҳам фаъолият мебурданд. Чунки аз қадим Роҳи бузурги абрешим маҳз тавассути шаҳрҳои калони мо мегузашт. Аз ин рӯ, вакилони динҳои гуногун ба мамлакати мо омада, дар ин ҷо муқим гардидаанд. Ба эътиқоди динии онҳо ҳеҷ кас зарару осебе намерасонид. Дар мураккабтарин давраҳои таърихӣ ҳам дар диёри мо низоъҳои динӣ ҷой надоштанд. Осори атиқа, ёдгориҳои кӯҳна, ки аз шаҳрҳои қадимии мо ёфт шудаанд, ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Чунин анъанаҳои таҳаммули байнидинӣ то имрӯз идома меёбанд. Ин ҳама аз он далолат медиҳад, ки халқҳои мо дар боби таҳаммули байнидинӣ соҳиби таҷрибаи бой мебошанд.

Халқи мо бо фазилатҳои таҳаммулпарварии худ, сарфи назар аз мансубият ба кадом миллат ё дин, эҳтироми инсонро риоя кардааст, аз вакилони ба ёрдам мӯҳтоҷи халқ ва миллатҳои гуногун меҳр ва неъматҳои моддиро дареғ надоштааст. Ба ин аз таърих мисолҳо овардан мумкин. Хусусан, замони Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, ки соли 1939 сар шуда, то соли 1945 давом дошт, фазилатҳои волои инсонии халқи мо боз як бор аз санҷиш гузашт. Шаҳру деҳоти ҳудуди ғарбии собиқ СССР зери оташи ҷанг монданд. Вакилони аҳолии осоиштаи он минтақаҳо – кӯдакон, занҳо, пиронсолон бо зудӣ ба кишварҳое, ки алангаи ҷанг нарасида буд, кӯчонида шуданд. Аз ҷумла, ба диёри мо миллионҳо одамони ташнаву гурусна, бе сарпаноҳ, ятим мондаҳо оварда шуданд. Халқи мо дар ҳамон давраи вазнин ҳамаи бойигарии худро ба фронт гусел карда, ба аҳволи душвори худ нигоҳ накарда, ҳамин одамони иборат аз вакилони миллат ва динҳои гуногунро ба оғӯши худ мегирад. Ба онҳо сару либос, сарпаноҳ дода, як бурида нонро бо онҳо баҳам мебинад. Ин намунаи ҳақиқии инсонпарварӣ, меҳру оқибат буд. Бо чунин фазилатҳои халқи худ, мо чӣ қадаре фахр кунем ҳам меарзад.

Чунин фазилатҳои халқи мо дар гимни давлати мо ҳам алоҳида таъкид шудааст:

*Бағрикенг ўзбекнинг ўчмас иймони –*
*Эркин, ёш авлодлар сенга зўр қанот.*
*Истиқлол машъали, тинчлик посбони,*
*Ҳақсевар она юрт, мангу бўл обод.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Имрӯз дар мамлакати мо барои фаъолияти тамоми конфессияҳои динӣ шарту шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Асосҳои ҳуқуқӣ дар ин замина дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» муайян карда шудаанд. Дар диёри мо ташкилотҳои динии беш аз даҳ конфессияҳо мавҷуданд.

Дар диёри мо офарида шудани шароити баробар барои ривоҷи урфу одат ва анъанаҳои вакилони миллату динҳои гуногун, афзудани манбаъҳои дониш, масканҳои маърифат, ахборот, ки ба дарки моҳияти аслии дин ёрӣ мерасонанд, ба таҳкими таҳаммули байнидинӣ асос мегардад.

Хуллас, ғояи таҳаммули байнидинҳо аз зарурати дар асоси маърифат тараққӣ намудани инсоният баромада, он даъват менамояд, ки ба манфиати намояндагони тамоми динҳо мувофиқ будани ҳамкорӣ дар роҳи некӣ дарк карда шавад ва дар ҳамин асос ҳаракат ба роҳ монда шавад.

Донишомӯзи азиз, инак, бо мафҳум ва тамоилҳои муҳим ҳам, ки қисмҳои узвии таркибии ғояи миллиро ташкил мекунанд, мухтасар шинос шудем. Ҳаминро дар хотир доред, ки ба амал баровардани мақсадҳои бузург, ки дар ғояҳои миллии мо муҷассам шудаанд, пеш аз ҳама, ба чуқур дарк кардани ин мақсадҳо, дар роҳи амалӣ кардани онҳо аз сидқи дил меҳнат кардани ҳар кадом инсони узви ҳамин ҷамъият вобаста аст. Барои ҳамин, танҳо ба донистани мафҳум ва тамоилҳои асосии ғояи миллӣ маҳдуд нашуда, ҳаракат кунед, ки дар ба амал баровардани онҳо шахсан ҳисса гузоред. Дар чунин ҳол, Шумо албатта, фарзанди муносиби Ватани худ шуда ба воя мерасед, оянда ба мақсадҳои неки худ ноил мешавед.

*Толерантнокӣ — ҳаммаънои калимаи дар адабиёти илмӣ истифодашавандаи таҳаммул буда, маънои сабр, бардошт, тоқат карданро мефаҳмонад.*

*Конфессияи динӣ — ҷамоаи одамонест, ки ба дини муайян эътиқод мекунанд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Динҳо аз замонҳои қадим барои ба амал баровардани кадом ғояҳо хизмат мекунанд?
2. Дар бораи фикрҳои Президенти мо оид ба дин нақл кунед.
3. Имрӯз барои ноил шудан ба таҳаммули байни динҳо чӣ гуна тадбирҳо амалӣ карда мешаванд?
4. Кадом динҳоеро медонед, ки дар ҳудуди мамлакати мо аз қадим дар асоси ҳамкории байниҳамдигарӣ фаъолият доранд?
5. Аз рӯйи расмҳо дар бораи фазилатҳои таҳаммул нақл кунед.

А) 

В) 

Б) 

Г) 



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби III

# ШАРТҲОИ МУҲИМИ МАЪНАВИЯТ

## ЭҲСОСИ ҶАМОА

Чуноне, ки дар дарсҳои гузашта таъкид шуд, ғояи миллӣ ва маънавияти мо қалб ва руҳи халқи моро, муҳимтарин хусусиятҳои онро ҳам акс мекунад. Дар ин бора сухан равад, аз замонҳои қадим ҳаёти муқимӣ аз сар гузаронида, дар асоси ҷамоавӣ аҳлона зистани халқи моро қайд кардан лозим. Президенти мо Ислом Каримов дар китоби «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» дар хусуси чунин тамоилҳо, ки ба тарзи зисти халқу диёр даромада рафтаанд, батафсил истода, роҳи мураккаб ва пуршарафи аз замонҳо гузаштаи халқи моро ба воситаи лавҳаҳои аниқи ҳаётӣ тасвир мекунад.

**«Маълум ки тафаккур, тарзи зист, олами маънавии ҳар кадом халқ ё миллат худ аз худ, дар ҷойи холӣ ташаккул намеёбад. Ҳамаи мо нағз медонем, ки дар ба вуҷуд омадан ва ривоҷи онҳо омилҳои аниқи таърихӣ, табиӣ ва иҷтимоӣ асос мешаванд. Масалан, дар олами Шарқ, аз ҷумла, дар шароити Осиёи Миёнаи мо эҳсоси ҷамоа шуда зистан аҳамияти хеле муҳим касб мекунад ва барои ба якдигар наздик шудан, якдигарро дастгирӣ намуда ҳаёт гузаронидани одамон замина меофарад. Ба ин маъно, ба тафаккур ва тарзи зисти халқи мо назар андозем, як қатор хусусиятҳоеро мебинем, ки аз дигарон фарқ мекунанд, дар давоми ҳазорҳо сол ташаккул ёфтаанд, на фақат дар муомилаи ҳамдигар, балки ба сифати як қисми узвии ҳаёти мо намоён мешаванд»[1].**

Барои мисол, ибораҳои меҳру оқибат, меҳру муҳаббат, меҳру шафқати забони модарии мо, ки ҳамдигарро бой мегардонанд, ҳатто барои тарҷума ба дигар забонҳо мушкил ба назар мерасанд. Чунки ин мафҳумҳо бо ҳаёт, таърих, арзи-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 7–8.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шии миллӣ ва анъанаҳои халқу диёри мо якҷоя ташаккул ёфта, қисми таркибии тарзи зист, ҷаҳонбинии он шудаанд.

Албатта, ин мафҳумҳо калимаҳое нестанд, ки барои ба гӯш форам расидан сохта шудаанд. Онҳо ифодаи амалии арзишҳое мебошанд, ки асрҳо ба сифати асоси ҷаҳонбинӣ, ҳаёти маънавии халқ, ба вуҷуд омада, дар шуури мо ҷой гирифтаанд.

**«Масалан, агар мафҳуми меҳру оқибатро, ки ба одати неки мо табдил ёфтааст, гирем, дидан мумкин, ки он решаҳои амиқи таърихӣ, миллӣ, динӣ дорад. Ин ҳамоҳанг шуда зистани инсон бо инсон, ҳамсоя бо ҳамсоя, хеш бо хеш, оила бо оила, муҳимаш, шахс бо ҷамъиятро, саховат нишон додан, аз сидқи дил ёрии беғараз доданро ба ятиму бекас, бевaву бечора ва маҷрӯҳон, мусофиронро мефаҳмонад ва ба олами маънавии халқи мо чуқур реша давондани ин хусусиятҳоро ҳеҷ кас инкор карда наметавонад»[1].**

Дар Ӯзбекистони имрӯзаи мо, дар ҳудуди Осиёи Миёна аҳолӣ аз азал дар водиҳо, соҳилҳои манбаъҳои калони об – дарё ва анҳор умр ба сар мебурданд. Худи шароити ин ҳудуд, ки атрофи он чӯл ва саҳроҳо аст, табиаташ, иқлимаш хеле мураккаб ва тағйирёбанда, тӯли ҳазорҳо сол тақозо мекард, то миллат ва халқҳои ин сарзамин бо ҳам паҳлӯ ба паҳлӯ, вазнинии якдигарро сабук карда зиндагӣ кунанд. Яъне, одамони ин сарзамин имкон надоштанд, дар ҳоли пароканда ҳаёт гузаронанд. Худи табиат, худи ҳаёт ҷамоа шуда истиқомат кардани онҳоро ба зарурат табдил додааст. Чунин тарзи зист, ба таври табиӣ ба одамон меомӯзонд, ки аз ҳоли ҳамдигар хабардор шуда, дарду шодиро баҳам дида, ҳам дар тӯй, ҳам дар азо бори гарони ин ҳаётро баробар кашанд, дар қалби инсонҳо рухи эҳтиромро ба фикри ҷамоа пурзӯр кардааст.

Аломатҳои ҷамоавӣ то имрӯз дар ҳаёти мо мавқеи муҳим ишғол мекунад. Хусусан, солҳои истиқлолият эҳё шудани ташкилоти маҳалла, дода шудани мақоми идораи худидоракунӣ ба он, шаҳодати он аст, ки дар тарзи зисти

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 8–9.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мо анъана ва қадриятҳо, урфу одатҳои бо тамоилҳои ҷамоавӣ вобастаи мо боз васеъ ҷой мегирад. Масалан, ҳашар, тӯй ва тамошоҳоро бо маслиҳати аҳли маҳалла гузаронидан, рӯзҳои иди Наврӯз пухтани таомҳои баҳории ҳалим (кашк), сумалак, гузарондани бозӣ ва тамошоҳои гуногун, кӯмак ба мӯҳтоҷон, хабар гирифтан аз ҳоли бекасон, расондани ёрии беғараз ба онҳо, дастгирӣ намудани оилаҳои камтаъмин, тарбияи ахлоқӣ-маънавии ҷавонон, эътибор ба тозагӣ, ободонии маҳалла — ҳамаи ин аз ҷумлаи чунин қадриятҳо мебошанд. Ҳашар намунаи равшани меҳнати ҳақиқии ҷамоавӣ, ифодаи иродаи ҷамоа мебошад. Ба воситаи ин тадбир корҳое ба сомон мерасанд, ки ба ҳама як хел тааллуқ дорад. Фарз кунем, кӯчаҳои маҳалла, қишлоқ ё шаҳр тоза карда мешавад, обод мегардад, масканҳои ҷамоатӣ – гузари маҳалла, чойхона, дӯкон ё ошхона барпо карда мешавад. Ё бо роҳи ҳашар камбудиҳои одамони ба ёрӣ мӯҳтоҷ бартараф карда мешавад, ба онҳо кӯмаки моддӣ ва амалӣ дода мешавад.

**Ҳаёти ҷамоавӣ инсонро меомӯзонад, ки ба дарду шодии одамони гирду атроф беэътибор нашавад, фақат худро не, балки дигаронро ҳам фикр карда умр ба сар барад. Ин дар ҳақиқат инсонпарварӣ мебошад.**

*Ҷамоавият ва инсонпарварӣ мафҳумҳои наздик ва муштарак мебошанд. Эҳсоси мафҳумҳои барои инсон зарур чун меҳру оқибат, ору номус, назди дигарон худро доштан, шафқат, мурувват, хайру саховат, ҳамдардӣ, ҳамкорӣ дар асоси ҳаёти ҷамоавӣ пайдо мешаванд ва ривоҷ мeёбанд.*

Бинобар пурзӯр будани анъанаҳои ҷамоатчигӣ дар мо, пеш аз сар кардани ягон кор маслиҳат пурсида мешавад. Коре, ки аксарият маъқул кунад, албатта ба охир расонда мешавад. Касе, ки ба эҳтироми ҷамоа сазовор аст, инсони баобрӯ ва боэътибор мебошад. Албатта, ба ин дараҷа расидан осон нест. Барои ин меҳнати ҳалол, ҳамоҳангии манфиати аксарият бо манфиати шахсӣ, эътибори фикри дигарон талаб карда мешавад.

Табиати инсон ҳамеша моили бо касе мулоқот карда, табдили фикр карда, ҳамкорӣ карда зистан аст. Тасаввур кунед, ки қаҳрамони романи «Робинзон Крузо»-и нависандаи англис Даниэл Дефо ба ҷазираи беодам афтода, аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

набудани ҳамсӯҳбат, ҳамдард чӣ қадар азоб мекашад. Бечора чӣ карданашро надониста, бо ҳайвонҳо, растаниҳо «сӯҳбат кардани» вай, шаҳодати он аст, ки дар ҳаёти одамизод роли ҷамоа беназир аст.

Ҷамоаи аҳл шуда ҳаракат кардани инсонҳои ҳамфикр, дар ҳаёти рӯзмарра, дар кор, дар меҳнат ҳам ба комёбиҳо асос мешавад. Агар эътибор дода бошед, дар мусобиқаҳои бонуфузи спортӣ кадом ҷамоае, ки якдил ва ҳамҷиҳат бошад, дар роҳи мақсади ягона аз як гиребон сар баровარда ҳаракат кунад, ғолиб мешавад. Бешубҳа, дар ин кор, қобилият ва истеъдод, имкониятҳои ҷисмонӣ, маънавии ҳар як одамро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим. Ҳар як одам дар ҳоли нигоҳ доштани хусусиятҳои шахсӣ, индивидуалӣ ва қиёфаи худ, дар айни замон дар ҷамоа бояд ҷой ва вазифаи ба худ муносибро иҷро кунад. Дар он ҳол ҷамоа пурзӯртарин ҷамоа мешавад.

*Индивидуалият ифодаи хусусият ва аломатҳои фақат ба як инсон хос буда, барои инсон ин ҳам зарурмарин фазилат мебошад. Лекин агар индивидуалият ба худ бино мондан, худро аз дигарон боло гузоштан гуфтан, ба ҳодисаи фақат бо фикри манфиатҳои шахсӣ зистан табдил ёбад, ба худи инсон ҳам, барои ҷамъият ҳам зарарнок мебошад.*

Хусусияти нодири ҷамоа ҳамин, ки одамони бетакрор, аз ҳам фарқкунандаро сари мақсадҳои ба шавқ ва манфиатҳои шахсии онҳо дахлдор муттаҳид мекунад, инсонро ба хоксорӣ, ҳалолӣ, ҳамдардӣ меомӯзонад. Дар ин ҷараён, нақши раҳбарон беназир мешавад. Онҳо ҳаракати ҷамоа, зуҳури ирода, кайфияти умумӣ ва ҷидду ҷаҳди онро муайян мекунанд. Пешво чӣ қадар пурзӯр, бо азму шуҷоат, боқатъият ва боирода бошад, ҷамоа ҳам ҳамин қадар пурзӯр мешавад.

**Синф ва мактаб, ки таҳсил мегиред, оила, маҳалла ба Шумо ҷамоаи қадрдон мебошанд. Ҷаҳонбинӣ, фазилатҳои Шумо дар ин ҷамоаҳо ташаккул меёбанд.**

Ҷойе, ки падару модари Шумо хизмат мекунанд, ҷамоаи меҳнатӣ мебошад. Дар афзудани дониш ва таҷриба, малакаи ҳаётӣ, ба фазилатҳо зам шудани фазилат, меҳнат, ри-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

воҷи анъанаҳои устоду шогирдӣ, даромади ҳалол, ризқу насиба ёфта зистани инсон роли ҷамоаи меҳнатӣ калон аст.

Чуқуртар фикр кунем, Модар-Ватани мо ҳам, ки ҳамаи моро ба воя расонда, нону намак, донишу маърифат додааст, ҷамоаи калонест, ки аз инсонҳои миллат ва халқҳои гуногун, соҳибони назар ва манфиатҳои ҳархела ташкил ёфтааст. Пешвои ин ҷамоа Президенти Ўзбекистон мебошад. Сарвари диёри мо мақсадҳои олӣ ва манфиатҳои ин инсонҳоро муайян намуда, халқро дар роҳи бунёди ҷамъияти нав боқатъият раҳнамоӣ мекунад. Ба туфайли меҳнати халқи мо, ҷамоаи ҳамҷиҳат ва якдил шуда ба пеш ҳаракат кардани он, диёри мо ба дастовард ва натиҷаҳои калон ноил мешавад, дар ҳамҷамъиятии дунё ҷойи муносиб ишғол мекунад. Ин, албатта, моро шод мекунад, барои фарзанди муносиби ҳамин халқ шуда, дар роҳи равнақи кишвар хизмат кардан, ҳидоят мекунад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Хусусиятҳои ба худ хоси халқи мо гуфта чиҳоро мефаҳмед?
2. Барои чӣ ибораҳои аз қабили меҳру оқибат, меҳру муҳаббат, меҳру шафқат, қадру қиматро ба дигар забонҳо тарҷума кардан мушкил аст?
3. Кадом сабабҳо аз қадим аҷдоди моро ба ҷамоа шуда зистан ҳидоят мекард?
4. Дар солҳои истиқлолият кадом анъана ва арзишҳои ба ҷамоатчигӣ хос эҳё шуданд?
5. Ҷой ва таъсири пешво дар ҷамоа чӣ хел аст?
6. Оё Шумо ба ягон ҷамоа пешво шуда дидаед?
7. Ба воситаи мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонед, ки берун аз ҷамоа зистан мумкин нест.
8. Нақл кунед, ки дар расмҳои зерин кадом фазилатҳои ба халқи мо хос акс ёфтаанд.

А)


Б)


В)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДАРКИ ИНСОН

Донишомӯзони азиз! Маънавиятро ҷудо аз инсон, қалб, шууру тафаккур ва ҷаҳонбинии вай тасаввур карда намешавад. Барои ҳамин ҳам, Президенти мо Ислом Каримов таъкид мекунад, ки **«Барои фаҳмидан, дарк кардани маънавият, аввало инсонро фаҳмидан, дарк кардан лозим»**[1].

*Дарки инсон фазилат, маданияти хеле муҳим буда, арзиши умумибашарист, ки гуманизм, яъне асоси инсонпарвариро муқаррар мекунад.*

**Дарки инсон аз замонҳои хеле қадим чун масъалаи мураккаб олим ва файласуфҳо, шоирон, рассом ва бастакоронро, соҳибони касбҳои гуногунро ба андеша мекашид.**

Чандин китобҳо, асарҳои мусиқӣ ва санъати тасвирӣ айнан ба ҳамин муаммо – мавзӯи дарки инсон бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ҳамин, имрӯз ҳам ба гуфтани як таърифи аниқ ва том душворӣ мекашем. Чунки ҳар як инсон – як олами том. Бо тағйири табиат, ҷамъият ӯ ҳам тағйир меёбад.

**Фаҳмидани инсон аз одам дониш ва таҷрибаи калон, муҳимаш, эҳсоси покиза, қалби соф талаб мекунад.**

Инсонро ба ҳеҷ як қувва ё аслиҳа мағлуб намуда, қалбашро, руҳашро забт карда намешавад. Фақат ба воситаи ба қалби ӯ роҳ ёфтан, бо вай дӯст ва ҳамкор шудан мумкин.

Барои фаҳмидани инсон донистани халқ ва диёри ӯ, аҷдоди вай аҳамияти муҳим дорад. Чунки феълу атвор, қалб, эҳсос ва мафҳумҳои одам дар ҳоли ғизо гирифтан аз

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 29.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

меҳри халқ, урфу одат ва анъанаҳои зодгоҳ, мероси падару бобоён ташаккул меёбад. Оё эътибор додаед, ки агар ба ягон ҷой ба меҳмонӣ равед, одамони нав шинос шуда ба Шумо, аввало, «Канӣ, меҳмон, Шумо аз куҷоед, падару модаратон, аҷдоди Шумо киҳо?» гуфта мепурсанд. Дар бораи Шумо маълумотҳои заруриро дониста гирифта, аз рӯйи он ҳаракат мекунанд дили Шуморо ёбанд, ба Шумо сӯҳбати табъи дил ороянд.

Имрӯз, дар натиҷаи бо шиддат ривоҷ ёфтани воситаҳои ахборот ва технологияҳо имкониятҳои омӯхтан ва мушоҳидаи мулоқоти байни одамҳо, ҳаракатҳои инсон, олами маънавии онҳо ҳам торафт пурзӯр мешавад. Албатта, ҳамаи ин дар фаҳмидани инсон шароит ба вуҷуд мебиёранд. Чунки мулоқотҳои самимӣ байни инсонҳо, халқҳо чӣ қадар афзояд, ҳамдигарро фаҳмидани онҳо осон мешавад. Инчунин, дар фаҳмидани халқҳои дунё, руҳан наздик шудан бо онҳо, адабиёти бадеӣ, театр, кино, мусиқӣ ва асарҳои санъати тасвирӣ аҳамияти хос дорад. Чунки онҳо ифодагари қалби ҳар як халқ мебошанд.

Шумо, албатта, дар бораи гузаронида шудани бисёр анҷуманҳои санъат ва маданият дар мамлакати мо шунидаед. Хусусан, хабар доред, ки дар шаҳри Самарқанд, ки чун сайқали рӯйи Замин эътироф шудааст, ҳар ду сол фестивали байналхалқии мусиқӣ ба номи «Шарқ тароналари» шуда мегузарад. Дар ин анҷумани санъат аз мамлакатҳои ҷаҳон вакилони санъати мусиқӣ иштирок мекунанд. Онҳо бо мусиқии кишвари худ, ба Самарқанд гӯё қалби халқро мебиёранд. Навоҳои бомаҳорат иҷро кардаро шунида, бо олами зебои маънавӣ, саъйи руҳӣ, эҳсоси ҳар як халқ ва миллати ҷаҳон ошно мешавем. Бе ҳеҷ гуна тарҷума, эзоҳ ва шарҳ қалби он халқро мефаҳмем, орзуву саъй, тарзи ҳаёти онҳоро тасаввур мекунем.

Дар айни замон, як ҳақиқатро фаромӯш накардан лозим: ҳаёт мураккаб, вазъиятҳое мешаванд, ки баъзан як умр ҳамсӯҳбат шуда, дӯстро фаҳмидан душвор. Дар чунин лаҳзаҳо бе эҳтирос, бо тамкин, ақлу заковат, худро ба ҷойи дӯст монда, чуқур мулоҳиза рондан лозим мешавад. Баъзан, аз ҳазор таънаю дашном, суханҳои талх, кинаю адоват дида, як даҳон гапи ширин, ҳазлу мутоибаи сари вақт истифода-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



шуда, аз самими қалб меҳр нишон додан, ба одам бештар таъсири эҷобӣ расонида, қулфи бо ҳазор ҳаракатҳо кушода нашудаи дил, бо ҳамин восита кушода шуданаш мумкин.

Фаҳмидани қалби як нафар чӣ қадар душвор бошад, дарки худи инсон ҳам мураккаб. Оё фикр карда дидаед, ки барои чӣ одамизод кӯшиш мекунад навигарӣ донад, дониш гирифта, таҷриба омӯхта, бо дигарон мулоқот кунад? Чунки дар вай, аввало, шавқи дарки кӣ будани худаш пурзӯр аст. Чӣ қадар бисёр дониш ва тасаввур гирад, чӣ қадар бисёр одам бинад, шиносад, имконияти ба онҳо муқоиса кардан ва дар бораи худ хулоса баровардани вай зиёд мешавад. Барои ҳамин, инсон як умр ҳаракат мекунад худро дарк кунад. Саволҳои «Ба ин дунё омада, оё дуруст зиндагӣ мекунам, мабодо вақтам беҳуда сарф намешавад-мӣ, нону намаки додаи падару модар, халқро сазовор шудам-мӣ?» шаб ё рӯз дар қалби ҳар як одам пайдо шуданаш мумкин.

Барои чуқур дарк кардани худ, одам бояд ҳушёр ва огоҳ бошад, аз хондан, омӯхтан, ҷустуҷӯй як лаҳза ҳам бознаистад. Корҳо, хато ва камбудиҳоро ҳар рӯз аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо дода, бояд сарҳисоб карда истад. Беҳуда дар ҳадисҳои муқаддас зикр нашудааст, ки «Аз гаҳвора то гӯр илм омӯз». Инсон ба дунё барои хондану омӯхтан, аз сирҳои олам хабардор шудан, худро дарк кардан омадааст. Инсоне, ки худро дарк кардааст, қарзи худро дар назди халқ ва Ватан, тамоми башар, вазифаи инсонии худро ҳам дуруст мефаҳмад.

Донишомӯзи азиз, Шумо ҳамеша ҳаракат кунед инсонҳои атрофи худро дуруст фаҳмед. Сарфи назар аз шинос, ношинос будани одам, салом, суханҳои самимӣ ва меҳри худро дареғ надоред. Ҳеҷ вақт фаромӯш накунед, ки бо сухани ширин, хулқи хуб ба қалби инсон, ки бойигарии бепоён аст, роҳ меёбед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Инсоне, ки Шумо фаҳмидед – наздиктарин дӯстатон. Инсоне, ки Шумо нафаҳмидед – дунёест, ки ҳоло Шумо рафта нарасидед, кашф накардаед.**

**Одаме, ки дар ин ҷаҳон ба дарк кардани худ ва дигарон ҳаракат карда, умр ба сар мебарад, инсоне мебошад, ки маънавияти худро ҳамеша бой ва воло мегардонад.**

Оё эътибор додаед, ки хоҳиши дили падару модарро онҳо нагуфта, бо фаҳми худ сари вақт чой дам карда диҳед, пойафзол, сару либоси онҳоро тоза карда монед, онҳо чӣ қадар хурсанд мешаванд. Ба ин маъно, дарки инсон, барои ҳозир шудан ба хизмати одамон, хешу табори наздик, халқу диёр, дар вақти зарурӣ барои дармон шудан ба дарди онҳо лозим аст.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Суханҳои «Барои фаҳмидан, дарк кардани маънавият, аввало инсонро фаҳмидан, дарк кардан лозим» дар кадом китоб аз тарафи кӣ гуфта шудааст?
2. Фаҳмидани инсон аз одам чиҳоро талаб мекунад?
3. Ба қалби инсон чӣ хел роҳ ёфтан мумкин?
4. Оё воситаҳои ахбори оммавӣ ба монанди телефони дастӣ, Интернет, компютер барои фаҳмидани инсон ёрдам медиҳанд?
5. Шумо кадом суруд ва навоҳоро дӯст медоред?
6. Оё дар байни дӯстонатон саркаш ва қайсарҳо ҳастанд? Барои ёфтани дили онҳо чӣ мекунед?
7. Аз ин расмҳо тасвири фестивали «Шарқ тароналари»-ро ёбед ва аҳамияти ин фестивалро дар роҳи дарки инсон нақл кунед.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## УСТУВОРИИ ҚОНУН

Донишомӯзи азиз, Шумо дар бораи панҷ тамоили ба тараққиёти баланд ноил шудани кишвари мо, ки аз тарафи Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов пешниҳод шудааст, албатта, шунидаед. Ин тамоилҳоро, ки имрӯзҳо дар ҷаҳон ба сифати «модели ӯзбекии тараққиёт» эътироф шудааст, ба Шумо ёдоварӣ мекунем.

**Инҳо:**

**1. Бартарии иқтисод аз сиёсат, аз мафкура озод будани он.**

**2. Сарислоҳотчӣ будани давлат.**

**3. Устуворӣ ва ба ҳама баробарии қонун.**

**4. Сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии камтаъмин.**

**5. Зина ба зина ба амал баровардани ислоҳотҳо.**

Дарси имрӯза ба яке аз ин самтҳои муҳим — устувории қонун дар мамлакати мо, ба масъалаҳои зарурати амали якхела ба қонун, чӣ будани маданияти ҳуқуқӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва баръакси амали қонунӣ, хавфи ба қонун итоат накардан ба ҳаёти ҷамъият бахшида мешавад.

Таърихи тамоми сохт ва ҷамъиятҳо, ки инсоният дар гузаштаи худ барпо намудааст, аз як чиз дарак медиҳад.

**Дар кадом сохт ё ҷамъияте, ки қонуният устувор бошад, шаҳрвандон бечуну чаро ба қонун итоат карда бошанд, ҳамон давлат ва ҷамъият ба тараққиёти баланд, осоиштагӣ ва фаровонӣ ноил шудааст.**

Ба ин гуфтаҳо аз таърихи халқи мо ҳам бисёр мисолҳо ёфтан мумкин. Масалан, аз асари «Тузукоти темурӣ» маълум мешавад, ки корҳо дар давлати соҳибқирон Амир Темур



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– аз идораи давлат сар карда то ба хабар гирифтан аз ҳоли беваю бечораҳо бо тартиби қатъӣ, сари вақт ва мунтазам ташкил мешуд. Ҳар як кор, вазифа соҳиби худ – иҷрокунанда дошт. Аз амалдорон сар карда то шаҳрванди оддӣ талаб карда мешуд, ки ба қонуну қоидаҳои аз тарафи Кенгаши оқсақолҳо қабулшуда як хел амал ва итоат кунанд. Дар натиҷа, давлати Амир Темур, ки дар таърихи ҷаҳон аз ҷиҳати ҳудудӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ яке аз калонтарин давлатҳо буд, аз ҳар ҷиҳат равнақ ёфта, ба қудрати он аҳли ҷаҳон ҳавас мекард.

Баръакс, давлатҳое, ки дар он ҷо қонуният зери по шуда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон поймол, идораи ҷамъият ва тақдири халқ ба ҳоли худ партофта шудааст, ба тараққиёти пешқадам ва фаровонӣ ноил нашудаанд. Дар ин бора ҳам аз гузаштаи худ мисол овардан беҳтар аст. Дар китоби сарвари диёри мо «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» сабабҳои аслии парокандагии сиёсӣ, ҷаҳолат ва ақибмондагӣ дар сарзамини Туркистон баъди ҳукмронии темуриён аз асри XVII то ибтидои асри XX чуқур таҳлил карда шуда:

**«Муддати дароз дар гирдоби зиддият ва ҷангу низоъҳо мондани минтақае, ки ба се хонӣ тақсим шуда буд, на фақат аз рӯйи салоҳияти иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳарбӣ, балки дар ривоҷи фикри маънавӣ-иҷтимоӣ ҳам оқибатҳои салбиро ба вуҷуд оварданаш»**[1] алоҳида таъкид мешавад.

Нигоҳ доштани аҳлӣ ва якдилии халқ, дар роҳи манфиатҳои миллӣ боқатъият шудан, масъулият ва ҳушёрӣ бошад, дар асоси қонуният ба вуҷуд меояд. Афсӯс, дар зинаи ба ном «давраи се хонӣ»-и таърихи мо баръакси онро мебинем.

**«Ҳукмдорон ва амалдорони диёр ба ҷойи ғамхорӣ дар бораи тақдир ва ояндаи халқ, манфиатҳои шахсии худро аз ҳама чиз боло гузошта, дар натиҷа ба ҷаҳолат ва ғафлат дода шуданд, минтақае, ки имрӯз мо зиндагӣ мекунем, аз ҷараёнҳои умумибашарии тараққиёт канда шуда, аз ривоҷёбӣ бошиддат ақиб монда рафт»[2].**

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 50–51.

[2] Ҳамон асар, саҳ. 51.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз ин дида мешавад, ки қонуният шарти муҳим, кафолати тараққиёт, фаровонӣ ва амнияти ҳар гуна ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Барои дар ҷамъият амал кардани қонуният маданияти ҳуқуқии ин ҷамъият бояд дар дараҷаи баланд бошад.

*Маданияти ҳуқуқӣ – ин дараҷаи донишҳои муҳимро дар бораи давлат ва ҳуқуқ аз худ кардани инсон, таҷриба, савияи умумии ҳуқуқии одам дар боби донистани қонунҳо ва дар асоси онҳо зистан мебошад.*

Маданияти ҳуқуқӣ қисми ҷудонашаванда, узвии маданияти умумӣ ба ҳисоб меравад. Барқарор шудани маданияти ҳуқуқӣ дар ҷамъият ба омилҳои зерин узван вобаста аст:

1. Аз тарафи давлат кор карда баромадан ва амалӣ кардани сиёсати ҳуқуқӣ, ки манфиатҳои халқро ифода мекунад.

2. Дар мамлакат ривоҷ ёфтани фанҳои юридикӣ – ҳуқуқшиносӣ.

3. Дар назди қонун баробар будани ҳама.

4. Дар доираи қонунҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои худро иҷро намудан, онҳоро дарк кардани шахсони мансабдори идораҳои давлатӣ, ки ҳуқуқро ба амал мебароранд.

5. Мунтазам ба роҳ мондани корҳои тарбияи ҳуқуқӣ, тарғиботу ташвиқот ва ҳоказо.

Тараққиёти Ўзбекистони мо, ки ба роҳи истиқлолият даромадааст, дар шароити набудани маданияти ҳуқуқӣ, адолат, нописандии қонун асло мумкин набуд. Аз ин рӯ, якуним сол пеш аз истиқлолият сарвари диёри мо 24-уми феврали соли 1990 ин масъаларо чун вазифаи муҳим таъкид карда буд:

**«Пеш аз ҳама, ба худ чунин савол доданамон даркор: ҳар як шаҳрванд, ҳар як инсон, сарвари оила аз ҳокимият чиро интизор аст?**

**Асоситарин, муҳимтарин, умумитарин мақсадро муайян карданӣ бошем, гуфтан мумкин аз рӯзе, ки давлат пайдо шуд, инсон аз давлат ҳимоя кардани амнияти худ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиро интизор мешавад, аз ҳокимият наҷот меҷӯяд. Ҳокимият ба ҳамин**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**талабҳои табиӣ ҷавоб дода натавонад, рӯирост гӯем, ин хел ҳокимият ба ҳеҷ кас лозим намешавад»[1].**

Аз ҳамон солҳо сар карда, дар мамлакати мо дар боби таъмини устувории қонун, дар амал ҷорӣ намудани баробарии ҳама дар назди қонун, ислоҳотҳои ҷиддӣ ба ҳаёт татбиқ шуд. Чунки, бо ибораи Президенти мо, одамҳо ба бисёр чизҳо сабр, қаноат карданашон мумкин, вале ба беадолатӣ тоқат намекунанд. Мувофиқи ҳамин, бартараф намудани беадолатиҳо, ноқонуниҳои давраи собиқ шӯроҳо роҳдода, сар шуд. Ин дар баробари таскини дил, дар халқи мо ҳисси боварӣ ва эътиқодро ба тантанаи адолат, ҳақиқат, ба давлат инчунин ба оянда мустаҳкам намуд. Барқарор шудани номи поки қурбониёни сиёсати қатағони солҳои 30—50-уми асри гузашта, «кори пахта» дар солҳои 80-ум, ба оғӯши оилаҳо баргардонидани одамони беайб, ки ба туфайли «кори ӯзбекҳо» ба воситаи тафтишҳои зӯракӣ аз озодӣ маҳрум шуда буданд — исботи амалии дар Ӯзбекистони мустақил «арзиши олӣ будани ҳаёт, озодӣ, шаън, қадру қимат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон» (моддаи 13, Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон) гардид.

Президенти мо барои мунтазам ба роҳ мондани корҳо дар ин боб даъват намуда, ба масъалаҳои зерин эътибор додааст:

**«То замоне, ки қонуният ва ҳуқуқу тартибот тантана накунад, бунёди давлати ҳуқуқиро тасаввур карда намешавад. Устувории қонун — принсипи асосии давлати ҳуқуқӣ мебошад. Он дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ҳукмронии қатъии қонунро дар назар дорад. Ҳеҷ як органи давлатӣ, ҳеҷ як ташкилоти хоҷагӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҳеҷ як шахси мансабдор, ҳеҷ як кас аз ӯҳдадории итоат ба қонун халос шуданаш мумкин нест. Дар назди қонун ҳама баробар мебошанд»[2].**

Дар мамлакати мо бисёр ҳуҷҷатҳои қонунӣ қабул шуданд, ки ба офаридани асосҳои мустаҳками қонуният, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини устувории ғояҳои

[1] **Islom Karimov**. O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. —T.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 2011. саҳ. 128.

[2] **Islom Karimov**. O‘zbekiston: milliy istiqlol, iqtisod, siyosat, mafkura. Ҷилди 1. —T.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 1996. саҳ. 319.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

инсонпарварӣ, некӣ, адолат дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, нигаронида шудаанд. Ба воситаи баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ, корҳои муайян барои баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии онҳо ба роҳ монда шуд.

Мафҳуми «маданияти ҳуқуқӣ», бо мафҳумҳои «маърифати ҳуқуқӣ» ва «саводнокии ҳуқуқӣ» узван вобаста аст. Маърифати ҳуқуқӣ нафақат қонунҳоро, балки донистани ҳуҷҷатҳои зерқонунро ҳам вобаста ба амал баровардани онҳо талаб мекунад. Дар асоси саводнокӣ ва маърифати ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқии инсон ташаккул меёбад. Одаме, ки шуури ҳуқуқии вай воло аст, фарқи қонунӣ ва ноқонуниро дарк мекунад, баробари ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои худ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро ҳам фаромӯш намекунад.

*Қонуният устувории қонун, мувофиқат ба қонун, фақат дар асоси қонун зистан, ба ғайриқонунӣ роҳ надоданро мефаҳмонад.*

Дар ҷойе, ки қонуният ҳукмрон, сулҳу осоиштагӣ, тартибу интизом ва адолат қарор меёбад, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин мегардад. Беқонунӣ, набудани қонун ё эътироф нашудани онро мефаҳмонад. Дар ҷойе, ки беқонунӣ авҷ мегирад, сулҳу осоиштагӣ, тартибу интизом ва адолат намешавад.

**Дигар хел гӯем, маданияти ҳуқуқӣ ду тараф дорад, ки ба он риоя кардан қарзи ҳама мебошад. Якумаш, ҳуқуқ ва озодиҳои худро донистан, аз онҳо пурра истифода бурдани инсонро талаб мекунад. Дуюмаш, фаромӯш накардани қарз ва ӯҳдадории ҳамон инсонро дар назди қонун, дигар инсонҳо, халқ ва Ватани худ ҳам тақозо мекунад**.

Одами соҳиби маданияти ҳуқуқӣ на барои аз қонунҳо тарсиданаш, балки барои эҳтироми онҳо, дар тимсоли қонунҳо хоҳишу иродаи халқро диданаш ҳам дар асоси қонун зистанро мазмуни ҳаёти худ медонад.

Барои боз ҳам аниқтар тасаввур кардани Шумо мегӯем, ки ҳуқуқ ва озодиҳои Шумо то сарҳади ҳуқуқ ва озодиҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дигар одами чун Шумо давом мекунад. Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии ҳамон одам ӯҳдадории Шумо дар назди қонун ба ҳисоб меравад. Чунки давлати демократии ҳуқуқӣ бо номи худ ҷамъияти озод мебошад. Дар он зӯроварӣ нест. Дар ин ҷамъият ҳама озод умр ба сар мебарад, озод ҳаракат мекунад, тамоми соҳаҳои ҳаёт дар асоси қонун озод ривоҷ меёбад. Лекин истифодаи пурра аз ҳамин имкониятҳо, пурра риоя намудани ӯҳдадориҳои дар Конститутсия ва қонунҳо муқарраршударо ҳам талаб мекунад. Дар акси ҳол, чораҳои ҷазо, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, истифода мешаванд. Яъне, дар чунин ҷамъият ба сӯиистеъмоли озодӣ ва имкониятҳое, ки қонун додааст, роҳ дода намешавад.

Шохаҳои ҳокимият ҳам дар асоси қонун кор мекунанд. Муносибатҳо байни онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиб андохта мешавад. Дар асоси он, дар ҳалли ҳама гуна муаммои ҳаёт, дар навбати аввал ба қонун муроҷиат кардан, ҷиҳатҳои ҳуқуқии онро ба инобат гирифтан лозим мешавад. Ин бошад, маданияти ҳуқуқиро барои ҳама, ба зарурат табдил медиҳад.

**! Беҳуда нест, ки 27 июни соли 1997 Президенти мо дар ин масъала ба фармони махсус имзо карда, 29 августи соли 1997 Олий Мажлис Барномаи миллии баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ дар ҷамъиятро қабул кард, 4 январи соли 2001 бошад, Фармоиши сарвари диёри мо ба номи «Дар бораи ташкил намудани омӯзиши Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон» қабул карда шуд.**

Ба туфайли чунин эътибор имрӯзҳо дар мактабҳои мо курсҳои таълимии «Алифбои Конститутсия», «Саёҳат ба олами Конститутсия», фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» омӯзонида мешаванд. Ҳамин тариқ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ дар ҷавонон мақсад шудааст. Чунки одамони соҳиби маданияти ҳуқуқӣ бисёр шавад, ҷараёни барпои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҳамин қадар тез мешавад. Гузашта аз ин, маданияти ҳуқуқӣ ба баланд бардоштани маданияти сиёсии ҳамдиёрон замина мешавад. Одами соҳиби маданияти сиёсӣ мустақилона фикр мекунад, ба худидоракунӣ қодир мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Акнун ба ҷиҳатҳои ба ҳам вобастагии маънавият ва маданияти ҳуқуқӣ истода гузарем.

**Дар асл, худи ҳуқуқ ҳам маҳсули маънавият аст. Инсон барои пурмазмун кардани ҳаёт, орому осоишта зистан, қонунҳоеро кашф карда баромад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро қатъиян муқаррар мекарданд.**

Чунки ҳар як одам ҳуқуқ ва озодиро, дар айни замон, агар қарз ва ӯҳдадориҳои худро дар назди дигарон хуб фаҳмад, дар ҷаҳон бадӣ, беадолатӣ, ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш кам мешаванд.

Баробари воло шудани маънавияти инсон мафҳумҳо дар бораи ҳуқуқ ҳам мукаммал мешавад. Одамизод мехоҳад боз бештар ба ҳуқуқ, боз бештар ба озодӣ соҳиб шавад. Шумо аз таърих хондаед, ки дар ибтидои асри XX масъалаҳои озодии сухан, озодии матбуот ва озодии виҷдон барои бисёр халқҳо орзу буду халос. Дар Аврупо, Амрико ва Осиё ҳамин ҳуқуқҳоро талаб карда, одамон чӣ қадар мубориза бурдаанд. Имрӯз бошад, ин гуна озодиҳо дар ҷамъиятҳои демократӣ ба арзишҳое табдил ёфтаанд, ки бо конститутсияҳо ва қонунҳо мустаҳкам карда шудаанд. Бе онҳо акнун ҳаётро тасаввур карда намешавад.

Одамони ҳозира, бинобар боло рафтани маънавият ва тафаккури худ, бо талабҳои дигар ба майдон мебароянд. Хусусан, талабҳои паҳн накардани аслиҳаи ядроӣ, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизми байналхалқӣ, пешгирии ифлосшавии муҳити атроф, ба талабҳои асосии инсоният табдил меёбанд. Аз сабаби он, ки ин масъала бо нигоҳ доштани ҳаёт дар рӯйи Замин, бо нигоҳ доштани ҳуқуқи муқаддаси одам — ҳуқуқи зистан вобаста аст, он ҷиддӣ ба тартиби рӯз гузошта мешавад.

**Чуноне, ки инсонро бе маънавият тасаввур карда намешавад, бе ҳуқуқ ҳам тасаввур карда намешавад.**

Пас, ҳуқуқ ҳам, маънавият ҳам, омилҳои муҳиме мебошанд, ки моҳияти ҳаёти инсонро муайян мекунанд. Барои ҳамин, маданияти ҳуқуқӣ меъёри ба худ хос мебошад, ки ба инсон барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъият имкон медиҳад, савияи маънавии ӯро муайян мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Барои устувории қонун дар ҷамъият чиҳо талаб карда мешавад?
2. Оё аз калонсолони оилаи худ дар бораи беадолатиҳои зидди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар давраи собиқ шӯроҳо шунидаед?
3. Ба фикри Шумо байни устувории қонун ва тараққиёти мамлакатҳо чӣ гуна вобастагӣ ҳаст?
4. Маданияти ҳуқуқӣ чист?
5. Бо ёрии мисолҳо фаҳмонед, ки агар инсон соҳиби маданияти ҳуқуқӣ набошад, ба чӣ гуна аҳвол меафтад.
6. Дар бораи корҳое, ки дар соҳаи таълим оид ба баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ҳуқуқии ҷавонон дар мамлакати мо ба амал баровarda мешаванд, нақл кунед.
7. Аз рӯйи расмҳо дар хусуси чӣ қадар муҳим будани таъмини қонуният дар ҳаёти ҷамъият нақл кунед.

А)




В)



Б)



Г)





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАДАНИЯТИ ИСТИФОДА АЗ ИНТЕРНЕТ

### *(Машғулияти амалӣ)*

Дар ин машғулияти амалӣ, ба масъалаҳои зерин эътибор додани устодатон ва Шумо ба мақсад мувофиқ мебошад:

– таърихи пайдо шудани низоми Интернет;

– имкониятҳои бепоёни ин низом ва сабабҳои тезкорӣ дар он;

– барои инсоният имкониятҳои эҷобиро аз қабили табдили ахборот, тезонидани алоқаҳои иқтисодӣ, огоҳ шудан аз навигариҳо дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, осон намудани алоқаҳои маданӣ байни муассисаҳо ва миллионҳо одамон офаридани ин низом;

– дар баробари ҳамин, бисёр шудани кӯшиши қувваҳои вайронкор барои бо мақсадҳои ғаразнок истифода намудани низоми Интернет, аз тарафи онҳо фиристода шудани хабар ва лавҳаҳои бӯҳтономез ва бофта;

– мавҷуд будани бисёр сайтҳое, ки ба заҳролуд намудани қалб ва шуури инсон, расонидани таъсири манфӣ ба ахлоқ ва руҳияти он нигаронда шудаанд;

– омили муҳим будани аз хавфҳои номбаршуда худро ҳимоя карда тавонистани касе, ки аз низоми мазкур истифода бурданӣ аст, аниқ донистани маълумоти зарурӣ, донистани аз куҷо гирифтани он;

– бештар истифода бурдан аз сайтҳои Интернет, ки ба Ватани мо тааллуқ доранд, ба баланд бардоштани савияи илму маърифати ҷавонон, гирифтани маълумотҳои холис ва аниқ дар бораи таърихи Ватан, инчунин имрӯзи он имкониятҳо фароҳам меоранд;

– ба воситаи муқоисаи маълумотҳо дар бораи илм, маданият, таърих ва имрӯзи мамлакатҳои гуногун боварибахш гардидани ин маълумотҳо ва ҳоказо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Адабиёт барои машғулияти амалӣ:**

1. Islom Karimov. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 128–132.

2. Islom Karimov. Vatan va xalq mangu qoladi. –T.: нашриёти Китобхонаи миллии ба номи Алишер Навоӣ, соли 2010, саҳ. 95–97.

3. Нутқи Президент Ислом Каримов дар маросими кушодашавии конференсияи байналхалқӣ дар мавзӯи «Тарбияи авлоди соҳиби дониши воло ва аз ҷиҳати интеллектуалӣ ривоҷёфта – шарти муҳими тараққиёти барқарор ва модернизатсияи мамлакат» –Т.: рӯзномаи «Овози тоҷик», соли 2012, шумораи 18-уми феврал.

4. Milliy istiqlol g'oyasi: asosiy tushunchalar, tamoyillar va atamalar. –Т.: нашриёти «Yangi asr avlodi», саҳ. 123–124.

## КОРИ НАЗОРАТӢ

С у п о р и ш: *Ба мавзӯи «**Худшиносии миллӣ**» реферат нависед.*

Ҳангоми навиштани он, ҳаракат кунед, то аз рӯйи масъалаҳои зерин мустақилона фикр ронед:

– фикр ва мулоҳизаҳои сарвари диёри мо оид ба масъалаи мазкур дар китобҳои «O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida» (саҳ. 66–71, 174–178, 222–226, 249–253, 272–274) ва «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» (саҳ. 5–7, 29–35);

– ба кадом аҳвол гирифтор шудани халқ, миллате, ки худро нашинохтааст;

– сиёсати собиқ шӯравӣ барои аз худшиносии миллӣ дур кардани халқҳои мо ва оқибатҳои он;

– аз бедории хотираи таърихӣ сар шудани худшиносӣ;

– корҳои таърихӣ, ки дар мамлакати мо аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар боби худшиносӣ ва шиносонидани худ ба амал бароварда шуданд;

– омили муҳим будани худшиносии миллӣ дар пурзӯр намудани эҳсоси ифтихор ва ғурури миллӣ дар қалби шахс, миллат, халқ;

– ба ояндаи дурахшон бо эътимоди қавӣ нигаристани халқе, ки худро шинохтааст ва дигар масъалаҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби IV
# МАЪНАВИЯТ – САРОМИЛИ РАВНАҚИ ҶАМЪИЯТ ВА МИЛЛАТ

## МАЪНАВИЯТ – АСОСИ МАДАНИЯТИ ИНСОН ВА ҶАМЪИЯТ

Донишомӯзи азиз, аз донишҳои гирифтаи худ шояд дарк кардед, ки маънавият хусусиятест фақат ба инсон хос. Чунки байни ҷонзодҳои дунё фақат одам бомақсад, фикр карда умр ба сар мебарад. Олими маънавиятшинос Абдураҳим Эркаев мулоҳизаҳои зеринро мегӯяд: «Дар табиат маънавият нест. Мо ба намуд, хел, насл ва дигар аломатҳои олами ҳайвонот нигоҳ карда, онҳоро боодоб ва бодиёнат, соҳиби диди нозук, худоҷӯй ё бевиҷдон, ба ботлоқи куфр ғарқшуда ва ҳоказо гуфта наметавонем. Агар бо ёрии мисоли аниқтар ва ҷоннок гуфтанӣ шавем, ба ибораи «мана ин хук ва хар нозуктаъб, ошуфтагони нафосатанд, дутои дигараш ниҳоят худоҷӯй, ана инҳо бошанд ноинсоф ва тамаъгир» ақл бовар намекунад. Дар бораи олами наботот худи ҳарф задан ба ин маънӣ зиёдатӣ аст».[1]

Аз ин дида мешавад, ки мо ҳангоми дар бораи маънавият ва мафҳумҳои бо он вобаста гап заданамон, фақат аз эҳсосот, ҳисси воло, малакаҳо, таҷрибаҳои ба инсон хос баромада, ба онҳо такя мекунем.

**Боз як чизро бояд хуб дониста гирем, ки маънавият ҳодисаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ин яъне, пайдо шудан, такмил ёфтан, аз авлод ба авлод гузаштани он бо фаъолияти инсон вобаста аст.**

Фаъолияти инсон дар маҷмӯъ ҳаёти ҷамъиятро ба вуҷуд меорад. Пас, бе инсон ва фаъолияти ӯ, бе ҳаёти иҷтимоӣ маънавият тасаввур намешавад. Сарвари диёри мо ба шуур ва қалби инсон ҷо шудани маънавиятро чунин ифода мекунад:

[1] **A. Erkayev**. Ma’naviyat va taraqqiyot. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2009, саҳ. 19.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Маънавият дар давоми солҳо бо шири модар, тарбияи оила, панди аҷдод, эҳсоси Ватан, сабақҳои баъзан талх ва баъзан шодбахши ин ҳаёт, қатра-қатра ба мағз-мағзи хун ва устухони инсон ҷой мегирад»[1].**

Акнун ҳаракат мекунем маънову мазмуни ин мулоҳизаи Президенти моро чуқуртар идрок намоем.

Модоме, ки маънавият маҷмӯи эҳсосот, афкор ва малакаҳои ба мағз-мағзи хун ва устухони инсон ҷойгиранда бошад, пас, онҳоро дида, қапида, ранг ё бӯяшро фаҳмидан мумкин нест. Маънавият дар руҳи инсон, дар қалб ва шуури вай ташаккул меёбад. Арзиши маънавӣ ба тарзи таҷрибаи ҳаётӣ, ибрат, ғоя ва афкори ғункарда аз аҷдод ба авлодҳо мегузарад.

**Ба зумраи онҳо аллаи модарон ҳам, муносибатҳо дар оила ҳам, манбаҳои маънавӣ-маърифии дар шакли китобҳои нодири бузургон, ёдгориҳои маданӣ ҳам, асарҳои офаридаи эҷодкорон, кашфиётҳои олимони имрӯза ҳам дохил мешавад.**

Дар бораи масъалаҳои худи эҳсоси Ватан чист, он дар қалби инсон чӣ хел пайдо мешавад, бо ёрии чиҳо такмил меёбад, бо Шумо дар синфҳои поёнӣ сӯҳбат карда будем.

Сарвари диёри мо дар ташаккули маънавияти инсон ба нақши муҳим бозидани «сабақҳои баъзан талх ва баъзан шодбахши ин ҳаёт» ҳам эътибор медиҳад. Аз дониш ва таҷрибаи худ шояд донистед, ки ҳаёт пур аз мураккабиҳо, зиддиятҳои гуногун мебошад. Дар он баробари рӯзҳои шодӣ, лаҳзаҳои пурташвиш, пуризтироб ҳам бисёр. Бинед, ки ин ҳама ташвишҳо, изтиробҳо аксаран ба туфайли ҳаракати одамони мисли мову Шумо ба вуҷуд меояд. Яъне нуқсонҳо дар маънавият, бевиҷдонӣ, беахлоқӣ, сустии имон ва эътиқоди баъзе одамон барои дигар инсонҳо чӣ қадар муаммоҳо ҳосил мекунад. Пас, сабақҳои талх, ки аз ин нуқсонҳо мегирем, барои мову Шумо ҳам ибрат шуданаш лозим. То ки, дар худи мо чунин ноқисиҳо нашавад, саъйу ҳаракати мо дар ин роҳ ба покии олами маънавии мо замина офарад.

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 28.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Президенти мо дар асари «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» ба сифати меъёрҳои асосӣ, ки маънавиятро ташаккул медиҳанд, инҳоро шарҳ додааст: 1. Мероси маънавӣ, боигариҳои маданӣ, ёдгориҳои кӯҳнаи таърихӣ. 2. Эҷодиёти даҳонии халқ. 3. Дини муқаддаси мо. 4. Кашфиётҳои беназири илмӣ-эҷодии аллома, мутафаккирони бузурги мо. 5. Оила, мавқеъ ва таъсири он. 6. Рол ва аҳамияти маҳалла. 7. Низоми таълиму тарбия.**

Агар эътибор диҳед, ҳаёти инсонро, аз ҷумла, одамонеро, ки дар диёри мо таваллуд шуда ба воя расидаанд, бе арзишҳои номбаршуда тасаввур карда намешавад. Дар ҳақиқат, бисёр бойигариҳои маданӣ, ёдгориҳои кӯҳнаи таърихӣ, ки дар ҷаҳон машҳуранд, дар кишвари мо бунёд шудаанд.

**«Ба сифати намунаи нодири мероси умумиҷаҳонӣ ба рӯйхати ЮНЕСКО даровarda шудани бештар аз чор ҳазор обидаҳои моддӣ-маънавии дар ҳудуди мамлакати мо мавҷудбуда ҳам тасдиқи ин фикр аст»[1].**

Дар байни онҳо китоби «Авесто», ки қариб се ҳазор сол пеш аз ин дар воҳаи Хоразм офарида шудааст, сазовори эътибори хос мебошад. Сарғояи «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек», ки маънову моҳияти аслии ин китобро муайян мекунад, то ба ҳанӯз аҳамияти худро гум накардааст.

**Мувофиқи ин таълимоти «Авесто» имону эътиқоди инсон ба се поя асос меёбад: якум – софии фикр, дуюм – устувории сухан, сеюм – инсонӣ будани амал.**

Аҷдоди мо на фақат ба таваллуди бенуқсони бача ва тарбияи ҷисмонии вай аз кӯдакӣ эътибори ҷиддӣ медоданд, балки ба илму ҳикмат омӯхтан, аз ҷиҳати маънавӣ пок шудан, соҳиби хислатҳои нек шудани онҳо ҳам ғамхорӣ мекарданд.

Бинобар ҳимоятгари халқу диёр будан, писарбачаҳо маҷбур буданд, гӯштингирӣ, аспсаворӣ, аспзинкунӣ, идо-

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 30–31.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

раи аспу шутур, парвариши чорво, барои аз ҳайвоноти дарранда муҳофизат кардани онҳо соҳиби малакаи истифодаи бештар аз 50 аслиҳаи ҷанговарӣ шаванд. Ба онҳо боз 30 намуди ҳунарҳои ҳарбӣ омӯзонида мешуд.

Духтарҳо ҳам, ба ресидани нах дар чарх, инчунин ба ғайр аз дӯхтани либосҳо аз матоъҳо, ба гӯштингирӣ, аспсаворӣ, шамшербозӣ, бо сипар аз рақиб ҳимоя кардан, дар асп аз ҳар гуна саддҳо ҷаҳида гузаштан, дар об шино кардан, ба дурӣ давидан, найза партофтан, аз камон паррондан ва иҷрои дигар машқҳои ҷисмонӣ-ҳарбӣ омӯзонида мешуданд.

Ҳамин тавр, аҷдоди мо ҷисму тана ва руҳияти фарзандонро обутоб дода, тарбия мекарданд. Онҳо некӣ, хубӣ, диёнатро манбаи қудрат бар зидди ҳуҷум ва хуруҷи қувваи бадӣ медонистанд. Қалъаи муҳофизатии ҷисмонӣ ва маънавиро ҳосил мекарданд, ки ба пешгирӣ намудани роҳи зӯроварӣ қодир бошад.

Аксарияти мо афсонаҳои халқӣ, достонҳоро бо шавқи зиёд гӯш карда, мехонем. Ҷасорати қаҳрамонҳои воқеаю ҳодисаҳои он, дар қалби мо ҷо меёбад, донишро зиёд мекунад, тасаввуротро васеъ мегардонад. Гузашта аз ин, дар онҳо орзуву ҳаракатҳои азалии халқ ба озодӣ ва соҳибихтиёрӣ, ҳаёти фаровон ва осоишта муҷассам шудааст. Дар байни бойигариҳои маънавии кишвари мо, ки ба номи эҷодиёти даҳонии халқ то ба мо расидааст, достони «Алпомиш» ҳусну таровати хос дорад. Сарвари диёри мо ба ин асар баҳои баланд медиҳад:

**«Агар таърихи қадим ва пуршарафи мо як достони бепоён бошад, «Алпомиш» шоҳбайти ин достон гӯем, дуруст аст. Дар ин асари мумтоз фазилатҳои неки халқу диёри мо чун таҳаммул, матонат, оличанобӣ, вафо ва садоқат, ки аз тӯфонҳои таърих, санҷишҳои ҳаёту мамот гузашта, ҳамеша хусусияти худро нигоҳ доштаанд, ифода ёфтаанд»[1].**

Дар ҳақиқат, ба сари қаҳрамонҳои достон Алпомиш ва Барчиной чӣ диданиҳо мебиёянд. Ин ду ҷавон вазифаҳои

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 33.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

пурмасъулиятро ба монанди аз душманон тоза кардани диёр ва ҳокимият, ба фитна ва фиребҳои гуногун дода нашуда, сари мақсад ҳаракат намуда, ба ҷабркунандагони халқ зарбаи муносиб дода, ниҳоят соҳиби муносиби халқ, Модар-Ватан шуданро бошарафона иҷро мекунанд. Дар ин муборизаҳо, меҳри онҳо ба зодгоҳ, садоқат ба дӯстӣ, шафқати беназир ба хешу ақрабо, муҳаббати поки онҳо обутоб меёбад. Дар замири таърихи қадим ва пуршарафи моро як достони бепоён гуфта, «Алпомиш»-ро шоҳбайти ин достон номидани сарвари диёри мо ҳамин ҳақиқат истодааст. Яъне, тамоми фазилатҳои олиҷаноби халқи мо, ки аз санҷишҳои асрҳо гузаштааст, дар ин достон чун суруди ҷовидон тараннум гардидаанд.

Дар бораи меъёрҳои асосӣ, ки маънавияти инсон, халқро ташаккул медиҳанд, чун дини муқаддаси мо, кашфиётҳои беназири илмӣ-эҷодии аллома, мутафаккирони бузурги мо, оила ва маҳалла, низоми таълиму тарбия ва аҳамияти он агар дар дарсҳои пештара қисман гуфта бошем, дар дарсҳои оянда ҳам дар бораи онҳо алоҳида истода мегузарем.

Ҳозир бошад, ҳаракат мекунем, ба мафҳумҳои монанди сабру қаноат, меҳру мурувват, хубӣ ва бадӣ, ки дар ташаккули маънавияти инсон нақши муҳим доранд, шарҳ дода, онҳоро дарк кунем.

*Мафҳуми «қаноат», дар ҳаёт ба вазниниҳо тоқат кардан, нафсро доштан, ба каму беш бардошт доданро мефаҳмонад.*

Табиист, ки дар ҳаёт тасодуфҳо, рӯзҳои хушбахтӣ ва бадбахтӣ, нек ва бад шуданаш мумкин. Вале, инсон бояд ба омадани бахт аз пайи бадбахтӣ, некӣ аз пайи бадӣ, фаровонӣ аз пайи мӯҳтоҷӣ бовар карда, зиндагӣ кунад. Касе, ки ба вазниниҳо, мураккабиҳо тоқат карда, бардошт медиҳад, албатта, ба рӯзҳои нек, ба рӯшноиҳо, ноил мешаванд.

Агар ба ҳаёти ҳайвонҳо назар андозед, ба туфайли заифии ҳисси қаноат, сабр гувоҳи рӯй додани ҳодисаҳои даҳшатнок дар онҳо мешавед. Баъзе ҳайвонҳо лаҳзаи наёфтани хӯрок ба тӯдаи худ, ҳатто ба бачаи худ ҳам ҳуҷум мекунанд, онҳоро даррандавор хӯрда, нафси худро қонеъ мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар табиати касе, ки эҳсоси қаноат, сабр, шукрона пурзўр бошад, ин гуна инсон ҳеҷ гоҳ аз сарҳади одамӣ намебарояд, рўзаш ба марҳамати касе намемонад, аз миннати дигарон дар канор мегардад.**

Зеро, хубие, ки сабаби миннат мегардад, аслан хубӣ ҳисоб намешавад. Одаме, ки худро эҳтиром мекунад, қадри худро медонад, ба чунин «хубӣ» мўҳтоҷӣ ҳис намекунад, балки қувва, ирода, сабру қаноатро ба кор андохта, ба ҳама чиз худаш ноил мешавад. Аз ин ҷиҳат шеърҳои шоири халқии Ўзбекистон Абдулло Орипов ибратбахш мебошанд. Дар шеъри «Илтимос»-и вай мулоҳизаҳои зикршудаи мо шакли рехтаи худро ёфтаанд:

*Гушнаву саргашта дар раҳ монӣ гар,*
*Тоҷ кун сабру қаноатро ба сар,*
*Бо хасис азме макун баҳри сафар,*
*Илтимос аз нокасон ҳаргиз макун!.*[1]

Хўш, барои чӣ шоир аз ҳамроҳи номард ин қадар безор шудааст? Илтимос кардан, дар ягон масъала аз дигарон гирифтани кўмак чӣ бадӣ дорад? Охир, дар ҳаёт кори одамон ба ҳамдигар афтиданаш, мехоҳанд ё не, онҳо аз якдигар чизеро илтимос карданашон табиӣ аст!

Ҳама гап дар ҳамон илтимосро ба кӣ кардан ва аз кӣ наҷот пурсидан мебошад. Шоир панд медиҳад, ки аз касони майдагап, номард, кори кардаро миннаткунанда илтимос накунед. Зеро:

*Таъна бошад бадтар аз бад дар ҷаҳон,*
*Чеҳраат чун каҳ намояд, дода нон,*
*Солим ар бошад тану ақлат, пасон,*
*Илтимос аз нокасон ҳаргиз макун!*

**Дар ҳақиқат, агар ақли инсон расову тану ҷонаш солим бошад, ҳамин ақл ва қувваашро ба кор андозад, дар ин дунё ба мақсадҳои калон ноил мешавад.**

Аз ин ҷиҳат халқи мо мард ба ҳисоб меравад. Дар вазнинтарин вақтҳо ҳам халқи мо қиёфаи инсонии худро гум накардааст, ғурури худро аз даст бой надодааст. Агар аз бобоҳои худ бештар нақл кардани ҳодисаву саргузаштҳои

[1] Тарҷумаи шоир Ҷаъфар Муҳаммад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ҳаёташонро илтимос кунед, шунидани онҳоро омӯзед хуб мешуд. Чунки, онҳо аз гузаштаи халқи мо бисёр ҳодисаҳои ибратбахшро ба Шумо ҳикоя карда доданашон мумкин. Аз ҷумла, дар бораи ҷанги Дуюми ҷаҳон, солҳои баъди ҷанг ба душвориҳои зиёд мардонавор бардошт дода, ба фронт ва кишварҳои аз ҷанг вайроншуда хӯрокворӣ ва дигар бойигариҳои моддиро гусел карда истодани халқи ӯзбек, аз онҳо ҳикояҳои зинда мешунавед. Ин ҳикояҳо аз чӣ далолат медиҳад? Аз мардӣ, бепоёнии сабру бардошт, инсонпарварии халқи мо!

Дар айни замон ин халқ дар назди дигарон забонкӯтоҳ нашудан, ба миннати дигарон намонданро ҳам ба худ эътиқод кардааст. Ба ҷойи он, халқи мо тамоми душворӣ ва норасоиҳоро бо сабр, бардошт паси сар мекунад. Зеро, халқи мо медонад, ки аксарияти корҳои ба воситаи сабр мақсадшуда амалӣ шаванд, ба туфайли бесабрӣ, одам раҳгум мезанад.

Мушоҳида карда бошед, зиндагии одам ҳамеша дар як маром нест. Хусусан, дар шароити оилавӣ вазниниҳо, норасоиҳо шуданаш ҳам ҳолати табиӣ аст. Падару модар илтимоси Шуморо як маротиба ба ҷону дил ба иҷро расонанд, дафъаи дигар мумкин дасткӯтоҳӣ кунанд. Дар ин вазъият, онҳоро фаҳмида, хиҷолат накардан хеле муҳим мебошад.

**Рости гап, падару модар, ҳамин хел муносибат – сабру қаноатро дида нисбати Шумо меҳрашон меафзояд, ҳаракат мекунанд, то қадри имкон хоҳиши Шуморо ба ҷо биёранд.**

Мебинед, ки сабру бардошт ҳам, ба солимшавии муҳити оилавӣ, пурзӯр шудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ сабаб мешавад. Зеро, халқ беҳуда нагуфтааст, ки:

*Сабр созӣ, ғӯра ҳалво мешавад,*
*Оқибат бесабр аз по мешавад.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чунки, агар дар одам сабру тоқат, қаноат набошад, вай симои одами чашмгуруснa, ба ғами бойигарӣ ва давлат побанд шударо нишон медиҳад. Ин ҳол, касро аз хешу ақрабо, дӯсту бародар ва оқибат аз ҷамъият бегона мекунад. Агар ба гузашта назар андозем, гувоҳи он мешавем, ки дар замири бисёр диданиҳои даҳшатнок, ҷангҳо, толону тороҷгариҳои ба сари одамизод омада, маҳз ҳамин гуна ҷиҳатҳои манфӣ истодаанд.

Дар дарси таърих дар бораи бисёр ҷангҳо ҳикояҳо мехонед. Эътибор диҳед, чандин салтанатҳо, сохторҳои давлат дар натиҷаи зуҳури бесабрӣ, чашмгуруснагӣ, ношукрии кадом шахсоне ба таназзул рӯй овардаанд. Магар офати бесабрӣ набуд, ки писар бар зидди падар, додар бар зидди бародар ҷанг сар карда, ба умри ҳазорон одамон зомин шудаанд?

Дар бораи чӣ қадар бо меҳру мурувват будани падару бобоёни мо дар дарсҳои таърих бисёр ҳикояҳои ибратбахш хондаед. Ҳозир бошад, ҳаминро ёдоварӣ карданием, ки меҳр ҳам, мурувват ҳам ба мақсади намоиш нишон дода намешавад. Халқи мо мегӯяд, ки «дасти рост додаро дасти чап надонад». Ин яъне, маънои онро дорад, ки хубии мо бояд беминнат, холисона бошад. Танҳо дар он ҳол, хубии инсон барака дорад, савоб мебиёрад. Боз як ҷиҳат – халқи мо ориятро хеле сахт риоя мекунад. Аксарият одамҳо ҳар қадар душворӣ кашанд ҳам, кӯшиш мекунанд ба дигарон маълум накунанд, дарди худро дастархон намекунанд. Ҳамин тавр, ки бошад кӯмак ва хубӣ ба чунин одамон ҳам, бояд овоза нашуда, ҳеҷ касро ба хиҷолат наандозад.

**Дар байни ҳамсинфон дар муносибати ҳамдигарӣ эҳсосоти меҳр ва оқибат пурзӯр бошад, дигар хел шудани файзи ин синф аниқ аст. Зеро, инсонпарварӣ, боадолатӣ, меҳр ва мурувват зинати ҷовидонест, ки фарзанди одамро, ҷамоаро, ҷамъиятро оро медиҳад.**

Бачаҳо, боз як чизро дониста гиред, ки то ҳаёт ҳаст, муборизаи байни хубӣ ва бадӣ, некӣ ва зиштӣ давом мекунад. Шоири халқии Ӯзбекистон Эркин Воҳидов ин ҳақиқати талхи ҳаётро дар шеъри «Ёмоннинг сӯзи» («Сухани бад») чунин ифода кардааст:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Фарох аст бас даргаҳи ин ҷаҳон,*
*Баробар бувад неку бад ҳам дар он.*
*Занад давр хуршед андар само,*
*Бипошад ҳаме нур яксон ба мо.*
*Вале дар бағал санг бошад маро,*
*Аз ин ашк дар чашм бошад туро.*
*Чароғе ту равшан намуда ба шом,*
*Вале ман ниҳода ба роҳи ту дом.*[1]

Пас, мо бояд аз санги дили бадон – ниятҳои зишт, ғояҳои фиребгарона, мафкураҳои ба мо бегона, афкори ба одобу ахлоқи мо зид ҳамеша огоҳ бошем ва қалби худро нигоҳ дорем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Сабаби асоси маданияти инсон ва ҷамъият номида шудани маънавияти воло дар чист?
2. Барои чӣ маънавият ба шуур, қалби инсон дар давоми солҳо ҷой мегирад? Магар илоҷи тезонидани ин ҷараён нест?
3. Оё маънову моҳияти ғояи ҷовидони дар китоби «Авесто» пешниҳодшударо шарҳ дода метавонед?
4. Барои чӣ сардари диёри мо таърихи қадимӣ ва пуршарафи халқи моро ба «як достони бепоён» монанд мекунад?
5. Сабру қаноат дар ҳаёти инсон чӣ гуна аҳамият касб мекунад? Бесабрӣ-чӣ?
6. Оё лаҳзаҳоеро ба ёд доред, ки аз бесабрӣ дар хиҷолат монда бошед? Дар ин бора ба ҳамсинфон нақл карда метавонед?
7. Миннат чист? Оё дар ҳаётатон ба Шумо касе миннат кардааст?
8. Аз рӯйи расмҳо номи кинофилм ё спектаклеро, ки фазилатҳои меҳру оқибати халқи моро ифода мекунанд, гӯед, дар бораи онҳо бо ҳамсинфон мулоқот кунед.


А)


Б)


В)


Г)

[1] Тарҷумаи шоир Ҷаъфар Муҳаммад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДӮСТӢ – МАФҲУМИ ВОЛОИ МАЪНАВӢ

Донишомӯзи азиз, дар дарсҳои гузашта бо Шумо дар бораи хеле мураккаб ва хеле нозук будани будани табиати инсон сӯҳбат кардем. Дар ҳақиқат, то ҳанӯз ягон усуле кашф нашудааст, ки ба воситаи он олами ботинии инсон пурра дониста шавад. Нафақат дигарон, балки худи одам ҳам худро надониста, «ёфта натавониста» азоб мекашад. Бинобарин вай ба каси ҳамдард, ҳамфикр, ки шодӣ ва ташвишҳои зиндагиро баҳам бинад эҳтиёҷ дорад. Ин гуна одамро «дӯст» меноманд, бе онҳо зиндагӣ карда наметавонанд. Нақлу мақолҳои халқии ба монанди «Ҳисоби дӯст дар дил», «Бигӯ, ки дӯстат кист, кӣ будани туро мегӯям», «Душман то сер шудан, дӯст то рӯзи мурдан», «Савора бошӣ ҳам, ҳамсафарат бошад»-и халқи мо беҳуда гуфта нашудаанд.

Шоир Эркин Воҳидов бошад:

*Агар бо дӯстат қисмат баробар созӣ бешу кам,*
*Биафзояд баробар шодиву тақсим гардад ғам,*[1] –

гуфта, ишора мекунад, ки дар рӯзҳои неку бади инсон озмоишҳои ҳаёт ҷой доранд ва аз ҳар гуна санҷишҳо бо ёриву кӯмаки дӯсту бародарон баромадан мумкин аст.

***Дӯстӣ — ин муносибати байни инсонҳо мебошад, ки бо наздикии мақсад, ҷидду ҷаҳд, назар ва манфиатҳо, ҳамдигарфаҳмӣ, боварӣ ба ҳамдигар, асос ёфтааст.***

Дӯстӣ — қувваест, ки инсонро аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ намуда, бори гарони ӯро сабук карда, рӯҳияташро бардошта, бовариро ба худ афзун менамояд.

Ҳаминро фаромӯш накунед, ки пайдоиши ҳисси мустаҳками дӯстӣ якбора пайдо шуда, худ аз худ мустаҳкам намешавад. Халқи донои мо мегӯяд, ки дӯстӣ дар давоми солҳои дароз аз санҷишҳо гузашта обутоб меёбад. Чунки

[1] Тарҷумаи шоир Ҷаъфар Муҳаммад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёфтани дӯсти ҳақиқӣ, аз инсон бисёр чизҳоро талаб мекунад. Инҳо пеш аз ҳама — фидоият, ростгӯӣ, ростӣ, аз манфиатҳои худ гузаштан, сир нигоҳ доштан ва ҳоказо. Ба туфайли ҳамин, дӯстӣ аз санҷишу озмоишҳо гузашта, обутоб меёбад. Инро дӯстии ҳақиқӣ гуфтан мумкин.

Ёфтани дӯсти воқеӣ ва содиқ дар ҳаёт барои инсон бахти бузург аст. Афсӯс, ки чунин бахт ба ҳама ҳам муяссар намешавад. Одамоне ҳам ҳастанд, ки атрофи онҳо холӣ, ҳаёташон бенур ва дилтангкунанда аст. Албатта сабабҳои он мумкин хеле бисёр ва мураккаб бошад. Аз рӯирост айбдор донистани ин одамон ҳам эҳтиёт шудан лозим. Лекин сарфи назар аз сабабҳо, одамоне, ки дар зиндагӣ дӯст надоранд, бояд ба ҳаёти худ як назари ҷиддӣ андозанд. Зеро мумкин нест, ки дар атрофи ӯ ҳама баду танҳо ӯ хуб, ба монанди оби чашма соф бошад. Пас, дар хулқу атвор, муомила, табиати ӯ кадом як ноқисие ҷой дорад, ки дигарон худро аз ӯ канор мегиранд.

Дар чунин ҳолатҳо беихтиёр ҳикмати аҷдодон ба хотир мерасад: «одаме, ки ба атроф даст наафшонад, дар миён мемонад». Дар ин ҷо аз ибораи «ба атроф даст наафшонад», дар асл, маънои забони талх ё аз баҳс монданашавандаи инсон, нигоҳҳои нафратомез ва масхараомез, ахлоқи нохуш ё ки ваъдабозиҳои ӯ дар назар дошта шудааст. Барои ба чунин аҳволи ногувор наафтидан, барои бе дӯст зиндагӣ накардан, ҳамаи моро зарур аст, ки худ ба худ дар ин бора ҳисобот диҳем. Чунки дӯсти ҳақиқӣ метавонад дар баъзе ҳолатҳо аз хешу ақрабо низ бештар зарурат дошта бошад, метавонад ҳаёти ҳар яки моро ободтар намояд.

Дар ҳар ҳолате набошад, инсон мехоҳад, ки дар паҳлӯяш ҳамроҳи падару модар, хешу наздикони худ дӯстони ҳақиқӣ дошта бошад. Одаме, ки дӯсти худро дар паҳлӯяш мебинад, рӯзҳои шодӣ олам-олам хурсандӣ гирифта, рӯзҳои ғамгинӣ як ҷаҳон тасаллӣ меёбад.

**! Дар ҳаёт баробари дӯсти ҳақиқӣ дӯстони сохта низ дучор меоянд. Онҳо аз пайи манфиатҳои шахсӣ, барои мақсади муайян кӯшиш мекунанд худро дӯст нишон диҳанд, яъне дар саҳнаи ҳаёт онҳо артистони бомаҳорат мешаванд.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ин гуна одамон бо амалдорон барои курсии мансаб, бо одамони сарватманд барои бойигарии онҳо, бо одамони боақлу заковатманд барои истифода аз салоҳияти ақлии ӯ дӯстӣ мекунанд. Ҳар як калимаи дӯсти сохта бо мақсади муайяне гуфта мешавад. Ӯ муғамбир, айёр, дурӯя буда, сирру асрори касро ба ҳама ошкор мекунад. Дар рӯзҳои хурсандӣ ӯ аз назди Шумо дур нашуда мисли зарпечак ба шумо мечаспад, рӯзҳои вазнин якбора ғайб мезанад. Дӯст гуфта, ҳар сирре, ки ба ӯ гуфтед, ба душманони Шумо расонида, дар назди онҳо худро «дӯст» нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дӯсти сохта хеле хавфнок буда, аз душман ҳам ваҳмнок аст. Зеро инсон душмани худро дониста аз ҳаракатҳои ӯ эҳтиёт мекунад, худро дар фосилаи муайян канор мегирад. Аз дӯсти сохта чун ба сифати дӯсти ҳақиқӣ бовар карданаш, ҳеҷ чизро сир намедорад ва ҳамаро баҳам мебинад.

**Мақолҳои халқии «Аз дӯсти нодон душмани доно беҳ», «Дӯсти аҳмақ аз душман бадтар аст», «Аз душмани беақл як эҳтиёту аз дӯсти беақл ҳазор эҳтиёт» ишора бар он аст, ки барои инсон дар ҳаёт нодонии дӯст, хиёнаткории ӯ, аз теғи душман ҳам бурротар ва хавфноктар аст.**

Биноан, донистани дӯсти ҳақиқӣ, душмани худ хеле муҳим аст. Ростӣ ё сохтагии дӯст, хусусан рӯзҳое муайян карда мешавад, ки ба сари кас рӯзҳои вазнин оянд. Чунки рӯзҳои хурсандиву шодӣ ҳама дар паҳлӯятон ва шоду хуррамиро ба ҳам мебинанд. Лекин, рӯзҳои ғаму алам танҳо дӯсти ҳақиқӣ ғаму ташвишатонро баробар кашида ба Шумо дасти мадад дароз мекунад.

Дар ин ҷо як ҳикояро ба хотири Шумо оварданием. Он ҳам бошад, асари нависандаи грузин Нодар Думбадзе ба номи «Ҳелладос» аст. Қаҳрамонҳои он ҳамсолони Шумо – Ҷамол ва Янгули чӣ хел ба дӯстони ҷудонашаванда табдил ёфтанд? Ин ду рафиқ аввал даҳанакӣ ҷанг карда, баъд ба ростӣ ҳам муштзанӣ карданд. Баъди хуб озмудаҳо байни онҳо риштаи мустаҳками дӯстӣ пайдо шуд, ки акнун онро касе вайрон карда наметавонист. Ин ду дӯст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




акнун хотираи модари вафоткардаи ҳамдигарро, гарчанде надидаанд, эҳтиром мекунанд. Эътибор диҳед: пас, дўсти ҳақиқӣ фақат худи Шуморо не, балки ба тамоми аҳли оилаатон бо назари дўстӣ, меҳру шафқат нигоҳ мекардааст.

Одамон дар натиҷаи солҳои дароз ҳампаҳлў зистан, якҷоя таҳсил кардан, ба ҳам меҳнат кардан, рўзҳои вазнин ҳамдард ва ҳамфикр шудан ва дигар ҳолатҳо ба ҳам дўст мешаванд. Дўстӣ кори хеле пурмасъул буда, покиза доштани он кори осон нест. Фаромўш накунед, ки фикрҳои мо дар бораи дўсти сохта ба шумо низ тааллуқ дорад. Зеро Шумо ҳам инсон — ҷиҳатҳои пурзўр ва заиф доред. Дар ҳаёт чунин вазъиятҳое дучор меоянд, ки оҷизӣ Шуморо фиреб дода, метавонед дўсти худро ранҷонида монед.

**Бинобарин, ҳар чизе, ки ба Шумо маъқул набошад ба дигарон онро раво набинед ва худатон ба чӣ андоза содиқ бошед, аз дигарон ба ҳамин андоза садоқат талаб кунед. Ва баръакс, агар ба касе хиёнат кунед, албатта рўзе ба Шумо хиёнат хоҳанд кард ва фаромўш накунед, ки ин ҳол ба қалби Шумо таъсири сахт мерасонад.**

Беҳуда нест, ки дар замири панди Бобур Мирзо ҳақиқати калони таърихӣ хобидааст:

*Ҳар кас, ки вафо кунад, вафо хоҳад дид,*
*Ҳар кас, ки ҷафо кунад, ҷафо хоҳад дид.*
*Инсони накў бадӣ набинад ҳаргиз,*
*Ҳар кас, ки бад аст, ў ҷазо хоҳад дид.*

Боз як чизи муҳимро дар ёд доред, ки дўстӣ миллат, эътиқоди динӣ, мансаб, бойигарӣ, ҳусн интихоб намекунад, сарҳад намепазирад. Он дар асоси ҳамдигарфаҳмии мову шумо, наздикӣ ва таносуби қалб ва ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд меояд. Ба ин аз таърих мисолҳои зиёд овардан мум-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кин аст. Масалан, дӯстии инсонӣ ва ҳамкории эҷодии Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро хотиррасон кардан кифоя, ки он чӣ қадар самара дода, аз ин дӯстӣ на фақат ин ду шахси бузург, балки халқу диёр ҳам манфиати зиёд бардоштааст.

**Мафҳуми дӯстӣ фарогир аст. Яъне он фақат муносибатҳои байни ду инсонро не, балки дар ифода кардани муносибатҳои неки байни миллатҳо, халқҳо, мамлакатҳо ҳам истифода мешавад.**

Анъанаҳои дӯстии байнидавлатӣ, байнимиллӣ барои устувории осоиштагӣ дар ҷаҳон, ривоҷи ҳамкории боварибахши байни мамлакатҳо замина меофарад.

Афсӯс, инсоният дар таърихи худ қувваҳоеро ҳам дидааст, ки ғояҳои зарарноки чун ба ҳам барангехтани халқҳо, миллатгароӣ, бузургдавлатиро тарғиб менамоянд. Аз ҷумла, дар моҳияти фашизм, ки Ҷанги Дуюми Ҷаҳониро оғоз кард, ғояи боло гузоштани як миллат нисбати халқҳои дигар мехобид. Фашистон, ки ғояи «ирқи олӣ»-ро ба миён гузошта буданд, миллатҳои зиёди ҷаҳонро ҳамчун халқҳои «навъи дуюму сеюм» таҳқир намуда, мақсадаш тороҷ кардани тамоми сарвати онҳо, ғорат кардани маданияти онҳо буд. Онҳо ба ивази коридани тухми адоват байни халқҳо, хунрезиҳои бемислро амалӣ карданд. Ба таври оммавӣ нест кардани баъзе миллатҳо барои фашистон ба машғулоти оддӣ табдил ёфт. Ҳамин фашистҳо дар даҳҳо лагерҳо миллионҳо одамони бегуноҳро зинда ба зинда сӯхтанд. Барои рафъи ин бало, инсоният маҷбур буд, ки даҳ сол оташи ҷангро паси сар кунад.

Мутаассифона, имрӯз ҳам дар кунҷҳои гуногуни ҷаҳон одамоне пайдо мешаванд, ки мақсади онҳо халқу миллатҳоро ба ҳам барангехтан аст. Мақсади ин гуна гурӯҳҳо, ки ба муносибатҳои байнимиллӣ ва байни мамлакатҳо соя андохтанӣ мешаванд, албатта маълум аст. Яъне ҳадафи ниҳоии ин қабил нерӯҳо ба даст овардани ҳуқуқи худсарона ҳал намудани тақдири бисёр халқҳо, соҳиб шудан ба сарватҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминии мамлакатҳои дигар, офаридани сохти моҳиятан ғуломдории навин дар рӯйи Замин аст. Биноан, аз ҳамин лаҳза, аз Шумо талаб карда мешавад, ки аз касоне, ки байни одамон рӯҳияи адоват ба вуҷуд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

меоваранд, огоҳ шуда, нисбати касони покният, сарфи назар аз фарзанди кадом миллат ё мамлакат буданашон бояд ҳамеша дар муносибати нек бошед. Дар он ҳол, сафи дўстони диёри мо афзуда, душманони он ҳушёр хоҳанд шуд.

Муҳимтарин шарти дўстӣ вафодорӣ аст.

**Одаме, ки ба дўст вафодор аст, ба Ватан, ба халқ вафо мекунад. Баръакс ба халқ, миллат, Ватан хиёнат накардани шахсе, ки ба дўст хиёнат кард, кафолат нест.**

Дўсти ҳақиқӣ аз муваффақият, ғалабаи рафиқи худ шодӣ мекунад, аз ноомади кори рафиқаш дар андўҳ мешавад, ташвиш мекашад. Ў саҳву камбудиҳои дўсти худро рўирост мегўяд. Мақсади чунин рафтор аз ғафлат бедор кардани дўст, ба роҳи дуруст андохтани вай, аз шармандагӣ эмин доштани дўсташ аст. Хуллас, аз даст надодани дўсти худ аст. Бино бар нақли «дўст гирёнда гап занад, душман хандонда» дўст ҳақиқати талхро мегўяд, вале меваи он ширин аст. Душман бошад, саҳву хаторо бинад ҳам, худро нодида, нофаҳмида мегирад. Мақсади ў шарманда шудани ҳамин инсон, рехтани обрўю эътибори он дар назди мардум, лаззат бардоштани худ мебошад.

**Дар мустаҳкам шудани риштаҳои дўстӣ савия, иқтидори дўстон ҳам мавқеи муҳим ишғол мекунад. Масалан, ҳеҷ гоҳ одами боақлу доно бо шахси нодону аҳмақ, сахӣ бо бахил, баҳодур бо тарсо дўст шуда наметавонанд.**

Беҳуда, барои тавсифи ягон фард дўсти ўро намепурсанд. Зеро, мақоли дар боло зикршуда «Бигў, ки дўстат кист, кӣ будани туро мегўям» беҳуда гуфта нашудааст. Чунки чӣ гуна будани ҳар як инсонро аз чигунагии падару модар, хешу ақрабои вай не, балки аз кӣ будани дўсти вай ҳам донистан мумкин аст.

Дар ин ҷо, ба ёд овардани боби «Дўсти ҳақиқӣ» аз романи «Каждум аз меҳроб»-и Абдулло Қодирӣ айни муддао. Саҳифаҳое, ки дўстии ниҳоят самимӣ ва беғубори байни қаҳрамони асосии асар Анвар ва рафиқи ҳамдарси вай Насим, аҳволи Насимро баъди вафоти Анвар тасвир мекунанд, ҳар як инсонро ба ваҷд меоранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Чуноне гуфта шуд, ду одами ҷаҳонбинӣ, ҷидду ҷаҳд, фикру андешааш гуногун ба ҳам дӯст шуда наметавонанд. Мисли он, ки «Кӯр кӯрро дар шаби торик ёфтааст», баъзе касони нопок, ғайбатчӣ, чаламулло, беахлоқ ба ҳам як шуда — гӯё «дӯст шуда», корҳои пурғаразро мекунанд. Онҳо ин забоняккуниро ба таври худ «дӯстӣ» номанд ҳам, ин гуна тӯдашавиҳо ба мафҳуми муқаддаси дӯстӣ ҳеҷ гуна алоқа надоранд. Чунки дар асл касони зиштният, вайронкор, нопок воқеан муттаҳид шуда, ягон кори некро ба амал бароварда наметавонанд. Онҳо як муддат муттаҳид шуда, метавонанд кирдукори ғаразноки худ — ҷиноят, дуздӣ, тороҷгариро ба амал баранд. Вале, баробари расидан ба ҳамон мақсади зишти худ, онҳо акнун байни худ мисли саг дарафтода, ба ҳар тараф пароканда мешаванд.

**Дигар хел карда гӯем, дар ин хел тӯда чуноне, ки худи дӯстӣ вуҷуд надорад, набудани эҳсоси олии вафо ҳам табиист.**

Пас, чӣ гуна инсон будани ҳар яки моро одамон аз рӯйи кӣ будани дӯсти мо муайян кунанд, ба мову Шумо аз ҳамин нуқтаи назар муомила кунанд, ҳайрон нашудан лозим.

**Дӯстро ба дӯсти наздиктар ҳам, ба душман ҳам табдил додан ба худи инсон вобастааст.**

Дар ин замина, фикрҳое, ки дар асари «Қобуснома»-и Кайковус ҷой гирифтаанд, сазовори эътибор мебошанд:

«Бидон, эй писар, ки мардум то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон... Пас агар андеша кунӣ аз кори дӯстон, нисор доштан ва ҳадя фиристодан ва мардумӣ кардан. Ҳар кӣ аз дӯстон наяндешад, дӯстон низ аз вай наяндешанд, пас мардум ҳамеша бе дӯст буванд.

Ва одат макун, ҳар вақте дӯсте нав гирифтан, зеро ки бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунар-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳо густурда гардад. Валекин чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯстони кӯҳан макун. Дӯсти нав ҳаметалаб ва дӯсти кӯҳанро барҷой ҳамедор, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: «Дӯсти нек ганҷе бузург аст».

Ва он гаҳ андеша кун аз дӯстони дӯстон, ки онон ҳам аз ҷумлаи дӯстон бошанд ва битарс аз дӯсте, ки душмани туро дӯст дорад, ки бошад, ки дӯстии ӯ аз дӯстии ту бештар бошад. Пас, бок надорад ва бад кардан бо ту аз қабили душмани ту. Ва бипарҳез аз дӯсте, ки мар дӯсти туро душман дорад.

Ва бингар миёни дӯстони нек ва бад ва бо ҳарду гурӯҳ дӯстӣ кун. Бо некон бо дил дӯстӣ кун ва бо бадон ба забон дӯстӣ намоӣ, то дӯстии ҳарду гурӯҳ туро ҳосил бувад, ки на ҳама ҳоҷатӣ ба некон афтад, вақт бошад, ки ба дӯстии бадон низ ҳоҷат афтад. Ва агарчӣ раҳ бурдани ту наздики бадон ба наздики некон туро костӣ физояд, чунон ки раҳ бурдан наздики некон ба наздики бадон обрӯй физояд ва ту тариқи некон нигаҳ дор, ки худ дӯстии ҳарду қавм туро ҳосил ояд».

Ин пандҳо солҳои 1082–1083 — даҳ аср пеш таълиф шудаанд ва имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Чуноне таъкид кардем, тарзи зисти инсон, шароити зиндагии ӯ тағйир ёфта нав мешавад, вале табиат ва рӯҳияи ӯ қариб дигар намешавад. Ҳазор сол пеш ҳам одамон дар ғами ёфтани дӯсти воқеӣ буданд, ҳамон замон ҳам одамоне буданд, ки шартҳои дӯстиро вайрон карда, ба кӯчаҳои номардӣ мерафтанд. Кайковуси донишманд, ки бахшида ба писари худ Гелоншоҳ асар таълиф мекунад, мехост ӯро аз фоҷиаҳо огоҳ кунад. Ба нуктаҳои муҳими андарзҳои вай эътибор диҳед:

«*ҳар кӣ аз дӯстон наяндешад, дӯстон низ аз вай наяндешанд*» – пеш аз гиламанд шудан аз дӯстон, ноҳақ айбдор кардани онҳо, ҳар яки мо бояд, ки айбро аввал аз худ ҷӯем, мисли табъи мо, нозук будани табъи дӯстонро низ ба ҳисоб бигирем;

«*чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯстони кӯҳан макун*» – халқ беҳуда нагуфтааст, ки «куртаи наву дӯсти кӯҳна беҳ». Ба хотири манфиатҳои муваққатӣ дӯсти нав пайдо карда тарки дӯстони кӯҳнаву озмудашуда аз рӯйи одоби инсонӣ нест;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«*аз эътиқоди дўстон дар ғофил мабош*» – ба мисли он, ки гўсфанд андаруни як пўст чандин маротиба фарбеҳу лоғар мешавад, ҳар гуна одам низ мумкин аст тағйир ёбад. Ғофил намондан — ин яъне ҳамеша огоҳ будан аст.

**Кайковус дўстонро ба ду тоифа ҷудо мекунад: 1. дўстҳои нонӣ; 2. дўстҳои ору номус.**

Ҳамин тавр, эҳсоси дўстӣ ва рафоқат як неъмати бузург буда, зеби ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад. Пас, эҳтирому эҳтиёт, гиромидошт ва риояи қоидаҳои дўстии ҳақиқӣ ба қудрати инсон қудрат, ба қувваш қувва зам хоҳад кард.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Барои чӣ инсон ба дўст эҳтиёҷ ҳис мекунад, мехоҳад, ки дўстонаш бештар бошанд?
2. Дар мақоли халқии «Риштаи дўстиро накан, чун банди гиреҳ монад» кадом таҷрибаи ҳаётӣ муҷассам аст?
3. Оё аз таърих ва адабиёт оиди дўстии ҳақиқӣ мисолҳо оварда метавонед?
4. «Дўстҳои нонӣ» кию «дўстҳои ору номус» кӣ?
5. Ба фикри Шумо барои ба душман табдил ёфтани дўст ва ба дўст табдил ёфтани душман чиҳо сабабгор мешаванд?
6. Аз рўйи расмҳо дар бораи он, ки дўстии байни халқҳо, мамлакатҳо аз ҳисоби чӣ мустаҳкам мешавад ва баръакс, ба ин дўстӣ кадом ҳаракатҳо рахна меандозанд, фикри худро гўед.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГӢ

Миллионҳо сол пеш аз ин, аз рӯзе, ки одамизод пайдо шудааст, инсонҳои бешумор дар оғӯши ҳамин Замин ба воя расида, умр гузаронда, ризқу рӯзӣ ёфтаанд. Ин ягона Модар-Замин аст, ки одамонро хӯронда, пӯшонда, ба онҳо сарпаноҳ шуда, шуста пок мекунад ва ба туфайли ҳамин ҳам мӯътабар аст. То ба ҳозир инсоният барои худ дигар макони зист наёфтааст, шояд ёфта ҳам натавонад. То ба ҳанӯз одамҳо аз осмон боридани борон, барфу жоларо дидаанд, лекин ягон маротиба боридани қаймоқро, афтидани нонро надидаанд. Яъне, ҳамин замин, ҳамин об, ҳамин ҳаво — табиат набошад, фарзанди инсон бо вай «забон ёфта», барои худ ризқ наофарад, як бурда ҳам нон аз осмон намеафтад.

**Пас, нигоҳ доштани табиат, ғамхорӣ кардан ба тақдири фардои он, ки ба мову Шумо, ба инсоният бойигариҳои беминнат дода, оғӯши саховатманди худро кушодааст, масъулият ва қарзи инсон мебошад.**

Сарвари диёри мо дар баланд шудани маънавияти инсон аҳамияти калон доштани табиат, муносибати пурмеҳр ба вай, ҳисси аз зебоиҳои он завқ бурданро алоҳида таъкид мекунад:

**«Наздикӣ ба табиат, баҳраманд шудан аз зебоиҳои беназири кишвари ҷоноҷон, ба маънавият озуқа медиҳад, пурзӯр мекунад»[1].**

Муҳофизати табиат, аз соҳиб шудан ба маҳорати оддии маданияти экологӣ оғоз меёбад. Ҳангоми дар кӯча рафтан агар коғази конфет ё пӯчоқи пистаро ба қуттии махсус неву балки ба ҳар ҷойи ростомада партоем, бо роҳрав нараф-

[1] **Islom Karimov**. Yoshlarimiz — xalqimizning ishonchi va tayanchi. —T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2006, саҳ. 54.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

та рӯ-рӯйи майса қадам занем, ду-се дона ғӯра меканам гуфта, шохи дарахтонро шиканем, лонаи паррандаҳоро вайрон созем, ба ҷӯйҳо ахлот партоем, ин ҳама аз бемаданиятӣ, бешафқатӣ, бефаросатии мо дарак медиҳад.

Дар замири мафҳуми «Маданияти экологӣ» дарки оқибатҳои ин ҳолатҳо, талабҳои мувофиқи қонунҳои табиат ва ҷамъият гузарондани ҳаёт муҷассам мебошад. Маданияти экологӣ ҳам қисми ҷудонашавандаи маданияти умумибашарӣ буда, нишондиҳандаи муҳими он ба ҳисоб меравад.

*Экология калимаи юнонӣ буда, аз «ойкос» — хона, ва «логос» — фан, сохта шудааст. Яъне, экология соҳаи илмест, ки шароити зист ва муносибати тарафайни ҷонзоди зиндаи мавҷудоти ҳастӣ яъне «хонаи табиат»-ро бо муҳити зист меомӯзад.*

Гарчи, ибораи «маданияти экологӣ» вақтҳои охир ба урф даромада бошад ҳам, одамизод аз замонҳои хеле қадим сар карда, малакаи ҳифзи табиат, муносибати эҳтиёткорона ба онро азхуд кардааст. Агар ба таърихи афкори қадимии динӣ назар андозем, дар онҳо муқаддас дониста шудани унсурҳои табиат, ҳайвон ва дигар ҷонварҳоро, ҳатто ба онҳо эътиқод карданро мебинем.

**Аз ҷумла, дар дини зардуштӣ ва китоби асосии он «Авесто», ки таърихи пайдоиши он бо кишвари мо вобаста аст, хок, об, ҳаво, чун асоси моддии дунё муқаддас дониста мешуд, ба оташ саҷда карда мешуд.**

Ҳаворо, обро ғализ кардан, на фақат ҳайвонот, балки ҷасади одамонро ҳам ба замин гӯр кардан, ба об партофтан, дар оташ сӯхтан гуноҳ ба ҳисоб мерафт. Барои заминро, обро, ҳаворо ифлос накардани ҷасади марҳумҳо, онҳоро дар зарфҳои махсуси сафолӣ дафн кардан ташкил шуда буд.

Дар давраҳои минбаъда ҳам меҳри халқи мо ба модартабиат афзуд, ки асло кам нашуд. Масалан, корҳои аз қабили ҳамеша тоза нигоҳ доштани ҳавливу ҷой, ҷӯйу ҳавзҳо, чоҳ ва сардобаҳо, парвариши гул ва ниҳолҳо, ободонии гирду атроф, як гул канда ба ҷойи он даҳ гул шинонидан – талаби оддии ҳаёт, чун қоидаи барои ҳама шарт муқаррар шуда буд. Аҷдоди мо, ки соҳиби маданияти волои деҳқонӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

буданд, дар хоҷагии қишлоқ обро сарфакорона истифода бурда, ба мақсади нигоҳ доштан ва афзудани ҳосилдорӣ киштҳоро иваз карда мекоштанд, усулҳои пешқадами фақат бо нуриҳои табиӣ ғизо додани заминро кашф карда буданд.

**Дар ҳаёти халқи мо ба об партофтани партов гуноҳи калон ба ҳисоб мерафт. Ба туфайли ҳамин аз ҷӯйҳое, ки аз кӯчаҳо, байни ҳавлиҳо ҷорӣ буданд, одамон бемалол оби тоза менӯшиданд, бачаҳо кулчаҳои гармро ба он тар карда мехӯрданд.**

Дини ислом ҳам ба масъалаҳои эъзози табиат, ба неъматҳои он шукрона овардан, нигоҳ доштан аз исрофкорӣ, нопокӣ алоҳида эътибор медиҳад. Аз ҷумла аз ояти 31-уми сураи «Аъроф»-и Қуръони Карим мехонем (тарҷумаи маъноҳои он): «Эй, авлоди Одам!... Хӯред ва нӯшед, (лекин) исроф накунед! Зеро Ӯ (Аллоҳ) исрофгаронро дӯст намедорад».

Дар яке аз ҳадисҳои шариф «Ҳатто дар рӯзи қиёмат ҳам дарахт шинонед» гуфта мешавад. Дар ин ҳадис маънои хеле чуқур муҷассам аст. Дар он, ба рӯзи оянда бо боварӣ нигаристан, ба бадбинӣ ва тарки дунё одат накардан, ба ҳамеша бой кардани табиат даъват як хел садо медиҳанд.

Ин ҳама аз он далолат медиҳад, ки халқи мо аз азал соҳиби тафаккур ва маданияти ба худ хоси экологӣ будааст.

**Маданияти экологӣ дар асоси якчанд омилҳо ташаккул меёбад. Муҳаббат ба табиат, дониш ва тасаввурот дар бораи табиат, тарбияи экологӣ, анъана ва арзишҳо, тарғиботи экологӣ аз ҷумлаи ҳаминҳо мебошанд.**

Акнун дар бораи ҳар яки он истода гузарем.

Хуб медонед, ки инсон ҳам чун тамоми мавҷудот фарзанди табиат, бачаи эркаи он аст. Аз бойигариҳои табиат, неъматҳои он ягон ҷонзод чун инсон бисёр истифода намебарад, баҳрананд намешавад. Агар эътибор диҳед, аксарияти ҷонварҳо фақат бо ёфтани хӯроки якрӯза маҳдуд мешаванд, ҷамъ овардани захира барои пагоҳ ё як ҳафта барои онҳо мутлақо бегона аст. Ба паррандаҳо, ки ҳар рӯз мебинед, назар андозед: оё дидаед, ки ягонтои онҳо, масалан, барои бегоҳ дон ҷамъ карда монад? Надидаед. Одамон-чӣ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба ин савол ҷавобро ҳамаи мо медонем ва ҳозир онро шарҳ намедиҳем. Ба ҷойи он, мулоҳиза рондан дар атрофи саволи оё ҳамаи одамон ҳам, ки аз табиат ҳамин қадар ризқ мегиранд, бойигариҳои онро беминнат азхуд мекунанд, табиатро дӯст медоранд, ба он бо эҳтиёт муносибат мекунанд, муҳим мебошад.

**Таъкид кардан ҷоиз, ки муттасил ба оғӯши табиат шитоб доштани одамон, аз хона, аз шаҳр баромада, ба оғӯши дашту саҳроҳо, қиру адирҳо, кӯҳу ҷангалҳо, сой ва дарёҳо роҳ гирифтани фарзанди инсон аз он дарак медиҳад, ки дар хуни одамӣ ягонагӣ бо табиат, ҳамоҳангӣ бо вай ҷой дорад.**

Руҳи дар хона, корхона хасташудаи одам ба оғӯши табиат баромада, якбора сабук, нав шуда, бардам мегардад. Кӯдаке, ки муддати зиёд модарашро надида, аз пазмонӣ ба танг омада, баробари дидани волидааш чӣ қадар дӯстдорӣ намуда, дар оғӯши вай худро фаромӯш кунад, фарзанди одам ҳам дар бағали табиат худро айнан ҳамин тавр ҳис мекунад. Чунки одам, тану ҷони ӯ, бе табиат, бе олами гирду атроф зиндагӣ карда, камол ёфтанаш мумкин нест. Бинобар ин, модар-табиатро дӯст надоштани инсон, ба нигоҳ доштани он ҳаракат накарданаш ҳам, дар асл гӯё мумкин нест.

Афсӯс, чун фарзанди нобакор, ки модари худро ҳурмат накарда, аз амали ба рӯйи модар пой мондан ҳам ҳазар намекунад, одамоне ҳам ёфт мешаванд, ки кӯшиш мекунанд аз табиат фақат гиранд, бойигариҳои онро беҳисоб азхуд намоянд. Ба назари ин одамон, бойигариҳои табиат тамом намешавад, онро парвариш, эҳтиёт намудан, дар бораи вай ғамхорӣ кардан шарт нест. Ба кирдори ҳамин одамон назар андозем, аз дасти онҳо чӣ қадар ҷабр дидани модар-табиатро мебинем. Масалан, онҳо ба мақсади истироҳат, сайр кардан ба кӯҳ ё доманакӯҳ, соҳили кӯли обаш мусаффо рафтанӣ бошанд, фикр намекунанд, ки



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

баъди онҳо ҳам ин гӯшаҳои дилрабо барои завқ бардоштани дигарон бояд ҳамин гуна нигоҳ дошта шавад. Ин одамон, ки аз маданияти истироҳат, дам гирифтан дуранд, амалҳои хунуки шохи дарахти сарсабзро шикаста чун ҳезум истифода бурдан, пӯчоқи сабзавот ва полизиҳоро ба ҷӯй ё кӯлҳо, шишаҳои аз нӯшокиҳои гуногун холишударо ба ҳар тараф партофтан, партовҳои дегу табақро дар обҳои равон чайқониданро чизи оддӣ медонанд. Ҳол он, ки кирдори онҳо дар оғӯши табиат захмҳои барқарорнашаванда боқӣ мемонад.

**Гарчанде табиат забон надорад – дардҳои худро гуфта, арз карда натавонад ҳам, ин гуна доғҳо, ки акнун дар рӯйи хушрӯ, зебои вай пайдо шуданд, ҳамаи моро аз чунин ҳолат бояд огоҳ намоянд.**

Пас, муҳаббат ба табиат, муносибати меҳрубон ба вай аз муҳимтарин ченакҳои инсонигарӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи он чӣ қадар тарбиядида будани одам, бомаданият, бофаросат будани вайро донистан мумкин будааст.

Дониш ва тасаввурот дар бораи табиат дар инсон кӯдакӣ оғоз ёфта, ташаккул меёбад. Дар боғчаҳои бачагон, аз бозичаҳои кӯдакон сар карда, то ба ҷевони либос ва ҷойи хоби онҳо, ҷилди болишту ҳавзчаи оббозӣ – дар ҳамаи ҷиҳозу ашёҳо тасвири гулу дарахтҳои гуногун, ҳайвоноти аҷоиб мешавад. Аз регҳои аз соҳили кӯл ва дарёҳо овардашуда, бачаҳо ҳайкалчаи ҷонварҳои гуногунро, дар болои кӯҳу адирҳо қалъаву қасрчаҳо месозанд.

Аксарият вақти бачаҳои деҳа дар оғӯши табиат мегузарад. Онҳо бӯйи баҳори омадаистодаро аз накҳати форами ҳулбӯи лаби ҷӯйҳо пай мебаранд. Чун мӯйҳои маҳини духтарон, алафҳои даруни ҷӯйро чайқондани обе, ки ҷӯйҳоро пур карда ҷорӣ мешавад, шаббодаи сард, ки аз тарафи кӯҳсорон мевазад, шунида шудани садои гӯсфанду баррачаҳо аз дур – ин ҳама як пораи ҳаёти бачаи қишлоқӣ, ба қисми ҷудонашавандаи тасаввуроти онҳо табдил меёбад. Ҳамсолони шаҳрии онҳо ба воситаи боғҳои ҳайвонот ва истироҳат, тамошоҳои сирк бо ҷонзодҳои табиат рӯ ба рӯ мешаванд. Пӯсташ хушрӯй ва нақшинкор бошад ҳам, хунук будани афти мор, баръакс намудаш хунук, бадафт



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



бошад ҳам, чӣ қадар беозор будани сангпуштро, чандон фарқ накардани намуди берунии гург ва саги хонагиро, чӣ қадар зебо будани чашми ҷайронро дида, тасаввур ва донишашон меафзоянд.

Дар дарсҳои мактабӣ мо акнун дар бораи сохти умумии табиат, иқлим, қитъа ва материкҳо, укёнус ва баҳрҳо, кӯҳҳо ва вулқонҳо, ҳайвонот ва олами растаниҳои рӯйи Замин соҳиби донишҳои аниқ мешавем. Масалан, агар сабабҳои дар ҳоли дар қутби Шимолӣ ё худ Антарктида макон ёфтани пиряххои абадӣ, барои чӣ дар бисёр ҳудудҳои Африка умуман наборидани барфро аз дарси «География» донем, панҷто чашм доштани оруро ё худ дар пойи малах ҷой доштани чашми вайро ба мо фанни «Зоология» мефаҳмонад. Ҳамчунин, аз газета ва журналҳо, телевидение ва радио, материалҳои Интернет, дар бораи табиати рангин, ҳайвонот ва нabототи кишварҳои аз мо даҳҳо ҳазор чақрим дур соҳиби маълумотҳои шавқовар мешавем.

**Ин дониш ва таҷрибаҳо тасаввуроти моро дар бораи табиат, қудрати он ва инчунин, чӣ қадар ба ҳимоя мӯҳтоҷ будани он бой мегардонад.**

Тарбияи экологӣ фақат бо мактаб маҳдуд нашуда, дар муҳити оила, маҳалла ҳам сурат мегирад. Дар Ӯзбекистони мо ба сариштагии ҳавлию ҷойҳо, кӯча ва маҳалла, шинонидани дарахтҳои мевагӣ ва манзаравӣ ин ҳудудҳо, тоза нигоҳ доштани ҷӯю заҳбурҳо эътибор дода мешавад. Ҳар сол чандин ҳашарҳо ташкил шуда, одамон дар корҳои ободонӣ иштирок мекунанд. Дар ин ҷараён бачаҳое ёфт мешаванд, ки ба калонсолон «Ман чӣ кор кунам, ба ман ҳам ягон кор диҳед» мегӯянд. Калонсолон заминро чӣ хел побел мекунанд, зери дарахтро чӣ хел нарм мекунанд, ба бехи гул бел чӣ қадар даровarda мешавад, дар буридани шох ва навдаҳои дарахт ба чӣ эътибор медиҳанд, анҷирро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чӣ хел қаламча мекунанд, ба зери токи ангур чаро кам об мемонанд – ҳамаи ин барои ҳамсолони Шумо дар асл, сабақи калон, таҷриба мебошад. Ин корҳо аз одам фақат қувва, арақи пешона не, балки хондан, дониш, сабру бардошт ҳам талаб мекунад.

Парвариши растаниҳо, эҳтиёт кардани ҳайвони хона, касал накарда парваридан, бо ин ҷонварҳои безабон «ҳамзабон» шудан ҳам қобилият металабад. Дар ин бора мақолҳои аҷоиби аз озмоишҳои давраҳои дурудароз гузашта ҳам ҳастанд. Инак, чанде аз онҳо:

**«Агар сафедӣ бошад, набуданат маълум намешавад» («сафедӣ» – ширу ҷурғот), «Ба мол хӯроки хуб диҳӣ, тобистону зимистон мепоядат», «Асп бошад, майдон ёфт мешавад, набошад, майдон шудгор мешавад», «Асп аз пояш фарбеҳ мешавад» ва ғ.**

Агар ҳамин гуна таҷрибаҳои халқи донои моро оид ба парвариши растанӣ ва олами ҳайвонот бо диққат азхуд кунем, малакаҳои ҳифзи табиат, парвариши онро омӯзем, олами гирду атрофи мо ҳам зебо шуда, дили мо ҳам равшан мешавад.

Дар ривоҷи маданияти экологии одамон, ҳаҷм ва таъсирнокии корҳои тарғиботӣ дар ин самт аҳамияти муҳим дорад. Дар замони ҳозира, як қатор ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, бунёдҳо, воситаҳои ахбори умуми мамлакат ба ин масъала эътибори хос медиҳанд. Аз экранҳои телевизор ва мавҷҳои радио материалҳо барои ҷалби эътибори одамон ба муаммоҳои ҳифзи табиат, ҳифзи тозагии об ва ҳаво, пешгирии тарқиши қабати озон, насӯхтани хазон ва партовҳо мунтазам дода мешаванд. Дар муассисаҳои таълиму тарбия, корхона ва идораҳо, гузарҳои маҳаллаҳо бо иштироки мутахассис-экологҳо сӯҳбатҳои давра ташкил карда шуда, шабҳои саволу ҷавоб, барои ҷавонон анҷуманҳои гуногун ороста шуда, ба оғӯши табиат саёҳатҳои маърифӣ ташкил намуда, ба ин масъала хусусан авлоди ҷавонро ҷалб намуда, даъват карда мешаванд, то ба хотирҷамъӣ дода нашаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Чунки имрӯз, дар рӯйи Замин муаммоҳои мураккаби экологие пайдо мешаванд, ки онҳо нафақат баъзе давлатҳо, балки ҳаёти ояндаи тамоми инсоният, зиндагии одамизодро зери хавфи ҷиддӣ гузоштанашон мумкин.**

Ба чунин муаммоҳо тарқиши қабати озони атмосфера, кам шудани захираи оби ширин, об шудани пиряххои абадӣ, ифлосшавии уқёнуси ҷаҳонӣ ва фазои кайҳонӣ, бошиддат кам шудани растанӣ ва ҳайвоноти нодир, ки ба «Китоби Сурх»-и дунё дохил шудаанд ва дигар муаммоҳоро номбар кардан мумкин. Беҳуда нест, ки воситаҳои ахбори умум аз ҳар нуқтаи ҷаҳон дар бораи зери об мондан, сӯхтор, кӯчишҳои хушкӣ ё худ обу ҳавои хунуки сахт хабар паҳн мекунанд. Ҳамчунин, мушоҳида мешавад, ки ҳар сол заминҷунбӣ, обхезии баҳру уқёнус, тӯфони даҳшатнок ба ҳаёти даҳҳо ҳазор одамон зомин мешавад. Ҳамаи ин, муаммоҳое, ки дар як рӯз пайдо нашудаанд, албатта. Дар замири аксарияти фалокатҳо, тағйиротҳо, ки дар табиат рӯй медиҳанд, асоратҳои вазнини хатоҳои фоҷиабори аз тарафи инсон роҳ додашуда, муносибати бешафқатонаи вай ба табиат хобидааст.

**Муаммоҳои экологӣ дар натиҷаи надонистани илми табиат ва бо роҳи зӯрӣ ба қонуниятҳои табиат дахолат кардани инсон ба вуҷуд меояд.**

Газ, буғ, партовҳои гуногуни заҳрнок, ки аз корхонаҳои калони саноатии фақат дар пайи фоида фаъолиятбаранда, заводу фабрикаҳои калону хурд, ки барои онҳо ашёи хом мерасонанд, воситаҳои гуногуни нақлиёт, ки ба нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон мешитобанд, боиси ба миқёси калон ифлосшавии муҳит гирду атроф, бошиддат тағйир ёфтани таркиби табиии ҳаво, об, замин мешаванд. Корҳои пухта фикр накарда ба амал баровардашаванда, ба монанди ба ҷойи истифодаи сарфакорона аз бойигарии табиӣ ба монанди об, исроф кардани он, бо роҳи зӯрӣ бунёд кардани сарбандҳои азим, электростансияҳо дар ҳудудҳои сейсмикии заминҷунбиҳои сахт, тағйир додани маҷрои табиии дарё ва сойҳо, албатта, мувозинати табиатро вайрон мекунанд. Аз ҳама хатарнокаш, ислоҳи ин хатоҳои роҳдодашуда, гашта барқарор намудани мувозинати вайроншуда, ниҳоят душвор мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Табиат низоми мукаммал аст. Онро низоми экологӣ меномем. Ба он дар асоси ақлу идроки солим муносибат карда, мувозинати онро вайрон накардан лозим.*

Афсӯс, ки ба мо аз давлати собиқ шӯравӣ муаммоҳои вазнини экологӣ ҳам мерос шуда монданд. Сарвари диёри мо ҳанӯз солҳои 90-уми асри гузашта эътибори аҳли ҷаҳонро ба ин масъала ҷалб карда буд:

**«Эҳёи маънавӣ-руҳӣ муносибатҳои инсонро ба замин ва бойигариҳои он ҳам бояд дар бар гирад...**

**Афсӯс, ки садсолаи охир махз ба низоми экологии минтақа зарари хеле калон расонида шуд. Қоидаҳои анъанавии одобу ахлоқи аҷдод дар соҳаи истифодаи табиат фаромӯш шуд. Аз рӯйи ин қоидаҳо об ва заминро ифлосу исроф намудан гуноҳи азим ба ҳисоб мерафт»[1].**

Калонтарин муаммои экологии минтақаи мо бо хушк шудани Баҳри Арал вобаста аст. Ӯзбекистон дар роҳи ёфтани ҳалли ин масъала, пешгирӣ намудани боз ҳам чуқуршавии ин муаммо, аз ҳар ҷиҳат муҳофиза намудани аҳолии ҳудуди соҳилҳои Арал, бисёр чораю тадбирҳоро ба амал мебарорад. Эътибори ҳамҷамъияти ҷаҳониро ба ин масъала ҷалб кардани роҳбарияти мамлакати мо ҳам, далолати он аст, ки муаммои Арал ба муаммои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Мувофиқи ҳамин, дар маърӯзаи Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов аз 20-уми сентябри соли 2010 дар маҷлиси ба мақсадҳои ривоҷи ҳазорсола бахшидашудаи Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида (Созмони Милали Муттаҳид) ин масъалаҳои муҳим аҳамият доштанд:

**«Фоҷиаи Арал мисоли равшани муносибати бемасъулиятона ба муаммоҳои экология аст. Арал як замон яке аз баҳрҳои нодир ва зебо буд. Дар ҳаёти як авлод ба ҳавзаи обии қариб хушк ва нестшуда табдил ёфт.**

**Тӯли чил сол, акваторияи Баҳри Арал 7 баробар танг, ҳаҷми об 13 маротиба кам, минералшавии он даҳҳо баробар афзуда, баҳрро ба ҳолати барои зисти организмҳо ғайриимкон овард. Дар натиҷа қариб тамоми**

---

[1] **Islom Karimov**. Xavfsizlik va barqaror taraqqiyot yo‘lida. / O‘zbekiston XXI asr bo‘sag‘asida. —Т.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 1998, саҳ. 131.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ҳайвонот ва олами наботот ба таназзул дучор ва нест шуд...**

**Бинобар давом доштани хушкшавии Баҳри Арал ва содир шудани фалокати гуманитарӣ дар атрофи он, нигоҳ доштани фонди табиии биологии соҳилҳои Арал, кам кардани таъсири ҳалокатовари инқирози Арал ба муҳити атроф, муҳимаш, ба ҳаёти садҳо ҳазор ва миллионҳо одамони сокини ин ҷойҳо муҳимтарин вазифаи имрӯз ба ҳисоб меравад»[1].**

Шукр, ки дар мамлакати мо дар солҳои истиқлолият дар боби муҳофизати табиати диёри мо, боз ҳам бой гардондани он, корҳои калон ба амал бароварда мешаванд. Аввало, ба мустаҳкам намудани асосҳои қонунии муҳофизати табиат эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Дар айни замон, дар давлати мо «Дар бораи муҳофизати табиат» (9 декабри 1992), «Дар бораи партовҳо» (5 апрели 2002), «Дар бораи об ва истифодаи об», «Дар бораи ҳудудҳои алоҳида муҳофизашавандаи табиат», «Дар бораи бойигариҳои зеризаминӣ» (ҳамааш 7 майи 1993) ва дигар қонунҳо, бисёр кодексҳо амал мекунад. Ин ҳуҷҷатҳои қонун ва зерқонун мувофиқи талаби замон такмил меёбанд. Ба иҷрои ин вазифаҳо нафақат ташкилотҳои давлатӣ, балки бисёр ташкилотҳои ҷамоатӣ ҳам фаъол ҷалб мешаванд.

**Аз ҷумла, ҷудо шудани 15 ҷойи депутатӣ дар Палатаи қонунофарии Олий Маҷлиси Ўзбекистон барои Ҳаракати экологӣ, намунаи амалии дастгирии ҳаматарафаи фаъолияти ин ҳаракати ҷамоатӣ гардид.**

Дар диёри мо эътибори аҳолиро ба нигоҳ доштани табиат ҷалб намуда, ба бардоштани маданияти экологии шаҳрвандон, дониш ва савияи онҳо аҳамият дода мешавад. Дар натиҷа, дар вилоят ва ноҳияҳои республикаи мо, бисёр боғу роғ, ҷангалзор, ҳавзаи нави обӣ, мамнӯъгоҳ

[1] Рўзномаи «Ma’rifat», соли 2010, шумораи 22-юми сентябр.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ташкил мешаванд. Ба масъалаҳои истифодаи самараноки об, замин дар хоҷагии қишлоқ, истифодаи технологияи чакрагии обёрӣ, хотима гузоштан ба нуриҳои кимиёвии заҳрнок, ба ҷойи онҳо андохтани нуриҳои табиӣ, инчунин беҳтар кардани ҳолати замин бо ёрии иваз кардани киштҳо эътибор афзуд. Бехатарӣ ва тозагии манбаъҳои оби нӯшокии табиӣ, ки аҳолиро бо об таъмин мекунанд, мунтазам назорат мешаванд. Дар корхонаҳо асбобу ускунаҳои замонавии аз ҷиҳати экологӣ безарар гузошта, технологияҳои бепартов ба роҳ монда мешаванд.

**Ҳамаи ин корҳои савоб, албатта, нафақат бо назардошти манфиати одамоне, ки имрӯз ҳаёт мебинанд, балки бахту саодат ва истиқболи дурахшони авлодҳоеро ҳам ба назар мегиранд, ки дарояндаи наздик ва дур дар ҳамин Модар-Замин бояд умр ба сар баранд.**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Барои чӣ инсонро фарзанди табиат меномем?
2. Ба оғӯши табиат наздикӣ ҷустани одамон аз мавҷуд будани кадом хусусиятҳо дарак медиҳад?
3. Маданияти экологӣ ба ивази кадом дониш ва малакаҳо ҳосил мешавад?
4. Сабаби бошиддат зиёд шудани муаммоҳои экологӣ вақтҳои охир дар чист?
5. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба сифати муҳимтарин муаммоҳои экологӣ чиҳоро нишон додан мумкин?
6. Аз рӯйи расмҳо оид ба табиат ва ҳифзи он ҳикоя тартиб диҳед.

А)


В)


Б)


Г)




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАБИАТИ БА МО ШИНОСУ НОШИНОС

### *(Машғулияти амалӣ)*

Барои ташкили ин машғулияти амалӣ, аввало, тамоми донишомӯзони синф дар бораи табиат, растаниҳо, олами ҳайвоноти ҳудуди зисти худ маълумот тайёр мекунанд. Баъзе намунаҳои онҳоро (масалан, гулҳои дар тубак парваришшаванда, барги дарахтҳо, мева, паррандаҳои хонагӣ, сангпушт, ҳашароти безаҳр, оби чашма ва монанди ҳаминҳо) ба ҷойи машғулият овардан ҳам мумкин.

Ҳар як донишомӯз дар бораи чизи интихобкардаи худ то қадри имкон бештар маълумоти илмӣ ҷамъ оварда, ба ҳамсинфон нақл карданаш лозим. Барои ин, аз китобҳои «Ўзбекистон Миллий энсиклопедияси», «Болалар энсиклопедияси», адабиёти доир ба олами ҳайвонот ва набототи китобхонаи мактаб истифода бурдан мумкин. Гузашта аз ин, дар бораи ин ё он дарахт, растанӣ, гул, ҳайвон, ҳашарот ё оби чашма дар хона аз калонсолон пурсида, дониста гирифтани ҷиҳатҳои ба худ хоси онҳо мавҷуд аст.

Ба аниқ кардани маълумотҳои зерин аҳамият диҳед:

– Дарахт, растанӣ, гул дар ҳоли ёбоӣ месабзад ё хонагӣ карда шудааст?

– Онҳоро хонагӣ кардан умуман мумкин аст ё не?

– Онҳо кай гул мекунанд, кай мева мебанданд, кай барг мепартоянд?

– Муддати умри онҳо чӣ қадар – яксола ё бисёрсола?

– Вақтҳои охир онҳо зиёд мешаванд ё баръакс? Сабаби он дар чист?

– Онҳо чӣ хел афзоиш меёбанд?

– Онҳо чӣ хусусияти шифобахш доранд?

– Ҳайвон, парранда, ҳашарот ёбоӣ аст ё хонагӣ?

– Онҳо озуқаро аз куҷо меёбанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Вақтҳои охир онҳо зиёд мешаванд ё баръакс? Сабаби он дар чист?

– Дар парвариши онҳо ба чӣ бештар эътибор додан лозим?

– Муддати умри онҳо чӣ қадар?

– Чизи омӯхташаванда дар низоми экологии кишвари мо чӣ аҳамият дорад ва дигар масъалаҳо.

Ҷавобҳои шавқовар ба ин ва дигар саволҳо, фикр мекунем, ки дониш ва тасаввуроти Шумо ва ҳамсинфони Шуморо дар бораи мӯъҷизаҳои табиат, ки баъзан дар назар беэътибор будем, бойтар мекунанд. Ин таҷрибаи маърифатӣ бошад, Шумо ва дӯстони Шуморо даъват мекунад, ки ба ҳар як гиёҳ, мавҷудот бо эътибор муносибат намоед. Ҳамин тариқ, соҳиби малакаи ба модар-табиат бо муҳаббат, меҳр, шафқат муносибат кардан мешавед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҚАДР КАРДАНИ ВАҚТ – МЕЪЁРИ МАЪНАВИЯТ

Донишомӯзи мӯҳтарам, биёед сӯҳбатамонро бо фикрҳои хеле ибратбахши сарвари диёри мо, ки ба мову Шумо — авлоди ҷавон муроҷиат карда гуфтааст, сар мекунем:

**«Ҳар як авлод саҳифаи ба худ хоси таърихро бояд худаш нависад»[1].**

Дар замири ин даъвати Президенти мо маънову мазмуни ниҳоят чуқур муҷассам мебошад. Чуноне, ки дар дарсҳои аввала таъкид намудем, мутафаккирони гузашта, алломаҳои барҷаста, саркардаҳои бузурги мо саҳифаҳои барои худашон ҷудокардаи таърихро бо ҳарфҳои заррин пур карда, кашфиётҳои бузурги илмӣ, маданӣ, бойигариҳои маънавиро на фақат барои мо, балки барои тамоми инсоният офарида, дар ташкили давлатдорӣ ва идораи он таҷрибаҳои нодир боқӣ гузоштаанд. Бо ин мероси хеле бой, албатта меарзад, ки фахр кунем. Вале дигар тарафи масъала ҳам ҳаст. Дар ин бора сарвари диёри мо эътибори авлоди имрӯза, аз ҷумла, ҷавононе ба воя расидаро ба масъалаҳои муҳими зерин ҷалб мекунад:

**«Бо гузашта фахр кардан даркор, ифтихор кардан зарур, лекин фақат бо ҳамин маҳдуд шуда мондан мумкин нест. Сабаб он аст, ки фақат бо обрӯи гузашта зиндагӣ карда намешавад»[2].**

Пас, аз ҳар як авлод талаб карда мешавад, ки арзишҳои ҷовидонро нигоҳ дошта, баробари содиқ будан, ин арзишҳоро боз бой карда, барои ривоҷи миллат ва мамлакат дар роҳи иҷрои бисёр корҳо ҷонбозӣ, фидокорӣ нишон диҳанд. Зеро, тараққиёти имрӯза, замони тезкор дар

[1] **Islom Karimov**. Yoshlarimiz – xalqimizning ishonchi va tayanchi. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2006, саҳ. 56.
[2] Ҳамон манбаъ, саҳ. 43.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

назди авлоди мо ҳам муаммо, талабҳои бисёр мегузорад. Ба ин талабҳо мувофиқ ҳаракат кардан, масъулияти ривоҷи соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоӣ-сиёсӣ, маданӣ-маърифии мамлакат, дар қатори бисёр вазифаҳо, истифодаи самараноки вақт, ҳар як рӯзро вазифаи муҳим кардааст. Дар қисми «Бузургтарин ҷасорат»-и китоби «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» Президенти мо оиди ин масъала чунин фикри муҳимро ба миён мегузорад:

**«Агар ба ман фармояд, ҳар рӯз, ҳар соат фидоӣ будан, худро қатра ба қатра, зарра ба зарра, монда нашуда, беист ба сӯйи мақсадҳои бузург сафарбар карда рафтан, ин фазилатро ба меъёри ҳамешагӣ, фаъолияти ҳаррӯза табдил додан – қаҳрамонии ҳақиқӣ ана ҳамин, мегуфтам»[1].**

Академик шоир Ғафур Ғулом бошад, дар шеъри худ «Вақт» чунин мегӯяд:

*Лаҳзаҳои азизи асри азиз,*
*Қадри худ пурсад аз азизони мо.*
*Фурсати он бувад, ки бо шоҳбайт*
*Дафтари умрро диҳем оро.*[2]

**Ба мисли ҳар як авлод, ҳар як инсон ҳам дафтари умр дорад. Ин дафтарро бо «шоҳсатрҳо» – корҳои нек, хубиҳо оро додан дар дасти худи мо аст. Дар он фурсатро ғанимат дониста, вақтро қадр кардан хеле муҳим аст.**

Хӯш, барои чӣ шоир ба вақт – ба фурсат ин қадар эътибор медиҳад, онро «лаҳзаҳои азиз» гӯён таъриф медиҳад?

Рости гап дар синну соли Шумо комилан дарк намудани қадру қимати вақт чандон осон нест. Ин кор аз воқеият ҳам андаке дур аст. Чунки дар айни замон дар назари Шумо умр бе ҳадду канор асту дар он ҳама чиз мисли пештара буданаш ҳолати табиӣ аст. Бо вуҷуди ҳамин дар бораи чӣ будани вақт, чӣ гуна самаранок истифода бурдани он дониста гирифтани баъзе маълумотҳо бароятон манфиатбахш хоҳад буд.

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 165–166.

[2] Тарҷумаи шоир Ҷаъфар Муҳаммад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бояд таъкид кунем, ки маънавият дар асоси тартибу қоидаҳо зистанро талаб мекунад. Зеро танҳо дар ҷойе маънoю мазмун мешавад, ки агар интизом муқаррар бошад. Чунин зарурат инсонро водор месозад, ки ба қадри вақт расад.**



Зарурати ба қадри вақт расидан дар мақолу ҳикматҳои халқии мо низ акси худро ёфтааст. Аз ҷумла «Вақтат рафт — накдат рафт», «Фурсат — оби равон», «Вақт ҳаками одил аст».

Акнун як фикр карда бинед: барои чӣ халқ бесамар гузаштани вақтро ба аз даст рафтани нақд, яъне имкониятҳо баробар медонад? Охир вақт беҳадду канор бошад, агар ягон кор имрӯз неву пагоҳ ба иҷро расад, магар Осмон ба Замин меафтад?

Ҳама гап дар ҳамин аст! Ҳарчанд вақт беҳадд, адонашаванда ба назар расад ҳам, умри инсон сарҳад – охир дорад. Орзуҳои одам бошад беканор. Расидан ба ҳамаи ин орзуҳо душвор бошад ҳам, барои то қадри имкон ба амал баровардани бештари он вақтро набояд бой дод.

Шумо ҳаракатҳои ҷавонон ва калонсолонро, хусусан одами солхӯрдаро муқоиса кунед. Аз сабаби набудани бори масъулият ва ӯҳдадорӣ ҷавонон асосан ҳузуру ҳаловати худ ва шавқовар гузаронидани вақтро фикр карда, ба дарди дигарон бепарво мешаванд. Баробари калон шудани синну сол, одам кӯшиш мекунад, ки то қадри имкон бештар ба кори манфиатнок машғул бошад. Барои ӯ ҳамеша вақт кам аст, ба ибораи халқ гӯем, «барои сар хоридан вақт намеёбад».

Пас, таъсири вақт ба ҳаёти инсон хеле пурзӯр аст. Бинобарин, истифодаи оқилона аз вақт, ҳисоб доштан бо вақт, дар асоси вақт ҳаракат намудан муҳимтарин омилҳои маънавият мебошанд.

Дар истифодаи оқилона аз вақт тақсими ҳар як дақиқаи он мавқеи муҳим дорад. Умуман, вақтеро ки мо дар ихтиёри



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

худ дорем ба ду қисм тақсим кардан мумкин: вақти шуғл бо кор ва вақти холӣ. Дар вақти шуғли худ инсон ба нафъи худ, оила, ҷамъият ва халқ машғули ягон кор мешавад.

Вақти холӣ бошад, вақте аст, ки инсон аз машғулият бо фаъолияти кору хизмат фориғ аст. Дар вақти холӣ инсон истироҳат мекунад, ба мақсади барқарор намудани нерӯи ҷисмонӣ ва ақлии худ андармони амалҳои вақтхушӣ ва шавқовар мешавад. Ба зумраи чунин амалҳо тарбияи фарзандон, мутолиаи китоб, машғулиятҳои варзишӣ ва санъат, сайру саёҳат дохил мешаванд. Вақти холиро низ одам метавонад фаъолона гузаронад. Вақти холии ба ин тарз истифода шуда, одамро на фақат аз ҷиҳати ҷисмонӣ дам медиҳад, балки барои ривоҷи ӯ аз ҷиҳати интеллекуталӣ низ омил мегардад. Масалан, касе, ки спектакли дар асоси асари драмавӣ ба саҳна гузошташударо тамошо мекунад, дар давоми ҳамагӣ ду соат ғизои бойи маънавӣ ва маърифӣ мегирад.

Машғулиятҳое, ки мувофиқи амалҳои шавқовари худи шахс ва аз рӯйи хоҳиши аҳли оила ташкил карда мешаванд, вақти холиро пурмазмун ва моҳияти чуқур пурра мекунанд. Баръакс, танҳо бо хоб ва бекорӣ гузаронидани вақти холӣ бошад ба монанди ба бод додани умр аст.

Ҳаёти ҳаррӯзаи инсон дар асоси қатъӣ ташкил шавад, барои бекорӣ ва зиқшавӣ ҷой намемонад. Адиби франсуз Стендал гуфтааст, ки «Бекорӣ модари тангдилист».

**Бекорӣ ва зиқшавӣ одамро ба лоқайдӣ, бепарвогӣ, надонистани қадри вақт, рӯ овардан ба нӯшокӣ, кашидани сигарет, даст задан ба корҳои нопоки маънавӣ моил мегардонад.**

Пас, вақти холӣ барои касе бештар аз зар аҳамият дошта, ба такмили маънавии ӯ хизмат кунад, барои каси дигаре чун қуввае аст, ки ихтиёрашро аз даст гирифта, ӯро ба сӯйи ҷарӣ, сӯи фалокат тела доданаш мумкин.

**Ба ин маъно, ҳеҷ коре накарда, ба амале банд нашуда гузаронидани вақт барои одам хавфи ҷиддӣ ба миён меорад. Гап дар сари он аст, ки тафаккури инсон бефаъолиятӣ, халоъро намефоронад.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Одаме, ки бо машғулияти фоиданок банд нест гирифтори хуруҷи фикрҳои бемаънӣ ва моили вайронкорӣ мешавад. Одаме, ки вақти худро мустақилона идора карда, барои худ машғулияти нафъоваре пайдо карда наметавонад, ба доми дигарон ба осонӣ меафтад. Ҳамин тавр ҷавонон тадриҷан ба роҳи авбошӣ, дуздӣ даромадани худро нафаҳмида мемонанд.

Нафақат ин, балки баъзе ҷавонони шуурашон паст, ҷаҳонбиниашон танг ба фиреби гурӯҳҳои экстремистӣ афтида бозичаи дасти онҳо мешаванд. Онҳо Ватан, миллат ва волидайнро эътироф намекунанд. Агар ба роҳи ҳаётии онҳо, ки шуури онҳоро ҷаҳолат фаро гирифтааст, назар андозед, дар мактаб, дар дигар муассисисаи таълимӣ таълиму тарбияи дуруст надидаанд. Ба таҳсил меравам гӯён, таъзимкунон ба ҳуҷраҳо ворид шуда он ҷо «сабақ»-и нафрат ба инсон, душманӣ ба миллатро омӯхтаанд. Баъзе аз онҳо, дар хориҷа дар ба дар гашта, дар марказҳои ташкилотҳои экстремистӣ паноҳ ёфтаанд. Дар он ҷойҳо ба онҳо усулҳои қатли одам, вайрон кардани шаҳру деҳоти обод, адохтани ваҳму тарсро ба дили аҳолии осоишта омӯзонидаанд. Хуруҷҳои мудҳиши террористӣ, ки дар мамлакати мо 16 феврали соли 1999 ва 28–29 март ва 1 апрели соли 2004, ҳамчунин, 12 майи соли 2005 дар шаҳри Андиҷон содир шуданд, натиҷаи кирдори чунин нобакорҳо ҳисобида мешавад.

Чуноне ки мебинед, халқи мо мақоли «Аз бекор Худо безор»-ро беҳуда нагуфтааст.

**Бекорӣ дар қалб, шуур, имони инсон халоъ ҳосил мекунад. Ин қалбро ҳисси эҳтиром ба инсон, ҳисси шукрона ба Офаридгор, масъулият дар назди парвардигор ҳам тарк мекунад. Аз инсоне, ки қалби ӯро имону эътиқод, ҳисси муҳаббат ба Ватан тарк намудааст, ҳама гуна бадкирдориро мунтазир шудан мумкин аст.**

Қисми зиёди вақти холии Шумо дар давраи оилаатон мегузарад. Аз ин рӯ бояд аз ҳаракатҳои падару модари худ, аз асрори касбу ҳунари онон воқиф шавед. Дар роҳи соҳиб шудан ба дониш ва маҳорати барои ҳаёти ояндаатон зарур аз меҳнат сар накашед ва ба танбалӣ дода нашавед.

Ғайр аз ин, дар маҳфилҳои касбиву ҳунарӣ ва спортӣ, ки дар масканҳои таълим ва маданият, дар назди қумитаҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маҳалла ташкил шудаанд, Шумо имконият доред, ки вақти холии худро пурмазмун гузаронед. Тамошои кино, спектакл, барномаҳои ба синну сол мувофиқи телевизор, шунидани барномаҳои радио доираи тасаввури Шуморо васеъ гардонида ба бой шудани дид ва ҷаҳонбинии Шумо ёрӣ мерасонанд.

Асрҳост, ки инсон аз асарҳои бадеӣ ғизои маънавӣ бардошта, ба савол ва муаммоҳои худ ҷавоб меёбад. Асарҳои бадеӣ ҳам рӯзҳои ғамнок, ҳам лаҳзаҳои танҳоӣ, маслиҳатгари наздик, ҳамроҳи содиқ ба ҳисоб меравbooк.

**Ҳол он, ки ба фикри адабиётшиноси шинохта қаҳрамони Ўзбекистон Озод Шарофиддинов китоб — ин нахустин мўъҷизаи офаридаи инсон ҳисобида мешавад.**

Эътибор диҳед, олим китобро аз ҳафт мўъҷизаи олам, ки Шумо медонед пештар мегузорад. Сабаби ин чист?

Аввало, ҳама навигариҳое, ки инсоният то ба имрӯз офарид, ҳама кашфиётҳо, таҷрибаҳои илмӣ ва ҳаётии ҷамъовардаи он, дар оғӯши китобҳо ҷамъ омадаанд. Мутолиаи китоб аз одам ҳаракати иловагии ҷисмонӣ, сарфи бойигарии моддӣ талаб намекунад. Барои муомила ҳавсала ва ихлос кифоя.

**Дониш, таҷриба, завқ, илҳом, муҳаббат ба ҳаёт ва инсон, ки одам аз китоб мегирад, дигар аз ҳеҷ чиз ба ин дараҷа гирифта намешавад.**

Имконият ва афзалиятҳои намудҳои санъат, телевизор ва радио, компютерҳои замонавиро паст назада, гуфтан мумкин, ки онҳо ҷойи мутолиаи китобро гирифта наметавонанд ва ин ҳам мумкин нест. Ҳаҷми тағйиротеро, ки дар ҷараёни хондан дар тафаккур, шуур, тасаввури инсон рӯй медиҳад, дигар ягон машғулот таъмин карда наметавонад.

**Боз ба як чиз эътибор диҳед, ки тамоми динҳое, ки одамон дар ҷаҳон эътиқод мекунанд, ба инсоният дар шакли китоб тақдим шудаанд.**

Пас, таҳсин гуфтани одаме, ки дар вақтҳои холии худ то қадри имкон китоб мехонад. арзанда аст. Хусусан,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

китобҳои бадеӣ дар мустаҳкам кардани фазилатҳои инсонӣ, соҳиби маҳорати одамшиносӣ шудани Шумо, аҳамияти калон дорад. Адиби машҳури рус М. Горкий дар гуфтаи худ «Барои тамоми фазилатҳои неки худ ман аз китобҳо миннатдорам» муболиғае ҷой надодааст. Ё худ ба адиби шинохтаи гурҷӣ Нодар Думбадзе як зан ба мазмуни зер мактуб навиштааст:

«Вақте, ки дар бемористон бо бемории вазнин мехобидам, аз муоличаҳои духтурон дида, мутолиаи китобҳои Шумо ба сиҳат шудани ман бештар ёрӣ расониданд».

**Зимнан, ҳамзамони худро, ки завқи мутолиаи китобро, малакаи китобхониро азхуд накардааст, инсони дорои маънавияти воло ҳисобидан душвор аст.**

Дар халқ мақоле ҳаст: «Гашта дарё шавӣ, нишаста бӯрё шавӣ». Барои донистани назокати зебоӣ, фарохӣ ва рангорангии кишвар одам бояд вақти холӣ ба сафар барояд. Дар сафар одам аз манзараҳои табиат илҳом мегирад, ҷойҳо, чизҳои надидаи худро мебинад, бо одамони неку бад ҳамсӯҳбат мешавад. Чуноне, ки «якеро бин фикр кун, ҳазор бину шукр кун» гуфтаанд, одам бо ҳар гуна инсонҳо вохӯрда, кӯшиш мекунад хулосаи зарурӣ бардорад ва ҷаҳонро шиносад. Танҳо дар сафар инсон чӣ гуна будани пазмонии хона, маҳалла, шаҳру деҳот ва Ватани худро эҳсос мекунад. Дар ҷойҳои сафар одамон, одатҳо, ва арзишҳои маҳалли худро худро бо он ҷойҳо муқоиса намуда фарқи бисёр чизҳоро дарк мекунад, тасаввуроташ васеъ мешавад. Илова бар ин ҳини сафар дар инсон фазилатҳои инсонпарварӣ, меҳру оқибат, дӯстӣ пурзӯртар мешаванд.

Чунки ба туфайли сафар аз маърифати ёрону дӯстон баҳра хоҳӣ бардошт. Ҳангоми сафар бо дӯстон якҷоя будан, якҷоя хуфту хез кардан, бо ҳам хӯрок хӯрдан, роҳ паймудан лозим меояд. Феълу атвори неку бади инсон дар чунин лаҳзаҳо ошкор мегардад. Ба душвориҳо тоқат мекунад ё не, оё ӯ чизҳои ба худ маъқулро ба дӯсташ раво мебинад, ба ҳамроҳи зери хавф монда ёрӣ мерасонад ё мегурезад, ин ҳама дар сафар озмуда мешавад. Пас, сафар барои ҳар кас як санҷиш будааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Файласуфи бузург Арасту дар асри худ «Поэтика» ғояи «Зебоӣ дар меъёр аст»-ро баён кардааст.**

Ин гуфтаи мутафаккир фақат ба асарҳои санъат тааллуқ надорад. Дар ҳама чиз – дар таълиму тарбия, дар меҳнати ҷисмонӣ ё ақлӣ, дар истироҳату хоб рафтан ҳам риояи меъёр хуб аст. Дар ҷое, ки меъёр вайрон шавад, дар ҳамон ҷой тамоми низом аз кор мебарояд, парокандагӣ, бетартибӣ, охиру оқибат, вайронии ҷисмонӣ ё маънавӣ ба вуҷуд меояд.

Пас, ҳаёти худро бошуурона, мувофиқи мақсад ташкил кардани одам, омили муҳими самаранок гузаштани умри вай ба ҳисоб меравад. Касе, ки ба ҳеҷ кор машғул нашуда, лаҳзаҳои ба зар баробари умри худро ба бекорӣ ё корҳои бад мегузаронад, ҳатто дар хобаш ҳаловат намеёбад.

**Ба зебо ва фаровон шудани ҳаёти инсоне, ки ҳар дақиқаи умрро ғанимат дониста, ҳар рӯз кори савоб, бори одамонро сабук мекунад, ягон шубҳае нест.**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Кадом одам метавонад, ки вақтро тобеи худ кунад?
2. Дар замири мақоли «Вақтат рафт — нақдат рафт» чӣ гуна ҳақиқати ҳаётӣ ниҳон аст?
3. Кадом чораҳои бекор нагузаронидани вақти холӣ ҳастанд?
4. Дар бораи оқибатҳое, ки бекорӣ оварда метавонад, бо мисолҳои ҳаётӣ нақл карда метавонед?
5. Дар асоси суратҳои зерин, дар бораи чӣ гуна самара доданӣ истифодаи оқилонаи вақт нақл кунед.

А) 

В) 

Б) 

Г) 



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## НАВРӮЗ – ИДИ ҚАДИМТАРИН ВА АСЛИИ МИЛЛӢ

Донишомӯзи азиз, дар дарсҳои синфи 7 қисман гуфта будем, ки дар давраи собиқи шӯравӣ барои аз хотираи халқ баровардани арзишҳои миллии халқи мо, аз ҷумла, иди Наврӯз бисёр ҳаракатҳо шуданд. Хусусан, солҳои 80-уми асри гузашта, ки сохти шӯравӣ дар арафаи таназзул қарор дошт, ин хуруҷҳои манфӣ ниҳоят ба авҷ баромад, бар зидди Наврӯз «ҷанг эълон карда шуд». Ба ин ид бисёр санги тӯҳмату маломат андохта шуд. Аз ҷумла, онро иди динӣ ҳам гуфтанд, маросими бузургдошти одатҳои ақибмондаи феодализм ҳам номиданд, пешниҳоди ба ҷойи он ташкил намудани иди шӯравии ба ном «Навбаҳор» ҳам ба миён омад. Дегҳои пур аз сумалак, ҳалимро, ки одамҳо чун таоми идӣ мепухтанд, вакилони ҳукумати шӯравӣ ба хандақҳо рехта партофтанд.

**Ин ғайр аз поймол намудани қалб, хотираи таърихии миллат чизи дигаре набуд. Чунин амал бори дигар ба инсон ва инсонигарӣ бегона будани ғояи коммунистиро исбот мекунад.**

Дар асл Наврӯз иди табиат ба ҳисоб рафта, ба сиёсат, мафкура, дин алоқае надорад, он вақти баробарии шабу рӯз, ҷашни саршавии соли нав ва баҳор ҳисобида мешавад.

Рӯзи 21-уми март айнан 12 соат рӯз равшан, 12 соат шаб торик мешавад. Ин ҳол баробарии шабонарӯзи баҳорӣ ба ҳисоб рафта, баробарии шабонарӯзи тирамоҳӣ ба рӯзи 21-уми сентябр рост меояд.

Соли 1989 Ислом Каримов роҳбари нави Ӯзбекистон интихоб шуд ва ба хуруҷҳои шӯравии зидди халқ ва маънавияти он нигаронидашуда далерона зид баромад. Баъди он, ки вай масъалаи чун иди умумихалқӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро ба тартиби рӯз гузошт, умри дубораи ин иди бостонӣ сар шуд:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Мо ба наздикӣ масъалаи ба сифати иди анъанавӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро муҳокима кардем. Аз ҳар ҷиҳат бо диққату эътибор муҳокима кардем, сабақҳои давраи гузаштаро оид ба худсарона қабул кардан шудани қарорҳои зарарнок, ба халқ бегона, зери по шудани решаҳои асрии анъана ва урфу одатҳои моро ба ҳисоб гирифтем»[1].**

Солҳои истиқлол бошад, иди Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати пештар мислаш дида нашуда дар ҳаёти мо ба тарзи муносиб ҷой гирифт.

Дар асари «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» сарвари диёри мо ба мавқеи ин ид дар ҳаёти халқи мо ҳамин гуна баҳои баланд медиҳад:

**«Аз хусусиятҳои воло чун одамият, меҳру оқибат, мурувват ва ҳиммати ба халқи мо хос ғизо гирифтани фалсафаи Наврӯз, ки тимсоли навшавӣ ва некӣ мебошад, боз як тасдиқи тӯли асрҳо аз чӣ гуна ғояҳои бузурги умумиинсонӣ баҳраманд шуда, камоли маънавӣ ёфтани аҷдоди мо аст, гӯем, ҳеҷ гуна хато намешавад»[2].**



Дар ҳақиқат, ҳама гуна анъана, урфу одат, расму русум ба туфайли зарурати ҳаётӣ пайдо шудаанд. Онҳо ифодаи тарзи зист, руҳият, оламии маънавӣ, орзуву хоҳиши ҳамон халқ буда, ба ташаккули қиёфаи маънавӣ-ахлоқии авлоди оянда таъсири калон расонидаанд. Дар мазмуну моҳияти аксарияти анъанаҳо ғояҳое мехобанд, ки халқу миллатро ба некӣ, инсонпарварӣ ҳидоят мекунанд. Онҳо тибқи талаботи

[1] **Islom Karimov**. O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. –T.: нашриёти «O'zbekiston», соли 2011, саҳ. 122.

[2] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ.35.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

давр ҳам шаклан ва ҳам мазмунан нав шуда меистанд. Баъзе анъанаҳо аз рӯйи таъсири мусбии худ, аз рӯйи бардавомии умри худ ҳатто ба дараҷаи арзиши маънавӣ бардошта мешаванд. Яке аз чунин арзишҳои бардавоми маънавии халқҳои Шарқ Наврӯз аст.

«Наврӯз» — ин яъне рӯзи нав аст. Он ба оғози корҳои киштукори деҳқонҳо рост меояд. Аз номаш пайдо аст, ки ин ид рӯзе аст нав, рӯзи нави соли нав. Афсонаи Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшеди Пешдодӣ мебанданд. Фирдавсӣ мегӯяд:

*Ба Ҷамшед бар гавҳар афроштанд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Сари соли нав Ҳурмузи Фарвадин,*
*Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.*

Наврӯз иди хеле бостонӣ аст. Айёми қадима ва навқирон будани онро алломаҳои бузурги мо дар асарҳои худ асоснок намудаанд. Аз ҷумла, асарҳои «Осор-ул-боқия» («Ёдгориҳои аз халқҳои қадим боқӣ монда»)-и Абӯрайҳон Берунӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Хоҷаалии Тирмизӣ, «Ҳайрат ул-аброр», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Садди Искандарӣ» -и Алишер Навоӣ, манбаъҳои қиматбаҳое мебошанд, ки дар бораи Наврӯз ва таърихи пайдоиши он, урфу одат ва расму русуми ба он вобаста маълумотҳои муҳим медиҳанд.

**Бо таъбири Алишер Навоӣ ид кардани Наврӯз дар давраи подшоҳии Ҷамшед ба урф даромадааст. Мувофиқи маълумоти манбаъҳо пайдо шудани Иди Наврӯз таърихи чорҳазорсола дорад.**

Дар боби 12-уми достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Алишер Навоӣ дар бораи вохӯрии махфии Маҷнун ва Лайлӣ ба ифтихори Наврӯз, дар он аз ишқи Лайлӣ беҳуш шудани Маҷнун ҳикоя карда мешавад.

Дар «Наврӯзнома» Умари Хайём, гуфтааст, ки «Ҳар кӣ «Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузаронад ва ин таҷрибати ҳукамо аз барои подшоҳон кардаанд».

Дар сатрҳои зерини Фирдавсӣ ҳам қадимияти Наврӯз ифода мегардад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андар шинохт.*
*Ки чун хости дев бардоштӣ,*
*Зи Ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,*
*Нишаста бар ӯ шоҳ фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд бар он тахти ӯй,*
*Шигифтӣ фурӯмонда аз бахти ӯй.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Ба мо монда з-он хусравон ёдгор.*

Наврӯз — ҷашни шукуфоӣ, оғози рӯзи нав мебошад, ки ба бедоршавии табиат вобаста аст. Аз тарафи халқҳои Шарқ рӯзи 21 март чун рӯзи баробарии шабу рӯз, ба сифати соли нав, яъне рӯзи нав идона ҷашн гирифта мешавад. Он барои деҳқон оғози корҳои киштукор ба ҳисоб меравад. Барои одамон, ки аз рӯзҳои сарду пурбарфи зимистон баромадаанд, таомҳои аз витаминҳои табиӣ бой, ки ҷисму ҷонро чолок мекунанд, хеле хушу гуворо мебошанд. Маданияти бой ва бисёрсолаи пазандагии халқ ҳамчунин бо ихтирои таомҳои пур аз дорую дармони ба ҳамин давр мувофиқ ҳам сазовори таҳсин мебошад. Сумалак, ҳалим, самбӯсаи алафӣ, тушбераи алафӣ аз зумраи чунин таомҳо мебошанд. Бинобар ба дастурхони наврӯзӣ ҳусни хос бахшидани сумалак ва ҳалим, ба тарзи ба худ хос тайёр кардани сумалак ва ҳалим ташкил карда мешуд.

**Бедоршавӣ дар табиат ба қалб ва руҳияти инсон ҳам бетаъсир намемонад.**

Одамоне, ки аз сардиҳои зимистон хаста, аз шабҳои дароз монда шуда, андаке дилтанг мешаванд, ба пешвози равшанӣ, осмони соф, нурҳои ба тан форами офтоб, бедоршавии табиат мебароянд. Дар руҳияти онҳо ҳам шодию фараҳ ва табъи хуш пайдо мешавад.

Барои деҳқонон Наврӯз аломати ба худ хос — хати сарҳад ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин рӯз сар карда, деҳқон бехавотир ба замин тухм пошиданаш, ба сабзидани он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



хотирҷамъ шуданаш мумкин. Рӯзеро, ки барои ризқу рӯзии сол — дувоздаҳ моҳ дар мекушояд, ид накардан мумкин аст, магар?

Пас, Наврӯзро, ки халқҳои Шарқ қариб чор ҳазор сол инҷониб ҷашн мегиранд, эътироф, тантанаи ҳамоҳангии табиат ва инсон, ҳамтақдирии азалии байни онҳо гӯем ҳам хато намешавад.

Чуноне зикр кардем, Наврӯз иди меҳнат ва бунёдкорӣ аст. Ин рӯз инсон ҳам чун табиат хотима ёфтани зимистон, фарорасии рӯзҳои гармро ва дигар набудани роҳро ба ақиб ҳис мекунад. Деҳқон ба саҳро роҳ пеш мегирад. Замини зери барф мондаро шудгор карда, ҳамвор намуда аввалин тухми кишт — тухми ризқро мекорад.

**Наврӯз иди дидор, меҳру оқибати байни одамон, иди инсондӯстӣ аст**.

Дар ин рӯз дар қабристонҳо корҳои ободонӣ гузаронида шуда, қабри бузургон зиёрат карда шуда, аёдати пиронсолон, маъюбон, одамони танҳо, падару модарон сурат мегирад, дастурхони пурфайз ороста шуда мунтазири меҳмон мешаванд, ба одамони наздику дӯстдошта шириниҳо ҳадя мекунанд.

**Наврӯз тантанаи дӯстӣ, бародарӣ аст.**

Он на танҳо иди халқҳои Шарқ, балки сарфи назар аз миллат, дин, эътиқод тамоми миллатҳои сокини ин кишвар аз он баҳраманд мегарданд, ҳамдигарро аз наздик шинохта ба қалби ҳамдигар роҳ меёбанд.

Аз ҷумла, аз қадим халқи сулҳпарвар будани халқи ӯзбекро дар амал исбот мекунад. Халқи мо дар ҳамаи даврҳо, тарафдори ба ҳам осудаву осоишта, дӯсту бародарона зиндагӣ кардани халқу миллатҳо буд. Дар тартиби ҷашни Наврӯз, моҳиятии аслии он, маҳз ҳамин ғояҳо, мақсаду муддаоҳо мехобад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Наврӯз иди тансиҳатӣ аст.**

Чунки таомҳои табиӣ ва бой, ки ба муносибати ин ид пухта мешаванд, барои вуҷуди инсон кони шифо мебошад. Маданияти чандинсолаи пазандагии халқи мо бо ҳамин ҷиҳат сазовори таҳсин аст, ки таомҳо айнан аз доруву дармонҳои барои ҳамин давр зарурӣ пухта мешаванд. Сумалак, ҳалим, самбӯсаи алафӣ, тушбераи алафӣ ба зумраи чунин таомҳо дохил мешаванд. Сумалак ва ҳалим бинобар ба дастархони идона зеби хос бахшидани худ, дар асоси тайёрии алоҳида пухта мешаванд.

Агар ба пухтани ҳалим мардҳо банд шаванд, сумалак асосан базми занону духтарон ба ҳисоб меравад. Дар атрофи деги сумалак занону духтарон, бачаҳо базми шодӣ ороста, афсонаю ривоят, латифаю чистон ва ҳикояю лапар гуфта дар ҳавои доира рақс мекунанд. Ҳар инсоне, ки ба маъракаи сумалакпазӣ омадааст, бо нияти нек дег мекобад. Сумалак пас аз тайёр шуданаш, ба ҳар оила тақсим карда мешавад. Сумалакро инчунин одамоне мепазанд, ки ният кардаанду фарзандонашон аз сафари дур саломат баргаштааст, фарзанд ё набера дидаанд, дар ҳаёт ба муваффақияте ноил шудаанд, аз беморӣ сиҳат ёфтаанд. Ҳангоми дар оила пухтани сумалак ҳам, аҳли маҳалла, хешу ақрабо кӯшиш мекунанд, ки ба он саҳме дошта бошанд, зеро ин кори савоб аст. Мегӯянд, ки онҳое, ки аз як дег хурок хӯранд, ба мисли хешу ақрабо ба ҳам наздик мешудаанд.

**Наврӯз иди муждарасон аз орзуву умед ва рӯзҳои дурахшони фардо аст.**

Ин рӯз одамон ба ҳамдигар бахту саодат, тансиҳатӣ, ба оилаҳои ҳамдигар файзу барака, ба халқу кишвар сулҳу осоиштагӣ таманно медоранд. Ният мекунанд, ки то ба Наврӯзи оянда ҳама сиҳату саломат расанд, сол фаровонӣ шавад, тӯю тамошо зиёд бошад.

**Наврӯз — бо тамоми мазмуну моҳияти худ одобномаи ибратбахш аст.**

Иди Наврӯз аз як рӯз то як моҳ таҷлил гардида, урфу одат, расму русумҳои марбут ба он аз авлод ба авлод мерос мондааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ин ид, ки бо садои дилрабои карнаю сурнай оғоз меёбад, дорбозҳо, масхарабозҳо, полвонҳо, сароядагон, созандагону навозандагон, раққосаву бахшиҳо санъати худро намоиш медоданд. Иштирокчиёни тантанаҳо шоҳиди бозиҳои гуногун, мусобиқот, пойга, гӯштин, шамшербозӣ мешуданд. Дар ҷойҳои баргузории тантанаҳо намунаҳои санъати амалии халқ аз қабили косибӣ, заргарӣ, дуредгарӣ, гаҷкорӣ, сангтарошӣ, кулолӣ ба намоиш гузошта мешуданд. Ин ҳама, мазмун ва моҳияти идро боз ҳам бойтар мегардонд ва онро бо мазмуни ҳаёти ҳаррӯза наздик месохт.

**Наврӯз инчунин яке аз омилҳои муҳим дар роҳи халқи худро боз ҳам аз наздик шинохта, руҳияти онро дарк намудани ҷавонон мебошад.**

Лаззати ҳаёти осоишта, озод ва ободро чуқур дарк карданро одамон маҳз ба ҳамин рӯз рост меояд. Шумо ҳам агар худро фарзанди ҳамин халқ, ҳамин мамлакат донед, бояд, ки ҳам дар тӯй, ҳам дар азои халқ рост истода, дар паҳлӯи ҳамин халқ бошед! Зеро, ид танҳо барои шодиву хурсандӣ нест. Он инчунин воситае мебошад, ки эҳсосоти ҷовидонаи рӯҳияти халқро аз авлод ба авлод мегузаронад.

Иди Наврӯз тантанаест, ки барои бачаҳо ва наврасон як ҷаҳон шодиву сурур меорад. Ба он ҳам бачаҳо ва ҳам наврасон тайёрии махсус мебинанд. Барои онҳо анъана, одатҳо ва расму русуми Наврӯз хеле шавқовар буда, он ҳамаро бо диққат мушоҳида мекунанд, ҳар яке мекӯшанд, ки дар онҳо бо шавқу завқи том иштирок намоянд. Онҳо рӯзҳои Наврӯз дар бозиҳои аз қабили гӯштин, асптозӣ, пойга, рустшавакон, гӯшкашак, тезгӯяк, лӯхтакбозӣ, донакбазӣ, харсаворӣ бо шавқу завқ иштирок мекунанд.

Ҳамчунин дар ин ид, мусобиқаву озмунҳо аз рӯйи бисёр гуфтани намунаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ (мақол, шеър, латифа, афсона, достон) ташкил карда мешаванд.

Чуниин тадбирҳо, ки дар байни ҷавонон ташкил карда мешаванд, дар ташаккули шуур ва тафаккури миллии онҳо воситаи муҳим буда, дар ҷисман солим, аз ҷиҳати маънавӣ баркамол ба воя расидани ҷавонон аҳамият касб мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз тарафи давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ расондани ёрии васоият ба оилаҳои камтаъмин ва бепарастор ба тадбири савоббахш табдил меёбад. Ташкилотҳои давлатӣ, ҷамоатӣ, шахсони алоҳида, ки аз ҷиҳати моддӣ бақувватанд, ба хонаҳои «Саховат», «Мурувват», «Меҳрубонлик», интернатҳои махсус ёрии инсонпарварона мерасонанд, хусусан рӯзҳои ид фаъол мегарданд. Ин ҳама далели ҳаётӣ будани мақолҳои пурмаънои халқӣ мебошанд, ки чунин садо медиҳанд: «Роҳи дасткушода ҳамеша кушода», «Як диҳӣ, ҳазор диҳад».

**Чуноне, ки дар аввали дарс гуфтем, дар анҷоми он ҳам орзуҳои халқро, ки зебогии ҳаёт, табиат ва инсонро дар мисраъҳои ҷовидон ҷой додаast, ба ҳамаи мо таманно мекунем:**

**Наврӯзатон фирӯз бод,**
**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Кадом идҳоеро медонед, ки дар солҳои истиқлолият эҳё шудаанд?
2. Хусусияти иди Наврӯз дар чиҳо зоҳир мешавад?
3. Боз кадом неъматҳои баҳорро медонед?
4. Аз бозиҳои бачагона кадомаш ба Шумо бештар маъқул аст? Дар ҷойи зисти Шумо боз кадом бозиҳо ҳаст?
5. Аҳамияти сумалак ва ҳалим дар мустаҳкам намудани саломатии инсон дар чист?
6. Оё нафъи Наврӯзро ба инсон аз ҷиҳати руҳӣ, ҷисмонӣ, тарбиявӣ шарҳ дода метавонед?
7. Бахшида ва инъомҳои Наврӯз ва табиат газетаи деворӣ бароред.
8. Барои мустаҳкам намудани дарси гузашта аз адабиёти зерин истифода баред: **Султонмурод Олим**. Байрамларимиз. Т.: нашриёти «Маънавият», 2008, саҳ. 20–36; Наврӯз. Наврӯз билан боғлиқ қўшиқлар, афсоналар, одатлар ва иримлар. (Тузувчилар: Тўра Мирзаев, Маматқул Ҷўраев). Т.: нашриёти «Фан», 1992.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ХОТИРА – АРЗИШИ БУЗУРГ

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим, ки бо он одамизод аз ҳайвон фарқ мекунад, соҳиби хотира будани вай мебошад. Аз дарсҳои адабиёт медонед, ки каси хотира гумкарда ба манқурт табдил меёбад. Чунки чизе, ки инсонро инсон нигоҳ дошта, ба ӯ «ман»-ро ато мекунад, хотира аст.

**Одамеро, ки гузаштаи аҷдод, ҳафт пушт, оила, маҳалла, шаҳр ё деҳа, таърихи Ватанро намедонад, ба дарахте шабоҳат додан мумкин, ки аз решаи худ ҷудо шудааст. Чуноне дарахти береша нумӯъ накарда, ҳатман хушк мегардад, оянда и одаме, ки аз хотираи таърихӣ ҷудо аст, ҳамчунон бесамар хоҳад буд.**

Хотира — арзиши бузургест, ки таърихи миллат, арзишҳои он, фарҳангу маънавият, умуман симои миллатро муҷассам менамояд.

Афсӯс, ки собиқ давлати шӯравӣ, дар қатори дигар халқҳои таркиби худ, дар роҳи аз хотираи таърихӣ ҷудо кардани миллатҳои сокини кишвари Туркистон ҳам чӣ корҳое ба амал набаровард. Аз ҷумла, ба ҷойи дини ислом, ки халқҳои мо тӯли беш аз ҳазор сол ба он эътиқод меорад, атеизм — ғояи бехудоӣ дар байни тамоми табақаҳои халқ тарғиб гардид. Садҳо масҷиду мадрасаҳо хароб, ибодати озоди динии одамон манъ шуд. Ҳатто хондани ҷаноза, ба қабристон гусел кардани марҳум ҳам аз ҷиҳати мафкуравӣ хавфнок арзёбӣ гардида, ходимони маҳаллии корхонаҳои давлатӣ зери таъқибот гирифта шуданд. Оид ба мероси алломаҳое, ки ба ривоҷи илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд, лаб накушодан, ба авлоди худ бо бадномӣ шиносонидани аҷдоди маърифатпарвар, ватанпарвар аз қабили Амир Темур, Ҷалолиддин Мангубердӣ ба як ҳолати оддӣ табдил ёфт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Халқи моро ба сифати халқе, ки дар тамоми давраҳои таърихи худ дар ҷаҳолат умр ба сар бурдааст нишон дода, ба ҳукумати нав бедор кардани ҳисси эҳтиром мақсади асосии ин мафкура буд.**

Дар нимаи аввали асри XX ба пешонаи зиёиёни фидоӣ аз қабили Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдулло Авлонӣ, Фитрат, Чӯлпон, ки соҳибихтиёрии миллат, озодии халқи худро орзу мекарданд, айбномаҳои гуногун часпонида шуда, умри аксарияти онҳо хазон гардид. Ин гуна бадкориҳои мафкуравии давлати шӯравӣ то рӯзҳои вопасини он давом дошт.

Роҳбари республикаи мо Ислом Каримов зарурияти қатъиян хотима гузоштанро ба чунин бедодиҳо таъкид карда, 28-уми ноябри соли 1989 дар назди олимон чунин вазифаҳои дақиқро гузошт:

**«Ҷамъиятшиносон бисёр саҳифаҳои таърихи Ӯзбекистонро бояд аз нав нависанд, чунончӣ, ба ҳаракати миллии озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна дар солҳои саризм, ҷараёнҳои адабӣ-ғоявӣ дар солҳои 1920–1930, коллективонӣ ва дигар ҳодисаҳо дар асоси ҳуҷҷатҳо назар андозанд. Эҷод ва ҷаҳонбинии Беҳбудӣ, Усмон Носир, Чӯлпон, Фитрат ва дигаронро ҳам возеҳ ва холис таҳқиқ кардан лозим мешавад»[1].**

Солҳои истиқлолият бо ташаббус ва роҳбарии Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар эҳёи хотираи халқ, омӯзиши холис ва амиқи таърихи ҳазорсолаҳо тайшудаи он, ба ҳаёт ва хотираи халқ баргардонидани арзишҳои миллӣ-маънавӣ, ки ба фаромӯшӣ рӯ оварда буданд, корҳои азим амалӣ шуданд. Барқарор шудани масҷиду мадрасаҳо — қадамҷойҳои муқаддас, ки давраи шӯравӣ ба партовгоҳ ва вайронаҳо табдил ёфта буданд, ёдгориҳои фарҳангӣ, нашри намунаҳои мероси илмӣ-эҷодии шоирону нависандагон, олимону донишмандони миллатпарвар, ки «душмани халқ» сифат шуда буданд, дар бедории хотираи халқ, гиромидошти фидоиёни истиқлолият, аҳамияти ҳалкунанда бозиданд. Зеро, чуноне, ки сарвари мамлакати мо таъкид мекунад:

[1] **Islom Karimov**. O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida. –T.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 2011, саҳ. 91.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Чун ҳар кадом халқ арзишҳои миллиро дар асоси мақсаду муддаои худ ва дар асоси комёбиҳои тараққиёти умумбашарӣ ривоҷ дода, ба баланд бардоштани олами маънавии худ саъй мекунад, дар ин бора масъалаи хотираи таърихӣ аҳамияти хос дорад. Яъне, танҳо дар ҳоли пурра эҳё шудани эҳсоси хотираи таърихӣ, холисона ва ҳаққонӣ омӯхтани роҳи тайкараи халқ бо ҳама муваффақият ва зафарҳо, гумкунӣ ва қурбониҳо, шодӣ ва изтиробҳои худ, таърих ҳаққонӣ мешавад»[1].**

Дар асоси ҳамин тамоил, бино ба фармоиши Президенти Республикаи Ўзбекистон аз 12 майи соли 1999 дар мамлакати мо, акнун 9 май чун «Рўзи хотира ва гиромидошт» таҷлил мегардад. Ба ҳамин муносибат, қарори Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи абадӣ гардонидани хотираи фидоиёне, ки дар роҳи озодии Ватан ва халқ қурбон шудаанд» эълон карда шуд. Акнун дар поси хотир доштани аҷдод ва ба ҷой овардани эҳтироми ҳамзамонони мўътабари мо таҷлили «Рўзи хотира ва гиромидошт» аҳамияти муҳим касб мекунад.

«Рўзи хотира ва гиромидошт» аз рўйи моҳияти худ аз дигар ид ва анъанаҳои мо фарқ мекунад. Он на танҳо ба ёд овардани аҷдод, балки инчунин эҳтироми хотираи онҳое ҳам мебошад, ки дар мубориза барои Ватан ҳалок шудаанд, дар давраи мустабид гирифтори қатағон шудаанд, дар фаровонии халқ ва тараққиёти мамлакат саҳм гузоштаанд.

**Муайян намудани «Рўзи хотира ва гиромидошт» дар мамлакати мо бо ташаббуси бевоситаи Президент Ислом Каримов ба амал бароварда шуд.**

Гап дар он, ки то истиқлол, дар маркази тамоми ноҳияву вилоятҳо, муҷассамаҳо бо номи сунъии «Қабри аскари номаълум» барпо карда шуда, одамон дониставу надониста ба он ҷо саҷда меоварданд. Ҳол он, ки аз рўйи таъкиди сарвари давлати мо, ҳеҷ касе, ки ба ҷанг рафтааст наметавонад номаълум бошад, ному насаби ў, хотираҳо дар бораи

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 97.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

вай гум шуданаш мумкин нест. Ғайр аз ин, ба туфайли ҷустуҷӯйҳо дар солҳои истиқлол тақдири ҳазорҳо ҳамватанони «бедарак гум шуда»-и мо муайян карда шуд — ҳуҷҷатҳои дар кадом ҷанг ва кай вафот кардани онҳо ёфт шуд.

**«Чоп шудани китоби «Хотира» иборат аз 35 ҷилд, ки дар бораи онҳо маълумотҳо ҷамъ овардааст, дар таърихи мамлакат воқеаи ибратбахши маънавӣ шуд»[1].**

Хулоса, исбот карда шуд, ки фарзанди инсон бе ному нишон ба «аскари номаълум» табдил ёфтанаш мумкин нест. Дар натиҷа, дар Тошканд, марказҳои вилоят ва ноҳияҳо майдонҳои Хотира, дар соҳили наҳри Бӯзсуви пойтахт бошад, маҷмӯаи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» бунёд шуданд.

Сарвари диёр дар китоби «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» ба оқибатҳои мудҳиши қатағони оммавии солҳои 1937–1953 дар ҳудуди собиқ СССР алоҳида истода мегузарад. Аз ин китоб мехонем:

**«Барои тасаввур кардани оқибатҳои манфии он, фақат дар Ӯзбекистон ба қатағон дучор шудани қариб 100 ҳазор, ба қатл расидани 13 ҳазор нафарро ба хотир овардан кифоя аст. Дар байни ин одамон, ки қадру қимати инсонӣ, ҳаёташон поймол шудааст, нафақат арбоб ва зиёиён, балки садҳо одамони оддӣ, вакилони қариб ҳамаи миллатҳои диёри мо буданд. Дар ин давр аз оилаҳо ҷудо шудани одамҳо, маҳкум шудани занҳо ба бевагӣ, кӯдакҳо ба ятимӣ, ба кишварҳои дурдаст кулак карда фиристодани ҳазорҳо деҳқононро ба инобат гирем, даҳшати ин фоҷиаи халқи мо равшантар намоён мешавад»[2].**

Донишомӯзи азиз, як чизро хуб донед, ки таърихи 74-солаи давлати шӯравиро бемалол таърихи зӯровариҳои зиёд, таърихи қатағонҳои ошкор ё пинҳон ҳам номидан мумкин. Зеро, хунрезиҳое, ки аз табаддулоти моҳи октябри соли 1917 сар шуданд, баъдтар ҳам дар ин ё он шаклҳо мунтазам давом

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 100.
[2] Ҳамон манбаъ, саҳ. 98.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ёфтанд. Ин давлат, ки аз болои халқ ҳукмронии партияи ягонаро муқаррар карда буд, дар асри гузашта ҳам солҳои 30-юм, ҳам 40–50-ум, ниҳоят ҳам солҳои 80-ум қатағонҳои гуногунро ба амал бароварда буд. Агар газетаҳои баъди солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон – солҳои 1948–1953 чопшударо варақ занем, шоҳиди дар Ўзбекистон барои нобуд шудани 5–10 кг пахта, барои об ё алаф зер кардани ним гектар майдони пахта ҳам, ба ҳабсхона партофта шудани одамҳо, ба оилаҳои худ барнагаштани аксарияти онҳо мешавем.

Гузашта аз ин, солҳои 80-уми асри гузашта дар Ўзбекистон зери номҳои бофтаи «кори пахта», «кори ўзбекҳо», вақти охирин қатағон ҳам даҳҳо ҳазор ходимони хоҷагии қишлоқ ноҳақ айбдор карда шуда, қадру қимати инсонии онҳо зери по, ҳаёти онҳо поймол карда шуд.

Шукр, ки бо раҳбарии сардари диёри мо солҳои истиқлол ба ин беадолатиҳо, таҳқирҳо хотима гузошта шуд. Одамони бегуноҳ ба оғўши оила баргаштанд, номи поки онҳо сафед карда шуд. Дар абадӣ гардондани хотираи инсонҳои бегуноҳ қурбоншуда корҳои таърихӣ ба амал бароварда шуданд.

**«Ба мақсади адо кардани ҳамин қарзи инсонии худ, соли 2000-ум дар ноҳияи Юнусободи пойтахт, дар ҷойи ҷарии соҳили канали Бўзсув, ки Алвастикўпрук ном дошт ва солҳои қатағон ҳазорҳо фарзандони асили халқи мо қатл ва беному нишон гўр шуда буданд, маҷмўаи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» ва баъдтар бо ҳамин ном музей ва фонд (бунёд) ташкил шуд. Аз соли 2001 эътиборан рўзи 31-уми август дар диёри мо ба сифати рўзи хотираи қурбониёни қатағон ҷашн гирифта мешавад»[1].**

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 98–99.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Солҳои охир, ин ҷой боз обод карда шуда, дар баробари сохта шудани бинои иловагии музей, толорҳои он бо ҳуҷҷатҳо, ашёҳо, экспонатҳо, ки барои бой намудани хотираи таърихии мо хизмат мекунанд, ҷиҳозонида шуд.

Имрӯз майдони асосии мамлакат – Майдони мустақиллик тахти раҳбарии Президенти мо қиёфаи шинохтанашаванда касб кард. Ба ҷойи бетон ва асфалтҳои дағал, ки таҷассуми моҳияти баландпарвозӣ, беҳиссӣ, агрессивӣ, аз инсонӣ дури сохти гузашта буданд, майсаҳои сабз, гул ва дарахтони ранг ба ранг чун рамзи ҳаёт ва зиндагӣ кошта шуд. Майдони хотира, ки бо айвони нақшинкори ӯзбекона иҳота шудааст, дар тарафи шимоли майдон бо сукунати ҳамешагӣ. Дар тарафи дигар симои Модари мотамсаро, мунтазири ҷигаргӯшаи худ, дар рӯ бу рӯйи хотираи он сархам нишастааст. Ҳайкал рамзи бетимсоли модари ӯзбек ва зиёратчиёнро бефарқ намегузорад. Аз пойи Модар гулу гулчамбар канда намешавад.

Зери айвонҳои иборат аз сутунҳои муаззам саҳифаҳои тиллоранг ҳастанд, ки исми шарифи ҳамватанони аз ҷанги Дуюми ҷаҳон барнагашта, зодагони Республикаи Қароқалпоқистон ва ҳамаи вилоятҳо, инчунин шаҳри Тошканд навишта шудаанд. Номи азизи ҳамаи марҳумҳоро, аз ин саҳифаҳо, албатта, меёбед. Дӯстони ҳамяроқи онҳо, хешу ақрабо ба рӯйи курсиҳо нишаста, ба хотираҳои бепоён ғарқ мешаванд, ба руҳи гузаштагон дуою фотиҳа мехонанд. Дар асл, магар ҳамин нест, он ҳолати нек, ки дар дили ҷавонҳо қарзи маънавии гиромӣ доштани хотираи инсонро ташакул медиҳад, ки он аҷдод ва авлодҳоро ба ҳам пайваста, эҳсоси хешу ақрабогии байни онҳоро мустаҳкам менамояд?!

**! Дар ҳақиқат, рӯзи Хотира ва гиромидошт, ки ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти мо табдил ёфтааст, дар камоли ҳисси меҳру шафқат, мурувват, худшиносӣ, ба қадри ҳаёт расидан дар ҳамдиёрони мо, минбаъд ҳам аҳамияти муҳим касб мекунад.**

Донишомӯзи азиз, донед, ки дар ҳар як хонадон, маҳалла, ноҳия, вилоят бисёр одамҳои ба ҳурмату эъзоз муносиб гузаштаанд. Инчунин, ёдоварӣ намудани бобову



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

падарон, хешон, ҳаммаҳаллагиҳо, ки дар ҷанги машъум ҳалок шудаанд, хабар гирифтан аз ҳоли фахриёне, ки аз ҷанг баргаштаанд ва сафи онҳо рӯз ба рӯз кам мешавад, пирони мӯътабар, ки дар мамлакат меҳнат кардаанд, фарз ва қарзи муқаддас дар зиммаи мо ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, овардани гуфтаҳои зерини сарвари диёри мо, ба эътиқоди ҳаётии худ табдил додани ин мафҳум хеле муҳим мебошад:

**«Боварии комили ман ҳамин, ки кори савобро ҳар кас, кори савобро ҳар рӯз карданаш даркор»[1].**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Аз дарсҳои таърих оид ба кадом қатағонҳои дар давраи шӯравӣ ба амал бароварда шуда маълумот гирифтаед?
2. Дар давраи собиқ шӯравӣ доир ба поймол кардани хотираи таърихии халқ ва беқадр гардонидани арзишҳои маънавӣ кадом кирдукорҳо содир шудаанд?
3. Оё хотираи гузаштагон танҳо бо ёдоварӣ, гуфтани фазилатҳои хуби онҳо маҳдуд мешавад? Ба фикри Шумо аз зиндаҳо боз чӣ талаб карда мешавад?
4. Оё дар маҳалла, деҳаи Шумо иштирокчиёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳастанд? Аз онҳо чӣ хел ҳикояҳо шунидаед?
5. Фикри худро, дар бораи ба чӣ вобаста будани дар хотираи авлодҳо абадӣ мондани инсон нақл кунед
7. Шарҳ диҳед, ки дар расмҳои зерин кадом фазилатҳои неки халқи мо муҷассам шудаанд.


А)


Б)


В)

[1] **Islom Karimov**. Yoshlarimiz – xalqimizning ishonchi va tayanchi. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2006, саҳ. 67.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## КОРИ НАЗОРАТӢ

С у п о р и ш: *Дар мавзӯи «**Идҳои умумихалқӣ**» реферат тайёр кунед. Ҳангоми навиштани он ба инъикоси масъалаҳои зерин алоҳида эътибор диҳед:*

– сабабҳои пайдо шудани идҳо дар ҳаёти халқҳо, миллат ва қавмҳо;

– бо менталитети ҳар як халқ, табиати диёр, ҳаёти иҷтимоӣ, воқеаҳои муҳими тақдири он вобаста будани идҳо;

– фикру мулоҳизаҳо аз китоби «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch», ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд;

– корҳое, ки солҳои истиқлолият дар боби эҳёи урфу одатҳо, идҳои халқи мо, мазмунан ва шаклан боз бой гардонидани онҳо амалӣ шудаанд;

– мазмун ва моҳияти идҳои умумихалқӣ, ки дар солҳои истиқлолият асос гузошта шудаанд;

– маълумоти мухтасар дар бораи ҳар яке аз идҳои умумихалқӣ, ки дар Республикаи Ӯзбекистон қайд карда мешавад:

1-уми январ – Соли нав;
8-уми март – Рӯзи занон ва духтарон;
21-уми март – Иди Наврӯз;
9-уми май – Рӯзи Хотира ва гиромидошт;
1-уми сентябр – Рӯзи истиқлолият;
1-уми октябр – Рӯзи муаллимон ва мураббиён;
8-уми декабр – Рӯзи Конститутсия;
Иди Рамазон (Ид ал-Фитр) рӯзи якуми иди динӣ;
Иди Қурбон (Ид ал-Адҳа) рӯзи якуми иди динӣ;

– аҳамияти идҳои умумихалқӣ дар мустаҳкам намудани ҳамҷиҳатии халқу миллатҳои гуногуни сокини мамлакати мо;

– мавқеи ин идҳо дар ҳаёти маънавии халқи мо.

### Адабиёте, ки дар навиштани реферат истифода мешаванд:

1. *Islom Karimov*. Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 29–35.

2. *Sultonmurod Olim*. Bayramlarimiz. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2008.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДАРСИ ҶАМЪБАСТӢ

Донишомӯзи азиз, мана, машғулиятҳо оид ба фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият» ҳам дар ин соли хониш, ба охир мерасад. Дар ин давр ба соли Шумо сол, ба донишатон дониши нав зам шуда, тасаввуроти Шумо васеъ гардид. Аз ҷумла, ба мазмун ва моҳияти ғояи миллии мо, ки халқи моро ба истиқлол бароварда, дар роҳи ба кишвари озод ва обод табдил додани диёр, барпо намудани ҳаёти озод ва фаровон омили муҳим шуд, чуқуртар сарфаҳм рафтед.

Дорои решаҳои қадимӣ будани ғояи миллӣ ва маънавиятро, ниятҳои оличаноб, манфиатҳои ҳаётии тамоми одамони сокини ин диёрро дар худ муҷассам намудани ин мафҳумҳоро аз наздик ҳис кардед.

**Фаҳмидед, ки дар нигоҳ доштани сулҳу хотирҷамъӣ дар мамлакат, мустаҳкамии ҳамҷиҳатӣ, баланд бардоштани қудрати республика аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва маънавӣ мафҳумҳои аз қабили *осоиштагии диёр, равнақи Ватан, фаровонии халқ, инсони комил, ҳамкории иҷтимоӣ, тафоҳуми байнимиллӣ, таҳаммули байнидинӣ, худшиносии миллӣ, дарки инсон*, ки асоси ғояи миллӣ мебошанд, аҳамияти хеле муҳим касб менамоянд.**

Дар давоми дарсҳо дониш ва таҷрибаҳои Шумо ҳам доир ба пойдевори мустаҳкам шуда хизмат кардани маънавияти воло дар равнақи ҷамъият ва миллат ҳам як қадар бой шуд. Аз ҷумла, иқрор шудед, ки итоат кардан ба қонун, эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон хусусияти ҷудонашавандаи ҷамъияти демократӣ аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Шумо аз китоби «O‘zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida» дониста гирифтед, ки дар роҳи ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти мо ва ҷаҳонбинии мо табдил додани ин қадриятҳо фаъолияти Ислом Каримов чӣ андоза муҳим будааст.**

Дар дуруст ва пурмазмун ташкил намудани ҳаёти мо чӣ қадар аҳамияти муҳим доштани мафҳумҳои муҳаббат ба Ватан, садоқат ба халқу диёр, дӯстӣ, вафодорӣ, омилҳои маънавии аз қабили маданияти эҳтиёт кардани табиат, расидан ба қадри вақтро чуқур дарк кардед.

Чуноне гувоҳ шудед, бо ташаббус, иродаи қатъии сарвари диёри мо дар роҳи эҳёи хотираи таърихии дар давраи шӯравӣ поймолшудаи халқи мо, ба ҳаёт баргардонидани арзишҳои фаромӯшшуда, озодона қайд намудани идҳои миллӣ ва динии мо корҳои воқеан ба аҳамияти таърихӣ молик амалӣ шуданд.

Президенти мо дар китоби худ «Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch» ба масъалаи муҳими зерин эътибори мову Шуморо ҷалб мекунад:

**«Ноил шудан ба болоравии маънавӣ – ин кори яксола ё панҷ-даҳсола нест. Халқ, миллат маънавияти миллии худро дар давоми солҳо, асрҳо баланд бардошта, бой мегардонад. Чунки маънавият маҷмӯи шахшудаи ақидаҳо нест, баръакс, ҷараёни пайдарпайи ҳамеша дар ҳаракат буда, то ки тараққиёт давом мекунад, ба туфайли юриши бошиддати он талабҳо ба ҳаёти маънавӣ ҳам муттасил пайдо шудан мегирад»[1].**

Ҳамин тавр, ки бошад, донишомӯзони азиз, аз мову Шумо талаб карда мешавад, ки донишҳои худро дар бораи ғояи миллӣ мувофиқи ин замони тезкор бой гардонида, васеъ карда, дар роҳи обод кардани олами маънавии худ, аз ҳар гуна таҳдидҳо мустаҳкам ҳимоя кардани он, мунтазам ҷустуҷӯ кунем. Дар роҳи ин ниятҳои нек ба Шумо қувваю қудрат, илҳом ва эҷод ҳамеша ҳамроҳ бод!

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 171.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИҶА

*I Боби I.* **Ғояи миллӣ – ифодаи саъю орзуҳои нек**

Халқи бунёдкор ........ 3
Ғояи миллии мо ........ 8
Осоиштагии диёр ........ 13
Равнақи Ватан ........ 18
Фаровонии халқ ........ 23
Ободӣ аз тинат сар мешавад *(Машғулияти амалӣ)* ........ 27
Кори назоратӣ ........ 29

*Боби II.* **Ҳамоҳангии ғояи миллӣ ва ҳаёти маънавӣ**

Инсони комил ........ 30
Ҳамкории иҷтимоӣ ........ 36
Ҳамҷиҳатии байнимиллӣ ........ 41
Таҳаммули байнидинӣ ........ 45

*Боби III.* **Шартҳои муҳими маънавият**

Эҳсоси ҷамоа ........ 50
Дарки инсон ........ 55
Устувории қонун ........ 59
Маданияти истифода аз Интернет *(Машғулияти амалӣ)* ........ 67
Кори назоратӣ ........ 68

*Боби IV.* **Маънавият – саромили равнақи ҷамъият ва миллат**

Маънавият – асоси маданияти инсон ва ҷамъият ........ 69
Дӯстӣ – мафҳуми волои маънавӣ ........ 78
Маданияти экологӣ ........ 87
Табиати ба мо шиносу ношинос *(Машғулияти амалӣ)* ........ 98
Қадр кардани вақт – меъёри маънавият ........ 100
Наврӯз – иди қадимтарин ва аслии миллӣ ........ 108
Хотира – арзиши бузург ........ 116
Кори назоратӣ ........ 123
Дарси ҷамъбастӣ ........ 124

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

RAHMON QO'CHQOROV, SANOBAR NISHONOVA,
OYNISA MUSURMONOVA, MURTAZO QARSHIBOYEV

# MILLIY ISTIQLOL G'OYASI VA MA'NAVIYAT ASOSLARI

**Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 8-sinflari uchun darslik**

*(Tojik tilida)*

*To'ldirilgan va qayta ishlangan 5-nashri*

*Toshkent «Ma'naviyat» 2015*

Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаҳҳеҳ *А. Абдуқодиров*
Рассом *С. Соин*
Муҳаррири техникӣ *С. Шӯҳрат*
Саҳифабанди компютерӣ *Ш. Соҳибов*

Литсензия AI №189, 10.15.2011 дода шудааст. Ба чопи тарҷума 03.07.2015 имзо шуд. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи «TimesTAD». Бо усули офсетӣ чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 8,00. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,64. Адади нашр 6724 нусха. Супориши №15-318.

Нашриёти «Ma'naviyat». Тошканд, кӯчаи 2-юми сарбастаи Тараққиёт, 2. Шартнома № 51-15.

Дар матбааи Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон чоп шудааст. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30. 2015.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |

**Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| Хуб | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
| Нағз | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова кач шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гардидааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Ба муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE